ХАЛИФАБОБО ҶУМЪАЗОДА

# ДАРЁИ ЧАШМ

Душанбе
«Адиб»
2018

ББК 84 тоҷик7-5+74.00
Ҷ-84

Муҳаррир *Наср Бобои Сарфароз*

Ҷ-84 **Халифабобо Ҷумъазода. Дарёи чашм** *(маҷмӯаи шеърҳо)* – Душанбе, «Адиб», 2018, 176 саҳ.

«Дарёи чашм»-и Халифабобо Ҷумъазода офаридаҳои дар солҳои гуногун таълифкардаашро фаро мегирад.Тараннуми Ватан-Модар, эҳтироми бузургон, ситоиши илму маориф, ишқу муҳаббат, табиати рангини диёр мавзӯи асосии ашъори маҷмӯаро ташкил медиҳад.

ISBN 978-99947-2-525-0

© Нашриёти «Адиб», 2018

# ФАСЛИ ЯКУМ

# ГУЛХАНИ ИШҚ

*(Шеърҳо)*

## БЕҚАДРИИ МОДАРОН МАБОДО

Рӯзе, ки худравон, худкора мешавем,
Чун абри даргузар садпора мешавем,
Аз баҳри зиндагӣ овора мешавем,
Бар қадри модарон он вақт мерасем.

Гаҳ бехудӣ кунем аз шеваи шитоб,
Бар номи модарон нанвишта шеъри ноб.
Гоҳе, ки мерасад аз дардҳо азоб,
Бар қадри модарон он вақт мерасем.

Чанде барои худ азми сафо кунем,
Гум карда вақтро тарки сахо кунем.
Дар роҳи зиндагӣ ҳар гаҳ хато кунем,
Бар қадри модарон он вақт мерасем.

Рӯзе, ки гум шавад азми баробарӣ,
Афсона мешавад ёру бародарӣ.
Бар мо намерасад ин меҳри модарӣ,
Бар қадри модарон он вақт мерасем.

## ХУМОРИ ТИФЛӢ

Дард мерезад ба ҷисмат, модарам,
Дарди сахти бевафои рӯзгор.
Заҳмати дунё агар дидӣ басе,
Дидаӣ камтар сафои рӯзгор.

Баҳри бахти мо ба номи зиндагӣ,
Кардӣ ҳар як тори мӯятро сафед.
Қоматат хам гашта, меҷӯӣ асо,
Дидани рӯям дилат дорад умед.

Сад дареғи рӯзгори дуриам,
Лек дил бошад паи армони ту.
Тифли худро бинаму сӯзам, аҷаб,
Аз хумори тифливу домони ту

## РАҲОМӮЗ

Бувад модар раҳомӯзам,
Раҳомӯзи шабу рӯзам.
Алифбои ҳаёти худ
Аз ин устод омӯзам.

Агар ҷое равам ногаҳ,
Маро рӯзу шабон кобад.
Дилаш оинаи дунёст,
Маро ӯ зуд меёбад.

Ба ҳаққи шири поки ӯ,
Ки буд рӯзе ғизои ман.
Асои пириаш гардам,
Худо гардад ризои ман.

## МЕҲРИ ОЛАМГИР

Модари тоҷик бар дунёи ақл
Бас бузургони ҷаҳонро додааст.
Баҳри рушди илму фарҳанги замон
Рӯдакиву Ибни Сино зодааст.

Модари тоҷик Айнӣ зодааст,
Низ Furthermore Бобоҷону Турсунзодаро.
Меҳри оламгири модар зинда кард
Тифли ёди Лоиқи дилдодаро.

Модари тоҷик дар назми ҳаёт,
Ҳамчу санъаткор, оре, моҳир аст.
Ӯ ба шеъри «Алла»-и овозадор
То ба рӯзи ҳашр беҳин шоир аст.

## ПАЙВАНДИ ҶОН

Забони тоҷикӣ дар тӯли таърих
Бимонд эмин ба он зӯру мадораш.
Ғубороварда гум шуд аз мадораш,
Фишороварда таркид аз фишораш.

Ба рағми дидаи кӯри ҳасудон,
Забони тоҷикӣ пайванди ҷон шуд.
Барои маҳфилу дарбори шоҳон,
Чароғи равшани ҳусни баён шуд.

Фаро бигрифта он ашъори даврон,
Падид омад ҳазорон шеъру девон.
Ба бол афришта бурдаш рӯ боло,
Суруди тоҷикӣ рафта ба кайҳон.

Забони Рӯдакӣ бошад гуворо,
Ки дорад шеваи оҳанги тоҷик.
Намемирад, бимонад ҷовидонӣ,
Чун нури маърифат – фарҳанги тоҷик!

## ФУРӮҒИ АҚЛ

Агар модар ба дунё духтар орад,
Ба табъи «нозуки» марде нафорад.
Ба ҷои шукри Яздон, дур гардад,
Аз ин бахти наку парво надорад.

Шуда маъюсу мегардад ба ҷое,
Ки армоннахли ӯ боре надода.
Писар мехост, аммо ҳамсари ӯ
Барояш духтареро ҳадя дода.

Зи нафрат гоҳ-гоҳ ӯ духтарашро
Ҳамекардӣ ба ҳар навъе ҳақорат.
Намедонист, дар аснои пирӣ,
Зи дасти духтараш ёбад табобат.

Ҳамин духтар баҳои даҳ писар шуд,
Падарро давлати ҷону ҷигар шуд.
Зи эъҷози фурӯғи ақли духтар
Падар дар зиндагонӣ гулназар шуд.

## АРШИНМАҚОМ

Падар гар шуълаи чашми замон аст,
Вале модар чароғи хонадон аст.

Падар гар давлату ганҷи замона,
Вале модар ҷаҳони бекарона.

Падар гар шаҳсутуни зиндагонист,
Вале модар ба дунё ҷовидонист.

Падар бо ҳиммати худ беназир аст,
Вале модар тавонову кабир аст.

Падар гар неъмати хони саодат,
Вале модар бувад кони муҳаббат.

## ҶАВҲАРИ МАЪРИФАТ

Тоҷикон аз умқи таърихи куҳан,
Бо каломи сабзи даврон омаданд.
Бо суруди Рӯдакиву Мавлавӣ
Бар дари асрори кайҳон омаданд.

Тоҷикон ҳастии фарҳанги замон,
Ҷавҳари маърифати сайёраанд.
Баҳри дарки олами беинтиҳо
Ҳамчу рӯдеанд, агар садпораанд.

З-ин ба нури ақл дар авроқи даҳр
Номи худ бинвишта онҳо тоҷдор.
Сад ҳазорон ҷилди ҳикматҳои сабз
То кунун бошад зи эшон ёдгор.

Тоҷикон оинаи фарҳанги даҳр,
Кошифи таърихи асрори ҷаҳон.
Бо шумори ҷумла аркони сухан,
Тоҷикон – девони ашъори замон!

## ДУОИ ВОЛИДОН

Ба духтар аз шумо дасти дуо беҳ,
Барои амни сар ёди Худо беҳ.
Биёбад то дари бахту саодат,
Ҳаёту зиндагӣ аз ӯ ҷудо беҳ.

Зи заҳматҳоятон авҷу камолаш,
Бинозед аз қаду ҳусни ҷамолаш.
Шаби хурсандияш бо ашки шодӣ,
Бибахшоед панди безаволаш.

Мунаввар базми мо аз ҳусни рӯяш,
Ҳазорон байти нав дар орзӯяш.
Чароғи қасри мо бо шодмонӣ,
Гули нуре ато созад ба сӯяш.

Камоли ҷумла фарзандон муборак,
Навиди тозаи даврон муборак.
Шавад рӯзе, ки гӯяд садри аъзам:
Садои тифлаки гирён муборак!

## ОФАРАНДАИ КОХИ СУХАН

Миллати тоҷик аз даври қадим
Ҳастиашро бо сухан бунёд кард.
З-он ки ашъори бузургонаш ба завқ
Мардуми рӯйи ҷаҳон азёд кард.

Миллати тоҷик аз даври қадим
Сабз карда оламе аз шеъри тар.
Накҳати гулҳои боғи ҳикматаш
Ҳамчу атре шуд қабои ин башар.

Миллати тоҷик аз даври қадим
Рӯ ба ҳар як одати фархунда кард.
Офарид ӯ аз сухан кохи баланд,
Номи худро то абад поянда кард.

## МАНЗАРИ ТАҚДИРИ ШОИР

*Ёде аз устод Турсунзода*

Душанбе – ҷилваи тасвири шоир,
Душанбе – рӯҳи оламгири шоир.
Душанбе – Хизри раҳ, як пири шоир,
Душанбе – манзари тақдири шоир,

Зи ҳарфи бикри ӯ гардид машҳур
Душанбешаҳр бар ҳар кишвари дур.
Раҳи онро бихон бар хеш дастур,
Ба ҷои ғайбату таҳқири шоир.

Барои ваҳдати мардум камар баст,
Ба талхии ҳақиқат ӯ шакар баст,
Ниҳоят, нахли умедаш самар баст,
Сазад, фахрем з-ин тадбири шоир.

## ДАР ҶУСТУҶӮИ ТУ

Боз омадам ба сӯят,
Ҷоно, ба ҷустуҷӯят.
Қуфли дилам кушояд
Бӯсе зи холи рӯят.
Ваҳ, ваҳ, бувад гуворо
Атри хуши накӯят.
Моро ҳаловат орад,
Ҳар мушкбези мӯят.
Охир, куҷо шавам сер
Аз лутфи гуфтугӯят?
Лабташнае бимирам.
Дар ёди орзуят.

## ТИРИ ДИДА

Селакафтарҳои раҳро
Чун занам бо тири дида.?
Водареғу оҳ, дареғо,
Мераванд аз ман рамида.

Меравам вопас ба армон,
Сина аз ин саҳна пурхун.
Дар дилам ишқи нигоре,
Сӯзадам ҳар лаҳза афзун.

Нимараҳ аз селакафтар
Кафтаре бар ман назар кард.
Дар гумонам тири дида
Оқибат ӯро асар кард.

## ЁРИ ЯГОНА

Ёри ягона бошад,
Ишқу фасона бошад.
Ҳар ду лаби чу қандаш,
Анори дона бошад.

Ёри ягона бошад,
Чангу чағона бошад.
Дар базми навҷавонӣ
Шеъру тарона бошад.

Ёри ягона бошад,
Давлати хона бошад.
Чун гули маҳ ба паҳлу
Моҳи шабона бошад.

Ёри ягона бошад,
Шодии хона бошад.
Тифли муҳаббати дил,
Аз мо нишона бошад.

## РӮЗИ ИСТИҚЛОЛ

Пос дорам қатраи оби Ватан,
Гарду хоку резаи нони Ватан.
Шод дорам зиндагӣ дар доманаш,
Сабз умрам дар сари хони Ватан.

Рӯзи Истиқлоли тоҷик зинда бод,
Ҷашни Истиқлоли тоҷик зинда бод!

Буд як давре барои бахти мо
Ҳусни рӯзафзун Бухорои шариф.
Бар Душанбе Оли Сомон по ниҳод,
Шуд Душанбе чун Бухорои шариф.

Рӯзи истиқлоли тоҷик зинда бод,
Ҷашни истиқлоли тоҷик зинда бод!

Тоҷикистонам, диёри беназир,
Хишти кохи ваҳдатат фархунда бод!
Ранҷу озоре набинӣ, ҳеҷ гаҳ,
Шаҳсутуни давлатат поянда бод !

## ҚАҲРАМОНИ ТОҶИКИСТОН

Қаҳрамони Тоҷикистон шаш нафар,
Шаш абармарди диёри гулбасар.
Дар самои бахти миллат ҷовидон,
Чун зиёи дида чун Шамсу Қамар.

Айние, к-андар Бухоро зода шуд,
Марди роҳи кишвари озода шуд.
Рамзи сулҳу ваҳдати чархи фарох
Бо «Суруди сулҳ» Турсунзода шуд.

«Тоҷикон» - шаҳномаи халқи сабур,
Муъҷизе аз илми Бобоҷон Ғафур.
Ҳастии миллат, ба номи тоҷикаш
Меҳвари исботи ин шахси ҷасур.

Пури Раҳмон, Пешво - Эмомалӣ,
Сарвари бофазли мо – соҳибдиле.
Қаҳрамонро ҷоннисорӣ бар Ватан
Муътабар созад, бубахшад афзалӣ.

Нусратулло Махсуми бонангу ор,
Ҳифзи Меҳан баҳри ӯ будӣ шиор.
Номи Ширишоҳи Шотемур абад –
Сафҳаи сабзи китоби ин диёр.

## НАҚБИ АРМОН

Нақби Истиқлол армони диёр,
Орзуи сабзи халқи бахтиёр.
Аз фасона чун ҳақиқат шуд падид,
Бо талоши мардуми ваҳдатшиор.

Дар зимистон раҳ набудӣ то шимол,
Тарма буду барф буду ҳам шамол.
Модарон дар ёди фарзандони худ
Бо ду чашми чор доим дилкашол.

Тоҷику эрониён дасти ба даст
Синаи кӯҳи гарон бишкофтанд.
Офтоби толеи халқи маро
Аз паси абри сияҳ бартофтанд.

Сарварашро мефиристам офарин,
Шуд мунаввар кишвари меҳрофарин.
Санги андӯҳи гаронро пора кард,
Тешаи номуси мардони матин.

## СУРУДИ МИЛЛӢ

Миллатамро бахти нав иқбол кард,
Интихоби роҳи истиқлол кард.
Тоҷро ба сар ниҳод аз нав, чӣ хуш,
Даври навро нек истиқбол кард.

Ҳам нишону парчамашро сохт ӯ,
Ҳам ба ҳифзи мамлакат бархост ӯ.
То бидонад аҳли дунёи фарох,
Ҷовидон чун кӯҳи побарҷост ӯ.

Ҳамчу давлат дар ҷаҳон шуд эътироф,
Ҳарфи бадгӯёни миллат шуд газоф.
Чун сурудаш дар фазо парвоз кард,
Хуни нанг омад раҳи дилҳои соф.

Бас мутантан, ин суруди чун гуҳар,
Медамад гӯйӣ, ҳамеша чун саҳар.
Созу оҳанги Сулаймон Юдаков,
Ҳарфи пурмеҳраш зи шоир Гулназар.

Баҳри миллат ин ҳама бахти баланд, –
Орзуи тоҷикони сарбаланд.
Бо суруди миллиаш андар ҷаҳон
Гашта машҳур ин диёри арҷманд.

## ФИДОКОР

Сарвари мо ҷонфидои миллат аст,
Дар пайи бахту сафои миллат аст.
Ҳар куҷо бошад,забонаш тоҷикист,
Лафзи ширинаш садои миллат аст.

Пешво будан нишони хидматат,
Сарфи умри худ барои миллатат.
З-ин бидонад пиру барнои диёр
Раҳбари боор, соҳибдавлатат.

Сулҳу ваҳдат буд ҳама армони халқ,
Ҳамчу барги бед ларзон ҷони халқ.
Ҷуз мусибат,ашки талхи модарон,
Неъмати дигар набуд дар хони халқ.

Шукри беҳад, омадӣ бар тахти мо,
Ҳақ нагардонид рӯ аз бахти мо.
Бо талошу ҳиммати мардонаат
Бурдаӣ аз байн рӯзи сахти мо!

Халқи тоҷик аз азал ваҳдатсаро,
Дар мақоми маърифат дорад бақо.
Пешво дорад, раҳаш равшан бувад,
Тоҷикистон – манбаи нуру зиё!

## БЕЗАВОЛӢ

Яқин, Қуръони мо ганҷу нигин аст,
Китоби қудсӣ, аз чархи барин аст,
Муҳаммад Мустафо бо ҳақшиносӣ
Накӯпайғамбари рӯи Замин аст,

Саропо махзани фарҳанги миллат,
Ҳаёти он ҳаёти безаволист,
Барои худшиносӣ, дарси ибрат,
Китоби дини мо дар сатҳи олист.

Чу пайванди диле андар бари мост,
Барои ҳақталошӣ довари мост,
Ба нури маънияш ин гулшани бахт,
Бувад Шеде, ки боли сари мост.

## ИДИ ПУРФАЙЗ

Рӯзи нав омад ба мулки Ориён,
Иди пурфайзи диёри тоҷикон.
Ҷашни Наврӯзи Аҷам фархунда бод,
Накҳаташ чун «Бӯи ҷӯи Мӯлиён».

Рӯзи нав омад, саросар шаҳри мо
Аз чароғи гул, бубин, гулдӯзӣ аст.
Ваҳдату сулҳи диёри тоҷикон
Худ гувоҳи парчами пирӯзӣ аст.

Рӯзи нав омад ба оҳанги замон,
То расонад муждае бар зиндагӣ.
Анбарафшон шуд фазои кишварам,
Эй хушо, будӣ чунин гар зиндагӣ.

## СУРУДИ ТӮЁНА

Боз омад аз қазо рӯзи сафед,
Баҳри мо аз дур монанди дуруд.
Боз хуршеди саодат дар тулӯъ,
Мерасонад пайки шодиву суруд.

Марҳабо, эй ҳамдиёрон, марҳабо,
Бар нишоти базми ёрон марҳабо.

Аз латофатҳои ин маҳфил, аҷаб
Ханда мерезад зи рӯйи хандарез.
Соқиё, бо вазни шеъри ёр-ёр,
Илтиҷо, бар соғари мо бода рез!

Марҳабо, эй ҳамдиёрон, марҳабо,
Бар нишоти базми ёрон марҳабо.

Ҳар кӣ ояд шодии мо зам кунад,
Файзу нусрат оварад рӯзи саид.
Эй хушо, дар шоҳроҳи зиндагӣ
Ду диле бар олами руъё расид.

Марҳабо, эй ҳамдиёрон, марҳабо,
Бар нишоти базми ёрон марҳабо.

Мечашад аз меваи ширини бахт,
Ҳар кӣ мекорад ба дил тухми умед,
Моҳ бо лутфу муҳаббатҳои худ
Бар сараш резад ҳаме шеъри сафед.

Марҳабо, эй ҳамдиёрон, марҳабо,
Бар нишоти базми ёрон марҳабо.

## РӮЗИ ВАҲДАТ

Муборак бошад ин ҷашни фараҳрез,
Муборак бошад ин базми дилангез.
Ба рӯи миллати мо ханда бодо,
Шукӯҳи давлаташ поянда бодо.

Ба васфи Тоҷикистон месароям,
Ба Зуҳра мерасад ин гаҳ навоям.
Дари боғи сурудамро, азизон,
Ба рӯи пиру барно мекушоям.

Ҳамехонам суруди ошиқона,
Ба номи зиндагонӣ Лоиқона.
Ба рақс ояд дил аз сози дилошӯб,
Ки меояд ба оҳанги замона.

Миёни дӯстон бошад мурувват,
Ба душман ҳам замон, бодо, мадоро.
Набинӣ дар раҳи мо гарди биме,
Дили мо ҳаст чун оби мусаффо.

Ҷавонам ман, ҷавонам ман, ҷавонам,
Пайи мақсуд дарёи равонам.
Надорам давлате ҷуз Тоҷикистон,
Аз ӯ болад фазои ормонам.

## ТАМАННОИ ОШИҚ

Ба дастам номаатро дода бе ҳарф,
Гузаштӣ, аз барам бо шеваи ноз.
Дилат мехост ёбад ошноӣ
Фазои ишқи мо бо олами роз.

Саропо хондам он абёти рангин,
Ту будӣ рӯ ба рӯям лаҳзае чанд.
Ба самъам шеваи лафзи ту омад,
Ки ширин буд чун қанди Самарқанд.

Яқин кардам аз ин лутфи пур аз меҳр,
Ки моро обу гил бо ҳам қарин аст.
Дигар ҳарфе намемонад ба ёдам,
Таманнои мани ошиқ ҳамин аст.

## ДИЛДОДА БУДАМ

Замоне буду ман дилдода будам,
Дари асрори дил бикшода будам.
Шуда масту ба рӯйи ҳамчу моҳат,
Пайи дандони худ бинҳода будам.

Кунун он давраи тиллоии умр
Чу байте монда рӯйи дафтари ёд.
Ба хотир ораму аз панҷаи ғам
Бигардонам дили бечораро шод.

Аҷаб айём фасли навҷавонӣ,
Рухи дилбар маро субҳи саҳар буд.
Ба ёдам мерасад рӯзи ҷудоӣ,
Ки ҳиҷронаш маро хуни ҷигар буд.

## РАМЗИ БАҲОР

Гузашт, оҳ, аз барам зебонигоре,
Ба қад сарву ду чашмонаш хуморе.
Шукуфта дастагулҳои висолаш,
Бари домони ӯ рамзи баҳоре.

Нигоҳи ишқи хоболудаи ман
Мунаввар аз рухи субҳи сафояш.
Димоғи бастаам бо як шамидан
Кушода гашта аз атри қабояш.

Ду чашмонаш дурахши ахтаре буд,
Пару боли нигоҳаш кафтаре буд.
Ба иншои муҳаббатгоҳи дарсам
Баёзи гарданаш чун дафтаре буд.

Дареғо, бахти нав дар лаҳзае рафт,
Рабуд аз ман чаманзори худодод.
Тасаллоям ҳамон байти нигоҳаш,
Ки боқӣ монда рӯйи дафтари ёд.

## ДАРЁИ КАЗДОН

Дарёи Каздон
Доим равона,
Бо шеъри Махсум
Хонад тарона.

Дарёи Каздон
Дорад табассум,
Лабхандаи ӯ
Лабханди Махсум,

Дарёи Каздон
Андозад ово:
Махсум, куҷоӣ?
Бар соҳилам о!

Дарёи Каздон
Ҳамрози Махсум,
Гунчад ба дилҳо
Чун рози Махсум.

Дарёи Каздон
Буд чун умедаш,
Худ менависад
Шеъри сафедаш.

## ШАБ ОМАДУ ШАБ ОМАД

Шаб омаду шаб омад,
Бо базму тараб омад.
Дар гулшани дилбозӣ
Лаб бар гули лаб омад.

Бо ноқили ҳар ду лаб
Аз бӯса шарар хезад.
Он марзаи сабзи дил
Бо шеъри тар омезад.

Маъшуқа гули нур аст,
Ошиқ чу чароғи дил.
Мастона ба ҳам оянд
Ушшоқ ба боғи дил.

Шаб омаду шаб омад
Бо базму тараб омад.
Дар гулшани дилбозӣ
Лаб бар гули лаб омад.

## ДАВЛАТИ БЕДОРИ МО

Тоҷикистон – давлати бедори мо,
Номи некаш – сархати ашъори мо.
Рӯди Варзобаш чу шеъри Рӯдакӣ
Ангубинӣ мекунад гуфтори мо.

Тоҷикистон – давлати бедори мо,
Номи некаш  – сархати ашъори мо.

Дар ғарибӣ зарраи хоки диёр,
Ҳамчу ганҷи сина дорад эътибор.
Қатраи оби Ватан нӯшида кас,
Бишканад, гӯӣ, хумор аз чашмасор.

Тоҷикистон – давлати бедори мо,
Номи некаш сархати ашъори мо.

Турнаҳо ҷамъу парешон мераванд,
Рӯ ба Хатлону Бадахшон мераванд.
Ҳамчу пайки ваҳдату сулҳи тамом
Соҳили Вахшу Зарафшон мераванд.

Тоҷикистон – давлати бедори мо,
Номи некаш – сархати ашъори мо.

## ЭЪҶОЗИ БАҲОР

Ба мӯи шаб сафедиҳо дамида,
Шафақ бар рӯи олам дида во кард.
Замини пир бурд аз ин ҳаловат,
Умеди тозаро бар сина ҷо кард.

Ба каф дорад сабо атри диловез,
Замона гашта зебову дигаргун.
Зи мавҷи лолаҳо гӯё зимистон,
Дар ин домони кӯҳ оғушта бо хун.

Садои чашма чун тифли баҳорӣ
Ҳамехандад ба оҳанги замона.
Баҳор, оре, ба домони пурэъҷоз,
Дигар созад, дигар ранги замона.

Нигар, бар ҳусни ин шаҳдухтари сол,
Қабои атласаш ҳам тоҷикона.
Ба тӯйи гуларӯси фасли Наврӯз
Сарояд булбули ошиқ тарона.

## НАВРӮЗ МУБОРАК БОД

Бар мулки Худодода,
Ин мардуми дилдода,
Бар тоҷики озода
Наврӯз муборак бод!

Олам ҳама аз гул шуд,
Боби дили булбул шуд.
Сад чашма ба ғул-ғул шуд,
Наврӯз муборак бод!

Анвои замон гулчин,
Ҳафт аст зи «шин»-у «син».
Боло гузару биншин,
Наврӯз муборак бод!

Афтодаю болоӣ,
Озурдаву танҳоӣ.
Дилчашмаву дарёӣ,
Наврӯз муборак бод!

Гул яксара бӯё шуд,
Ёри дили ҷӯё шуд.
Ҳар чашма, ки гӯё шуд,
Наврӯз муборак бод!

## СОЛИ НАВ

Соли нав ояд, чӣ хуш, бар кишварам,
Кишвари озодаву паҳноварам.
Аз гули барфу яхи чун хомааш
Ман ба дафтар шеъри тар меофарам.

Соли нав ояд, чи хуш, бар кишварам,
Тоҷикистони зи ҷон болотарам.
Шукри он ки ҳастиам дар хоки туст,
Эй диёри чашмаҳои кавсарам.

Соли нав ояд, нишоте дар барам,
Файзи нав борад ба хоки кишварам.
То абад бошад макони аҳли фан,
Мулки озоду наку, сулҳофарам.

Соли нав ояд чу як меҳмони нав,
Мекушояд ҳар касе як хони нав.
Дар самои ёди аҳли хонадон,
Медурахшад кавкаби армони нав.

## ПАЗИРОӢ

Мисли Соли нав навиде месазад,
Шукри ин мулки саиде месазад.
Покии дил андар ин Соли навин,
Гӯйӣ, чун барфи сафеде месазад.

Соли нав гардад ба мо соли зафар,
Аз нигоҳи тоҷикон борад шарар.
То абад бошад нишоти халқи ман,
Ваҳдати мо – субҳи мулки бехатар.

Хуш биё, Соли нави милоди мо,
Интизорат кишвари ободи мо.

## БАР МАН НИГАР

Бар ман нигар, бар ман нигар,
Дил дода мо бар ҳамдигар.
Ту аз дигар, ман аз дигар,
Дар синаҳо хуни ҷигар.

Бо ту маро садҳо ҳавас,
Мурғи дили ман бе қафас.
Пас, эй аниси гулнафас,
Бар қадри ишқи ман бирас.

Аз бӯйи мушку анбарин,
Девона гаштам, нозанин.
Бо амри ту з-авҷи фалак
Истора орам бар Замин.

Бар ман нигар, бар ман нигар,
Дил дода мо бар ҳамдигар.
Ту аз дигар, ман аз дигар,
Дар синаҳо хуни ҷигар.

Чашмам зи чашмат боз шуд,
Дилҳо пайи парвоз шуд.
З-атри нафас бишкуфта гул,
Дунёи моро роз шуд.

## МАЙДА-МАЙДА

*(Дар ҳавои таронаҳои халқӣ)*

Ба қошат усма кардӣ майда-майда,
Ба чашмат сурма кардӣ майда- майда.
Ба дастонат аҷаб дастпона кардӣ,
Маро девона кардӣ майда- майда.

Ба сӯям ханда кардӣ майда- майда,
Диламро банда кардӣ майда-майда.
Ҷаҳони ошиқӣ бо нури рӯят
Аҷаб тобанда кардӣ майда- майда.

Нигоҳат карда шодам майда- майда,
Ба доми ту фитодам майда- майда.
Пас аз савдои озоди муҳаббат,
Диламро бар ту додам майда-майда.

## ПАРЧАМ

Эй лоиқи сад калом, Парчам,
Шоистаи эҳтиром, Парчам.
Дар роҳи талоши рӯзгорон
Чун сангари нангу ном, Парчам.

Эй мояи ифтихор Парчам,
Сарманшаи иқтидор, Парчам.
Эй рамзи муқаддаси диёрам,
Ранги шарафи диёр, Парчам.

Чун мурғи хуҷистафоли мой,
Ҳам давлати лоязоли мой.
Дар арсаи дарси худшиносӣ
Шаҳномаи безаволи мой.

## ДАВЛАТУ ИҚБОЛИ МО

Парчами мо парчами пирӯзӣ аст,
Ранги он чун муждаи наврӯзӣ аст.
Парфишон андар фазои беғубор,
Аз гули ахтар бубин гудӯзӣ аст.

Парчами мо парчами сулҳофаре,
Рамзи давлат дар билоди Ховаре.
Медиҳад аз ҳастии миллат дарак,
Ҳамчу нури Шед болои саре.

Парчами мо давлату иқболи мо,
Парфишон аз баҳри истиқболи мо.
Чун кабӯтар пар занад бар ҳар тараф,
Эй навиди даври Истиқлоли мо.

## РАМЗИ СУБҲИ ОСИЁ

Парчами мо чун китобе во шавад,
Дар фазо шеъри Ватан боло шавад.
Ҳар ситора бо гули нури малак
Дар само оинаву мино шавад.

Таърихи моро ҳикоят мекунад,
Бо раҳи ваҳдат ҳидоят мекунад.
Ҳар кучо бо мавҷи болаш мурғи бахт
Ҳастии моро ҳимоят мекунад.

Парчами мо, ҳаббазо, дорад бақо,
Бо ишорат ҳарф гӯяд бесадо.
Нури ахтар дар дилаш дорад ҷило,
Бемуҳобо, рамзи субҳи Осиё.

## РӮЗИ ПАРЧАМ

Рӯзи Парчам Ҷашни милоди ман аст,
Иди бахти мулки ободи ман аст.
Мефизояд дам ба дам шукронаам,
Интихоби халқи озоди ман аст.

Рӯзи Парчам сафҳаи қомуси мост,
Дарки нангу ному ҳам номуси мост.
Нек бингар ҳусни ин рамзи Ватан,
Ахтаронаш шуълаи фонуси мост.

Рӯзи парчам то абад поянда бод,
Мурғи иқболи Ватан фархунда бод.
Дар фазои Тоҷикистони азиз
Ахтари созандагӣ тобанда бод.

## МОЯИ ИФТИХОР

Эй ҳастии ин диёр, Парчам,
Эй мояи ифтихор, Парчам.
Моҳ буда ҳамеша ҳамнишинат,
Эй лоиқи сад шиор, Парчам.
Чун боли кушодаи уқобон,
Шаҳномаи иқтидор, Парчам.
Бар дидаи мо басо муҷалло,
Дорандаи эътибор, Парчам.
Эй бахти накуи миллати ман,
Рамзи қадами баҳор, Парчам.

## АФСОНАИ ЗИНДАГӢ

Зиндагӣ афсона дорад,
Ҷомаи риндона дорад.
Ҳар кӣ ёбад сарҳисобаш,
Давлати шоҳона дорад.
Гоҳу гаҳ чун духтари бахт
Ишваи ҷонона дорад.
Дар бари оинаи чашм
Мӯи худро шона дорад.
Одамӣ бар шамъи рӯяш
Одати парвона дорад.
Бо касе созад муросо,
Ҳиммати мардона дорад.
Аз барои булҳавасҳо
Дидаи бегона дорад.

## ШАБНАМЕ БАР САБЗАҲОИ ДИЛ

*Ба дӯстам Иброҳим Қурбонзода*

Шуълае аз рӯзгоронӣ,
Аз шумори хоксоронӣ.
Дар замони шодиву андӯҳ
Чун чароғе байни ёронӣ.
Ҳақ ҳамегӯӣ ба номи Ҳақ,
Сарфарози ҳақгузоронӣ.
Лаҳни ширин зиннати лабҳо,
Дар шуморе аз ҳазоронӣ.
Шабнаме бар сабзаҳои дил,
Ташнадилро қатраборонӣ.
Бемуҳобо, ҳамчу атри гул
Дар қабои ёди ёронӣ.

## БОЯД БИДОНӢ

*Ба писарам Суханвар*

Зиндагонӣ набувад ҳамчу падар,
Ки ҳама нози туро бардорад.
Гар наборӣ ба сараш нури хирад,
Бар сарат кулфату ғам меорад.

Зиндагонӣ набувад модари ту,
Ки ба ҳар нозу нузат ханда кунад.
Гар набошад ҳунарат, эй вой дод,
Он ба зӯри-ш туро банда кунад.

Зиндагонӣ набувад хоҳари ту,
Ки расонӣ ҳама дам озораш.

Чашми шафқат накунад во сӯят,
Гар набошӣ ҳама дам дилдораш.

Зиндагонӣ набувад ҳамсари ту,
Дар ғаму шодӣ бувад дар бари ту.
Камдилӣ кардӣ агар, дон, ба яқин,
Бас муаммо бирасад бар сари ту.

Зиндагонӣ набувад бобоят,
К-аз раҳи шавқ ба сӯят ояд.
Зиндагӣ довари ин даврон аст,
Дидаи ақл туро мебояд.

## РӮЗИ ИСТИҚЛОЛ

Ҷашни Истиқлол ояд, каф занед,
Рӯзи истиқбол ояд, каф занед.
Мурғи дилҳо дар фазои мамлакат
Хушпару хушбол ояд, каф занед.

Баски Истиқлол бахти миллат аст,
Пешвои мо ба тахти миллат аст.

Амну ободии мулки беназир
Орзуи тоҷики равшанзамир.
Аз паси кӯҳи хаёли халқи мо
Нур меборад зи Хуршеди мунир.

Баски Истиқлол бахти миллат аст,
Пешвои мо ба тахти миллат аст.

То ба ҳар як гӯша ободӣ расид,
Муждае аз субҳи озодӣ расид.
Бар дили кӯҳ аз раҳи номусу нанг
Тешаи Фарҳоду фарҳодӣ расид.

Баски Истиқлол бахти миллат аст,
Пешвои мо ба тахти миллат аст.

Ҳамчу мурғе мезанад пар парчамаш,
Чун нишони қудрату аз ҷавшанаш.
Ҳафт ахтар дар дили шаб нурбор,
Мезанад чашмак ба бахти равшанаш.

Баски Истиқлол бахти миллат аст,
Пешвои мо ба тахти миллат аст.

Аз Суруди миллӣ ояд ифтихор,
Мерасад шаҳномаи субҳи диёр.
Бо тараннум,бо такаллум ҷамъи халқ
Менамояд назми олиро шиор.

Баски Истиқлол бахти миллат аст,
Пешвои мо ба тахти миллат аст.

Пешво ҳам меравад бо роҳи халқ,
Чунки медонад чӣ буда оҳи халқ.
Савари доно бувад марде, ки ӯ,
Дар ғаму шодӣ бувад ҳамроҳи халқ!

Баски Истиқлол бахти миллат аст,
Пешвои мо ба тахти миллат аст.

## АНДЕШАИ РАҲ БА РАҲ

Носеҳон ғам дида, ғам хӯрданд бас,
Аз дили ғамдида ғам бурданд бас.
Бо бадӣ дасти фишор оварда пас,
Аз фишори зиндагӣ мурданд бас.

Менамояд синаат чун ними маҳ
Гӯӣ равшан мекунад он рӯи раҳ.
Чашм дарё пас намегардад, бидон,
Бар сарам борад магар бори гунаҳ?

Парво накунам зи нуктаи ноҷое,
Дарёи суруди ман басо зебое.
Яъне, ки чунин оби равон мегӯяд:
Санге нашавад садди раҳи дарёе.

Шири модар раҳравонам кардааст,
Родмарду паҳлавонам кардааст.
Дар сари хони суханҳои баланд,
Шоири шеъри равонам кардааст.

## ЗИНДА БОШ

*Ба маҷаллаи «Чашма», хоса устод*
*Камол Насрулло*

«Чашма»-ро дарё намудӣ, зинда бош,
Соғари дунё намудӣ, зинда бош!
Лолаҳои соҳили андешаро,
Лолаи маъно намудӣ, зинда бош!

«Чашма»-ро дарё намудӣ, зинда бош,
Орзу эҳё намудӣ, зинда бош!
Сафҳаашро бо гули завқи закӣ,
Ҷаннатулмаъво намудӣ, зинда бош!

«Чашма»-ро дарё намудӣ, зинда бош,
Дар дили мо ҷо намудӣ, зинда бош!
Гунбади кохи бузурги фазлро
Аз зару тило намудӣ, зинда бош!

«Чашма»-ро дарё намудӣ, зинда бош,
Гулшани зебо намудӣ, зинда бош!
Давлати дунёи нопайдоканор
Оқибат пайдо намудӣ, зинда бош!

## ҲАДЯ

Духтари Каздони ман
Зинати даврони ман.
Дар қадамат ҷон диҳам,
Моҳи шабистони ман.

Меравӣ чун кабки маст,
Аз лаби дарё ба шаст.
Муждаи лабханди ту
Дар дили ман ғунча баст.

Бо ту маро сад ҳавас,
Мурғи дилам бе қафас.
То нафаси вопасин
Бо ту бигирам нафас.

Ҳусни расоят хуш аст,
Атри қабоят хуш аст.
Шеъри тари Ҷумъазод
Ҳадя бароят хуш аст.

## ДУХТАРИ ҲАМСОЯ

Зиндагии навҷавонӣ сода буд,
Дилфиребу нозанин, озода буд.
Ғофил ар будем мо аз зиндагӣ,
Баччагӣ худ ошиқи дилдода буд.

Духтари ҳамсояи мо сода буд,
Бӯсаҳои тоза бар мо дода буд.

Гоҳ-гоҳ аз чашми мардум рафта дур,
Расм чун Лайлию Маҷнун доштем.
Дар фазои сабзи дунёи ҳавас,
Давлате аз чархи гардун доштем.

Духтари ҳамсояи мо сода буд,
Бӯсаҳои тоза бар мо дода буд.

Ёдам ояд; чеҳраи болида дошт,
Тоқӣ абрӯ аз малоҳат чида дошт.
Баҳри дидораш ҳамеша ба ҳавас,
Байни девор аз барояш дида дошт.

Духтари ҳамсояи мо сода буд,
Бӯсаҳои тоза бар мо дода буд.

Рафт он айёми тиллоии умр,
Ҳамчу байти шеъри тар ёдаш кунам.
Кош, ояд ӯ ба роҳи Каҳкашон,
Аз фазои дур фарёдаш кунам.

Духтари ҳамсояи мо сода буд,
Бӯсаҳои тоза бар мо дода буд.

## ТО БА КАЙ

То ба кай деги сиёҳеро сафедӣ медиҳем,
Бар умеди боумеде ноумедӣ медиҳем?
То ба кай бе ғӯра ҳалвомон басо ширин шавад,
Хори раҳ бо сад фиребе ҳамдами Парвин шавад?
То ба кай чун воизон зоҳирпарастӣ мекунем,
Мо зи боло гуфта, аммо майли пастӣ мекунем?
То ба кай ҷӯяндаи бас чирки нохунем мо,
Масти чизу чорае дар чархи гардунем мо?
То ба кай хори сари девори мо гул мекунад,
Зоғ бар гулшан расида сози булбул мекунад.
То ба кай сарват фузуну ҷайби мо бошад тиҳӣ?
Садди нав бояд ниҳодан рӯйи роҳи гумраҳӣ!

## ШУКРОНА

Аз ишқи Худодода,
Аз дилбари озода,
Аз соғару аз бода
Шукрона кунам имрӯз.

Аз бахти баланди ёр,
Аз мушки каманди ёр,
Аз ҳарфи чу қанди ёр
Шукрона кунам имрӯз.

Аз миллати озодам,
Аз давлати ободам,
Аз тоҷики дилшодам
Шукрона кунам имрӯз.

Аз лутфи накӯи ёр,
Аз чашми сабӯи ёр,
Аз гармии рӯи ёр
Шукрона кунам имрӯз!

## ДИЛАМ ДОДАМ

Ба лабҳои шакарборат,
Ба ду чашмони хуммората,
Ба нози зеби рафторат,
Азизи ман, дилам додам.

Ба субҳи тозаи рӯят,
Барои қадди дилҷӯят.
Ба ранги хуби абрӯят,
Азизи ман, дилам додам.

Ба гуфтори расои ту,
Ба ҳарфи дилкушои ту.
Ба ҳусни пурбаҳои ту,
Азизи ман, дилам додам.

Ба он савти равони ту,
Ба зулфони камони ту,
Ба бӯсе аз лабони ту,
Азизи ман, дилам додам.

## МОДАР ҒАНИМАТ

Давлати дидори модар,
Ҳусни нотакрори модар.
Дидаи бедори модар
Баҳри фарзандон ғанимат!

Нури гарми рӯи модар,
Роҳати паҳлуи модар.
Ҳикмати дилҷӯи модар,
Баҳри фарзандон ғанимат.

Фурсати фарёди модар,
Хонаи ободи модар.
Решаю бунёди модар,
Баҳри фарзандон ғанимат!

Рӯи модар Шамси Ховар,
Ҳам ба хоҳар, ҳам ба додар.
Меҳри оламгири модар,
Баҳри фарзандон ғанимат!

## ШАМСИ АРМОНИ ВАТАН

Тоҷикистон давлати поянда аст,
Чун шиори сабзи он созанда аст.
Аз сафои сулҳу ваҳдат мужда деҳ,
Дар лаби миллат зи бас гулханда аст.
Амну ободии кишварро бубин,
Эътимоде бар раҳи оянда аст.
Дасти ҷамъи мардуми ҳимматбаланд
Решаи манҳусро баркандааст.
Тири душман хок хӯрда, шукри Ҳақ,
Зери чоҳ афтодаву шарманда аст.
Дар кафи кӯҳи бузурги иттиҳод
Шамси армони Ватан тобанда аст.

# УМЕД
*Гулчини тарона*

## САДОИ ЗАН

Садои зан форам аст,
Ниёзаш замини нокорам.

## НОМА

Номаат омад ба дастам,
Хондамаш сад бору сад бор.
Аз замини оҳи ҳасрат
Ҷойи гул дидам басе хор.

## ШОХАИ БИШКАСТА

Шохаи бишкастаи дарахт
Чун ангушти шикаста овезон.
Дасти насим баргеро
Ба ҷароҳаташ бигзошт.

## ҲУСН

Ҳусни худ дидан бихоҳӣ,
Нест оина.
Пас, нигар оинаи чашмони ман,
Ҳусни ту зам мешавад, охир.

## МАРГ

Марг!
Мерасад барқсон,
Ду ноқили лабро сиёҳ намуда,
Ҷони сафед мебарад.

## ЗИНДА ВА МУРДА

Зиндаро бас мурда дидам,
Мурадеро зинда не.
Аз забони умр ово,
Маргро некӣ занад мушт.

## ПО ГУНАҲКОР АСТ

Вақти мурдан
По хунук чун ях мегардад.
Чӣ сабаб? – пурсиду бишнид:
– По гунаҳкор аст!

## ШОИР

Шоир бо муаллими хаёли сабз
Вожаҳоро дастобадаст
Ба сайри гулшани маъно мебарад.
Аз забони вожаҳо
Рӯшноӣ мерезад.

## БОРОН

Замини сабзпӯш
Барои шукуфтани гулҳо
Аз осмон абр мехоҳад,
То шавад борон.

## САГ СОҲИБАШРО ЁФТ

Соҳибе саге гум кард,
Ҷустуҷӯ карду наёфт.
Аз раҳи вафодорӣ
Саг соҳибашро ёфт.

## ОДАМОН

Одамон мисли чароғанд,
Аз шароре бас фурӯзон.
Раҳкушо то қуллаи бахт,
Худ савори аспи виҷдон.

## ОИНА

Оина ҳам офтоб аст,
Равшан.
Зи оҳи тираи ҳавои туман,
Чашмонаш кӯр.

## АСАЛ ТАЛХ АСТ

Ба беморе, ки марги бемуросо
Дар қаринаш буд,
Асал доданд.
Ду боли лаб чу дар во шуд.
Садои мурғи овозаш ба шохи бедарахти
ин фазо биншаст.
Садое чун ба гӯш омад:
Асал талх асту
марги беамон ширин.

## ХОБ

Шаб ҳукмрон буд,
Сапеда,
Ба теғи рӯшноӣ нофи субҳро бурид.
Тифли рӯшноӣ фарёд зад.

## ЧАШМИ ЗАН

Чашми зан – оинаи нилгун,
Гӯши зан,
Маҳвораи гардун.

## РӮЙИ ДИЛБАР

Аз рӯйи дилбар
Нур мерезад.
Моҳ аз парда ба рӯй кашад.

## РАНГ

Сафед сабз нест,
Ранги зард сиёҳ.
Чароғак бо гули
        чашмони сабзи худ
– Роҳи сафед! – мегӯяд.

## ҚОМАТИ ПИРИ ХАМИДА

Қомати пири хамида
Мисли дол аст.
Бар назар гӯӣ ба пушташ
Бори дунёе кашол аст.

## ТАНҲОӢ

Як дарахти хушку танҳо
Аз ҳарос меларзид.
Сояаш офтоб тарошид,
Таскин ёфт.

## ФАСЛИ ДУЮМ

# ЛАЗЗАТИ ДИДОР

***(Ғазалҳо)***

* * *

Шеъри ман иншои озоди ман аст,
Ғунчаҳои гулшани ёди ман аст.
Дафтари шебу фарози зиндагӣ,
Дар гулӯи вақт фарёди ман аст.
Ҳар чӣ дорад аз баҳору аз хазон,
Меваҳои боғи эҷоди ман аст.
Гиряи борони меҳри бекарон,
Шаммае аз хотири шоди ман аст.
Гулшани нанги ватандори асил,
Барги сабзи мулки ободи ман аст.
Гар расонад бар касе бӯйи умед,
Қудрати табъи худододи ман аст.
Лолаи хушранги домони хаёл,
Хандаи ёри паризоди ман аст.

* * *

Зиндагӣ гоҳе фишорам медиҳад,
Хуррамии ғуссадорам медиҳад.
Дар раҳи шебу фарози рӯзгор
Аз бароре нобарорам медиҳад.
Гаҳ гуворо мешавад, аммо гаҳе
Лаҳзаҳои ногуворам медиҳад.
Гаҳ дурахшад чун гули Боғи Ирам,
Гаҳ ба хорӣ захми хорам медиҳад.
Сад муаммо мерасад дар як нафас,
Гиряи абри баҳорам медиҳад.
Ҷумъазода, бас накӯ гуфтӣ: ҳаёт
Ангубин бо заҳри морам медиҳад.

* * *

Тоҷикистон – кишвари доимбаҳор,
Дар мақоми маърифат дорад шиор.
Меравад бо роҳи ваҳдат мардумаш,
Аз раҳи номусу нанги бешумор.
З-ин барои зарраи хокаш ҳаме
Ҷону дил бахшам барои ин диёр.
Булбулаш дар шохаи сабзи дарахт
Аз муҳаббат месарояд беқарор.
Шамси Ховар з-оташи бунёди ӯ
Бар фазои ин Ватан бахшад шарор.
Беди маҷнунаш биёрад пеши рӯ
Кокулони майдабофи он нигор.
Ҳар гиёҳу сабзаву хори Ватан
Бар давои дард меояд ба кор.
Медиҳад моро сабақ таърихи ӯ,
Дар заминаш реша дорад нахли ор.

* * *

Тоҷикистон ба ҳама тоҷики дунё Ватан аст,
Ватани файзу сахо, махзани шеъру сухан аст.
Кишваре молики хуршеди тамаддун зи башар,
Олами нуру фазои ҳамаи илму фан аст.
Сабт дар дафтари даҳр арҷи абармардонаш,
Лафзи ширини дарӣ нур ба ҳар анҷуман аст.
Бар Душанбеи дилоро бинигар, чун рухи гул
Шаҳри зебои ҷаҳон дар нигаҳи марду зан аст..
Тоҷикистон ба ҳама тоҷики дунё Ватан аст,
Ватани файзу сахо, махзани шеъру сухан аст.

* * *

Дили ман моили рӯи Ватан шуд,
Нигоҳам ташнаи ҷӯи Ватан шуд.
Ҳама ҳарфу ҳиҷоям чун гули бахт
Ғазал гардида гесӯи Ватан шуд.
Гулистони хаёли тозаи ман
Дурахши чашми ҷодуи Ватан шуд.
Саропо дафтари шеъру сурудам
Чароғи ҳусни дилҷӯи Ватан шуд.
Шукуфта лолаи боғи хаёлам,
Ба авроқи замон бӯйи Ватан шуд.
Намирад шоире дар даҳр, агар ӯ
Чу Фирдавсӣ саногӯи Ватан шуд.

* * *

Дар он ҷое, ки қадри илму фан нест,
Фурӯғи тозае дар анҷуман нест.
Зи марги маънавӣ, ё Раб, нигаҳ дор,
Зару зевар барои мову ман нест.
Дар ин боғи адаб гул мурғи анқост,
Наво дар синаи мурғи чаман нест.
Чаро зан мекашад заҳмат ба саҳро?
Ҷавонмарде дар ин дашту даман нест?!
Нагардад зиндагӣ зебову рангин,
Агар моро ба дил меҳри Ватан нест.

* * *

Ватан пойи равон дорад, равон шав,
Ватан зӯру тавон дорад, тавон шав.
Ба роҳи сабзи номи ҷовидонӣ,
Ватан умри ҷавон дорад, ҷавон шав.
Барои саддӣ рағми душмани худ

Ватан тиру камон дорад, камон шав..
Биёбӣ то ҳабиби зиндагонӣ,
Ватан ҳарфу забон дорад, забон шав.
Нагардад номураттаб набзи қалбат,
Ватан набзи ҷаҳон дорад, ҷаҳон шав.

* * *

Партави субҳи Ватан дорад забони тоҷикӣ,
Нағмаи мурғи чаман дорад забони тоҷикӣ.
Рӯдакӣ – султони шеъри порсигӯёни даҳр,
Сад китоби илму фан дорад забони тоҷикӣ.
Мардуми дунё асири зулфи печони сухан,
Лоиқи сад анҷуман дорад забони тоҷикӣ.
Шевааш дорад гули маънои дунёи фарох,
Лолаи дашту даман дорад забони тоҷикӣ.
Як нишони ҷовидони миллати оламшинос,
Гавҳари чашми Ватан дорад забони тоҷикӣ.

* * *

Ҳар сухан дар зиндагӣ панде нашуд,
Ҳар касе шахси хирадманде нашуд.
Нахли тарро метавон пайванд кард,
Шохаи хушкида пайванде нашуд.
Дар мизони давлати пояндае
Неъмате беҳтар зи фарзанде нашуд.
Ҳарфи беҷое надорад эътибор,
Лоиқи шеъру пасванде нашуд.
Ваъдабозӣ шуд шиори аҳли макр,
З-ин пайи тадбири савганде нашуд.
Ҳусни зебои ҳама ҷинси латиф
Дар баҳо себи самарқандӣ нашуд.
То насозад аз сухан қасри хаёл,
Ҷумъазоди мо фараҳманде нашуд.

* * *

Раҳкушои ман дуои сабзи модар будааст,
Дилкушоям хандаи зебои дилбар будааст.
Духтари субҳ аз саҳар фарёди равшан мекунад,
Даркушоям панҷаи Хуршеди Ховар будааст.
Хандаи гулҳо бубинам, қалби ман гул мекунад,
Зиндагонӣ гулшане аз ҳикмати тар будааст.
Оби ҷӯ н-ояд ба кор, афзун шавад гар ақли хушк,
Донишандӯзӣ гули нуре ба ҳар сар будааст.
Баски ояд бар забон ҳарфе ба оҳанги салим,
Ҳусни маънӣ олами рӯъёи бовар будааст.
Одамӣ осон наояд бар дари сайёрае,
Ақли равшан оқибат болои ахтар будааст.

* * *

Ҳар кӣ дорад иззати модару падар,
Нахли боғи ӯ диҳад ширин самар.
То даме ки зинда бошад волидайн,
Чашми дил масруру хушбин ин қадар.
Давлати модар, падар поянда нест,
Ин сухан донӣ, чу бошӣ хушназар.
Мерасам бар пешашон чун бӯи меҳр,
Лаҳзае бошам насими раҳгузар.
Эй, ки ғофил мондаӣ аз ҳолашон,
Мерасад рӯзе, намеёбӣ асар.
Аз дуои сабзи эшон баҳра гир,
То шавад роҳат сафеду бехатар.

* * *

Модари пирам, куҷоӣ?
Бе ту дилгирам, куҷоӣ?
Давраи тифлии беғам,
Косаи ширам, куҷоӣ?

Дуриат дарди гаронест,
Пеши ту мирам, куҷоӣ?
Эй камони ҳафтрангам,
Ҳамчунин тирам, куҷоӣ?
Зиндагӣ дастам набигрифт,
Дасти ту гирам, куҷоӣ?
Ҷовидон зӣ, модари ҷон,
Хизру тадбирам, куҷой?

* * *

Меҳри бепоёни модар зинда бод!
Чеҳраи хандони дилбар зинда бод!
Хӯшаи гандум бирӯяд аз Замин,
Дар само хуршеду ахтар зинда бод!
Аз дарахти хушку бебар суд нест,
Майсаву себаргаи тар зинда бод!
Бар диёри нозанини тоҷикон
Гармии Хуршеди Ховар зинда бод.
Дар ниҳоди ошиқи уммедвор
Донаи умеди бовар зинда бод!
То шукуфад нахли армони башар
Тифлию домони модар зинда бод!

* * *

Чун баҳорон Рӯзи модар мешавад,
Дидаву дилҳо мунаввар мешавад.
Ҳусни нотакрори фасли навбаҳор
Бо нигоҳи зан баробар мешавад.
Аз фурӯғи чашми модарҳои мо
Осмони дил пурахтар мешавад.
Аз ҳамин модар ба дунё раҳнамо
Бар Фаридунони бофар мешавад.

Бахт бар фарзанд ёре меҳрубон
Бо дуои дасти модар мешавад.
То ситояд модари фархундаро,
Ҷумъазоди мо суханвар мешавад.

* * *

Зинда бошӣ, модари хушгавҳарам,
Қуввати дил, давлати баҳру барам.
Номи некат дар хиёбони хаёл
Чун гули бишкуфтаи шеъри тарам.
Бо сипосу шукр гӯям ин замон,
Дар ҳама ҳолат ту будӣ ёварам.
Гардиши айём пират кард, пир,
Нотавонӣ, модари муштипарам.
Дасти ларзони ту андар дасти ман,
Дардро бо синаи решам барам.
Баччагӣ рафту зи ман ёдаш нарафт,
Ҳамчу нақши санг шуд, чун бингарам.

* * *

Кош, умре ман мадори дасти модар будаме,
Дар ғаму дар нусраташ бо ӯ баробар будаме.
Нури чашми хирабинаш гашта дар шабҳои тор,
Баҳри ӯ дар зулматистон Шамси Ховар будаме.
Майли коре гар кунад, пайваста бандам худ камар,
Дар самои рӯзгораш нури ахтар будаме.
Мерасад форам ба ёдам, тифливу дидори ӯ,
Шукри давре, мардумак дар чашмони модар будаме.
Ҷумъазод, абёти ту худ бӯи модар мекунад,
Кош, дар гулбазми модарҳо суханвар будаме.

* * *

Соҳиби номи накуву лафзи ширин, модарам,
Мисли гул дорӣ диле зебову рангин, модарам.
Рӯзгоре шуд, ки дур афтода, хорӣ мекашам,
Аз паёмат мешавам ҳамсони тамкин, модарам.
Ёд ояд дар дили шаб аллаҳои форамат,
Шеъри ман васфат бувад, хуршеди заррин модарам.
Болу пар бикшодаам андар фазои бекарон
Раҳнамою доварам, устоди хушбин, модарам.
Бас маризӣ дидаӣ, сад бор мурдам дар ғамат,
Ғам бисӯзад чун хазон, хезӣ зи болин, модарам.
Як шаби бедориат дидам чӣ қимат доштаст,
Аҳсанат хонам, ки дорӣ ҷони сангин, модарам.
Бо пару боли суруди тозаам аз сидқи дил
Номи некатро барам то авҷи Парвин, модарам.

* * *

Қасам бар номи ҷонафзои модар,
Пазирам ҳиммати волои модар.
Ҳанӯз ояд ба гӯши ман гуворо
Суруди алла аз дунёи модар.
Дарахтеро, ки биншондам ба ҳавлӣ,
Фараҳбахши дили танҳои модар.
Даме дар сояааш ёбад ҳаловат,
Пур аз гавҳар дили дарёи модар.
Анису дилбарон ҳар ҷо зиёд аст
Намешояд касе дар ҷои модар.
Биҷӯӣ гар саросар рӯи олам,
Намеёбӣ касе ҳамтои модар.

* * *

Ганҷи дунё дар кафи дасти дуои модар аст,
Хонаи чашму дили ҳар банда ҷои модар аст.
Модарон шамсу ҷигарбандон мисоли кавкабанд,
Хурамии зиндагӣ файзи бақои модар аст.
Аз навои шаршара ё хониши мурғи чаман
Хушгувору бебаҳо танҳо садои модар аст.
То бувад модар саробонат, ғами дунё куҷост?
Сабзаҳо сар мекашад он ҷо, ки пои модар аст.
Ҷамъи фарзандон ба ҳам, ёру рафиқи бемисол,
Охирин армони сабзи бебаҳои модар аст.
Нест амсолаш касе дар рӯи дунёи фарох,
Беҳтарин шеъри расо андар санои модар аст.

* * *

Зиндагиро аз падар омӯхтам,
Равшаниро аз қамар омӯхтам.
Гиря аз борони найсони баҳор,
Ханда аз субҳи саҳар омӯхтам.
Ҳусни зеборо зи гулзори Ватан,
Шуъларо аз шеъри тар омӯхтам.
Нoшунида ҳарфи бадгӯёни давр,
Лаззат аз шиpу шакар омӯхтам.
Ман ба рағми одамони беназар
Сад асар аз як назар омӯхтам.

* * *

Падар ҳамранги хуршеди ҷаҳон аст,
Зиёбахшандаи давру замон аст.
Зи эъҷози ба худ хосаш ҳамеша,
Сутуни маҳками ҳар хонадон аст.
Зи ҳастияш ҳама мамнуну ором,
Вуҷудаш гулшани амну амон аст.

Расад то бар ҳадаф тири умедаш,
Қади болои ӯ акнун камон аст.
Куҷо донад азобу ранҷи пирӣ, ,
Касе дар олами умри ҷавон аст.
Бидонед, эй азизонам, дар ин даҳр
Падарҳоро мақоми ҷовидон аст.

* * *

Дар таҳаммул чун заминӣ, эй падар,
Кавкаби чархи баринӣ, эй падар.
Ҳалқаем андар барат бо хушдилӣ,
Ҳалқаи моро нигинӣ, эй падар.
Бо ризоят гашта Ҳақ аз мо ризо,
Ҳақталоширо аминӣ, эй падар.
Гул кунад қалбат зи фарзанди асил,
Аз бадаш доим ҳазинӣ, эй падар.
Марзи андарзи ту бошад бекарон,
Карда мо з-он хӯшачинӣ, эй падар.
Қуллаи парвози мо оғӯши туст,
Гарди озоре набинӣ, эй падар.

* * *

Тан сиҳат бошад, чароғи дида аст,
Бахти одам чеҳраи болида аст.
Тан сиҳат набвад, дили кас ноумед,
Дар назар ояд сияҳ шири сафед.
Тан сиҳат бошад, физояд иштиҳо,
Ҳар ғизо гардад ба одам ҷонфизо.
Тан сиҳат набвад, наояд иштиҳо,
З-обу нон парҳез хоҳад ҷисми мо.
Тан сиҳат бошад, чӣ ширин аст хоб,
Чун асал тобад бароят чашмаоб.
Тан сиҳат набвад, нафас бошад гарон,

Дил ба дард ояд, ба тан орад зиён.
Тан сиҳат бошад, дили кас равшан аст,
Хори олам дар назар чун гулшан аст.

* * *

Падар чун давлати бедори фарзанд,
Ҳамеша ташнаи дидори фарзанд.
Нагирад дар дили покаш ғуборе,
Агар бинад яке озори фарзанд.
Ба рағми madду ҷазри рӯзгорон
Чу кӯҳе гашта ӯ devори фарзанд.
Дуои сабзи ӯ – раҳтӯшаи умр,
Шукӯҳи тозае дар кори фарзанд.
Намемирад падар асло, азизон,
Бақои умри ӯ осори фарзанд.

* * *

Одам аз боми фалак афтода мемирад, дареғ,
Бар нигори зиндагӣ дил дода мемирад, дареғ.
Ношикаста табъи дил армони сабзи зиндагӣ,
Бо ҳама озодагӣ фарсуда мемирад, дареғ.
Хуш ба ҳоли он касе то даври пирӣ мерасад,
Навҷавоне нимараҳ афтода мемирад, дареғ.
Он яке бо умри кӯтаҳ кори неку мекунад,
Дигаре кори наку нокарда мемирад, дареғ.
Модаре болад агар аз ҳастии фарзанди нек,
Дигаре як тифлаке нозода мемирад, дареғ.
Ногирифта ҷуръае аз ҷоми айши рӯзгор,
Пири коре дар ғами шаббода мемирад, дареғ.
Ҷумъазод, аз ин биҳишти накди даврон баҳра гир,
Шоире бе дафтари сарвода мемирад, дареғ.

* * *

Мурдадил ҳеҷ каромат накунад,
Бар касе майли саховат накунад.
Камбағал бо лаби нон осуда,
Шахси пулдор ҳаловат накунад.
Ақл султон ки набошад, чӣ аҷаб,
Чашму дил ҳеҷ итоат накунад.
Одаме бехабар аз амри Ҳақ аст,
Ба яқин, ҳеҷ ибодат накунад.
Ҷумъазода раҳи пуршӯри сухан
Меравад, лек қаноат накунад.

* * *

Зан осори нишоти хонадон аст,
Шукӯҳу зиннати давру замон аст.
Ба маънӣ байти нав дар дафтари ёд,
Ба қимат олами шеъри равон аст.
Бари домони покаш хонаи бахт,
Ҳадисе аз забони ӯ ба ҷон аст.
Фурӯзад дар дили мо гулхани меҳр,
Нигоҳи боғи ҳуснаш як ҷаҳон аст.
Биҷӯ аз мактаби ишқаш саодат,
Алифбои ҳаёт он ҷо ниҳон аст.

* * *

Такя ҳар кӣ, эй азизон, бар дуои пир кард,
Мушкилоти зиндагиро метавон тадбир кард.
То биёбад донаи сабзи раҳи одамгарӣ,
Нафсро ҳамчун ғуломи саркаше занҷир кард.
Гушнае дидам сари деги калони оши субҳ,
Аз ҳарисии фузунаш панҷаро кафгир кард.

Рӯбаҳе то во намояд қудраташро байни халқ,
Салларо чун воизону ҷомаро чун шер кард.
Булбули ошуфта хоҳад дидани андоми гул,
Ғунчаи гул во бишуд, булбул ҳамеша дер кард.
Ҷумъазода, то биёбад сайди маънӣ бемисол,
Дидаро равшан шабеҳи Шамси оламгир кард.

* * *

Неку бад чун шуълае аз чашми инсон бигзарад,
Ҳайфи он умре, ки раҳпову пурармон бигзарад.
Бо муҳаббат зиндагӣ дорад чӣ ранги тозае,
Бе муҳаббат умри ширинат ба ҳиҷрон бигзарад.
Қадри дарёро бидонад лолаи домони кӯҳ,
Чунки умраш дар ғами як қатра борон бигзарад.
Сӯхтан беҳуда бошад, гар фурӯғи шамъ нест,
Дар ғами дидори он парвона пазмон бигзарад.
Пеши чашмонам заминӣ мешавад хирвори моҳ,
Гар зи паҳлуям гули зебои Каздон бигзарад.

* * *

Ақл, агар дар сар набошад, зиндагонӣ мушкил аст,
Мурғи дилро пар набошад, зиндагонӣ мушкил аст.
Дар раҳи шебу фарози гирудори рӯзгор
Гар падар, модар набошад, зиндагонӣ мушкил аст.
Шохи танҳоро шамоли сахт барҳам мезанад,
Хоҳару додар набошад, зиндагонӣ мушкил аст.
Дар чунин айёми сангини ҳаёти одамӣ
Дилбаре дар бар набошад, зиндагонӣ мушкил аст.
Фурсати афтодагиву иллати дарди фузун,
Кӯзаи пурзар набошад, зиндагонӣ мушкил аст.
Ҷумъазода, аз матои рӯзгорони баланд
Як-ду шеъри тар набошад, зиндагонӣ мушкил аст.

* * *

Ёре, ки варо вафо набошад,
Боғест, дар он сафо набошад.
Аз дил ба диле раҳе шавад рост,
Дасте ба худаш садо набошад.
Мизроб агар набуд, чӣ мекард?
Як тор пайи наво набошад.
Бе меҳр, бидон, ба хонадоне
Бо ченаки дил ҳаво набошад.
Покӣ биталаб, ки бе таҳорат,
Худ сачда чизи раво набошад.
Ишқат ба дилам чу нӯшдоруст,
Ҷуз он бари ман даво набошад.

* * *

Давлати бому дарам - модар, падар,
Моҳу Шамси Ховарам - модар, падар.
Хома мегирам барои шеъри нав,
Манбаи шеъри тарам - модар, падар.
Лашкари ғамро шикаста нусратам,
Шодии баҳру барам - модар, падар.
Пеши дарё ташнаам бе рӯяшон,
Чашмасори кавсарам модар, падар.
Сахту сангин аст роҳи зиндагӣ,
Раҳнамою доварам - модар, падар.
Ҷамъи фарзандон - умеди волидайн
Бо бародар хоҳарам модар, падар.
Хуш бувад абёти сабзи Ҷумъазод,
Симу зар, карру фарам - модар, падар.

* * *

Парчами сулҳу амонӣ лолазори миллат аст,
Дар мақоми худшиносӣ эътибори миллат аст.
Мешавад обод, бешак, водии бахти Ватан,
Давлати аркони он дар ихтиёри миллат аст.
Махзани ганҷи диёри нозанини тоҷикон,
Марди майдон, қаҳрамони бешумори миллат аст.
Ҷисму ҷони он намебинад газанди рӯзгор,
Ҳамчу фарзанди накӯ андар канори миллат аст.
Ҳифзи давлат, ҳифзи сарват, ҳифзи миллат, марзу бум,
Дар ҳама ҳолат, азизонам, шиори миллат аст.

* * *

Тавофи хонаи модар савоб аст,
Мадад бар хоҳару додар савоб аст.
Ба чашми равшане дар зиндагонӣ
Шудан оинаи дилбар савоб аст.
Наёзурдан дили мавҷуди олам,
Наҷоти чӯҷаи кафтар савоб аст.
Хумори ташнагии аҳли эҷод
Шикастан бо гулоби тар савоб аст.
Барои волидон бо созиши дил,
Ба шавҳар додани духтар савоб аст.

* * *

Иттифоқи мо, ки дар фасли баҳор афтодааст,
Бахту иқболи фузуне дар канор афтодааст.
Рози дил гуфтем пеши чашмаву рӯди равон,
З-ин дили мо чашмаосо беқарор афтодааст.
Ҳусни ту оина бошад – равшании дидаам,
Аз фаросӯи нигоҳам сад нигор афтодааст.
Ҳамчу шамси тозарӯ гаҳ менамоӣ суратат,
Бар замини хотирам пайки шарор афтодааст.

Нест осон, то нишинӣ бар саманди орзу,
Вақти дав аз қоши зин садҳо савор афтодааст.
Ҷумъазода, барги шеърат зиннати боғи хаёл,
Чун умеди зиндае дар қалби ёр афтодааст.

* * *

Тӯйи ин хона муборак бошад.
Базми шоҳона муборак бошад,
Зинати қасри базеби шоҳӣ –
Шамъу парвона муборак бошад.
Бар дили ҷуфти муносиб, оре,
Ишқи афсона муборак бошад.
Дар раҳи зиндагию меҳру вафо
Ҷону ҷонона муборак бошад.
Ин даму соати фархундаи бахт,
Базми тӯёна муборак бошад!

* * *

Сад муаммои замон афтода бар дарёи илм,
Оҳанин муште бизан, то во шавад дунёи илм.
Ақли одам даркушои ҳуққаи рози фалак,
Парда бардорад зи рӯи олами руъёи илм.
Аз гил ар парвози он оғоз гашта то Зуҳал,
Интиҳое нест, аммо дар раҳи фардои илм.
Як гираҳро чун кушоӣ, мерасад банди дигар,
Азми гирдоби дигар дорад ҳаме маҷрои илм.
Чун шарори дидаи хуршедии рӯзи сафед,
Рӯи оламро бигирад оқибат паҳнои илм.

* * *

Ҷон ба каф ояд гаҳе аз ин азоби зиндагӣ,
То куҷое мебарад моро таноби зиндагӣ.
Кӯзаи заррини он осон намеояд ба даст,
Эй ки мехоҳӣ ҳаме нӯшӣ шароби зиндагӣ.
Нашканад як қатра оби он хумори ташнагӣ,
Кас намедонад куҷо бошад сароби зиндагӣ.
Аз пайи заҳмат шавад пайдо чу ризқи одамӣ,
Нӯши ҷон бодат, азизи дил, кабоби зиндагӣ.
Неъмати дунё фузуну лек исрофаш ҳаром,
Сарфаоророӣ агар, ёбӣ савоби зиндагӣ.
Ҳастии ёри накӯ бошад дари ганҷи ҳаёт,
Бо калиди дил ҳамеёбӣ ҳисоби зиндагӣ.

* * *

Зиндагӣ бо бори худ гоҳе гаронӣ мекунад,
Мешавад пажмурда ҳар кӣ нотавонӣ мекунад.
Дар зафар бояд наёрӣ ёд аз мағлубият,
Ин шиори Рустаме, ки паҳлавонӣ мекунад.
Нест имконе биёбӣ ҳафтаи бигзаштаро,
Мешавад барно магар пире ҷавонӣ мекунад?
Хуш ба ҳоли он касе, ки дар набарди рӯзгор
Лашкари ғамро шикаста, қаҳрамонӣ мекунад.
Донишу ақлу хирад, аҳду вафои ишқи пок
Номи касро ҳамчу байти ҷовидонӣ мекунад.

* * *

Падар бошад агар, ганҷи каме нест,
Дар ин олам туро дигар ғаме нест.
Ба дарди бедавои зиндагонӣ
Чу панди қанди ӯ як марҳаме нест.
Барои ҳалли ҳар боби муаммо,
Мисолаш раҳнамою ҳамдаме нест.

Падар - давлат, падар - сарват, азизон,
Ба мисли ӯ азизу акраме нест.
Ҷаҳони меҳри ӯро нест поён,
Ба ҳиммат мисли ӯ як Ҳотаме нест.

* * *

Сад муаммои гарон дорад китоби зиндагӣ,
Пеши раҳ пайваста мебинӣ хитоби зиндагӣ.
Дар чунин айёми сангин нест маълуми касе,
То куҷоҳо мебарад моро шитоби зиндагӣ.
Ризқу рӯзӣ барнамеояд чу бе саъю талош,
Рӯи оташ сӯхт бояд чун кабоби зиндагӣ.
Дониш ақли одамиро мекунад ҳар дам расо,
Бар кафи ту мерасад рӯзе шароби зиндагӣ.
Азми ғаввосӣ набошад гар ба баҳри рӯзгор,
Аз куҷо меёбӣ охир, ганҷи ноби зиндагӣ?
Ҷуз худ амсоли дарахте соя бахшӣ бар касе,
Бинӣ андар китфи худ мурғи савоби зиндагӣ.

* * *

Лутфу эҳсон дидаам дар хонаи ҳар камбағал,
Баҳри онон месароям қитъаву шеъру ғазал.
Сарват ар афзун шавад, азми сахоро кам кунад,
Дар китоби зиндагии аҳли дил монд ин масал.
Талх бошад рӯзгор, аммо зи талхӣ нола чист?
Зиндагӣ ширин нагардад, гар хӯрӣ, ҳар дам асал.
Лобалои чархи гардун аз хирад дорад бақо,
Аз хатои одамон айём мегардад касал.
Даркушоӣ кун дар ин умри гузар, эй ёри ҷон,
Одамӣ эмин намемонад зи чанголи аҷал.
Ҷумъазода, нуктаеро гар надонӣ, ғам махӯр,
Кас нашуд пайдо, ки донад сирру асрори азал.

* * *

Бе рӯҳ куҷо тане равон аст?
Бе ақл диле куҷо ҷавон аст?
Бе даст тавон басе давидан,
Бе пой куҷо касе равон аст?
Бо дидаи пурҷилои Хуршед,
Равшан ҳама рӯи ин ҷаҳон аст.
Рустам шуда бас афзун ба номе,
Ку шердиле, ки паҳлавон аст?
Бо чашми расои одамизод,
Сад ранг ба шишаи замон аст.
Ин умр, яқин, фирор дорад,
Некӣ чу замини ҷовидон аст.
Он кас бирасад ба қуллаи бахт,
Дар фикри Худои ломакон аст.

* * *

Рӯзгор омад гарон, дардо, надонам чун кунам,
Зиндагӣ Лайло набошад, то ки худ Маҷнун кунам.
Тиработин бо зару зевар шуда болонишин,
Ин аламро бо чӣ раҳ аз қалби худ берун кунам.
Бо хаёли шеъри тар дар гулшани сабҳи хаёл
Ғунчаи дилро бо теғи орзуҳо хун кунам.
Меҳри молу зарпарастӣ ҷо надорад дар дилам,
Давлати худ бо каломи аҳли дил афзун кунам.
Аҳли маъниро фалак дасти мурувват во накард,
Пас чӣ суде оварад, гар шиква аз гардун кунам?

* * *

Дилам шуд моили шӯхи парирухсор оҳиста,
Парастад мисли гул ҳар дам варо дидор оҳиста.
Замони ҳаҷру дуриҳо паси сар шуд дар ин айём,
Хаёли мо ба ҳам печад сари гуфтор оҳиста.
Диёри ошиқон набвад барои булҳавас манзил,
Пазирой ба ҷон созӣ, кунӣ рафтор оҳиста.
Зи навмедӣ куҷо тарсад фидоии раҳи мақсуд,
Ки ҷоми ҳасрати Маҷнун шуда саршор оҳиста.
Чӣ мушкил буд, ки мову ту гаҳе андар дили шабҳо
Ба ҳам гуфтем розе дар паси девор оҳиста.
Ғазал бо завқи афзун Ҷумъазодат ҳадя пеш орад,
Зи абёти пареш, оре, шавад ашъор оҳиста.

* * *

Ёрам шарафи занона дорад,
Як олами пурфасона дорад.
Бо як нигаҳи чу кабк масташ
Мурғи дили ман тарона дорад.
Он кулчаи рӯ-ш бегазанд аст,
Сурхии рухи замона дорад.
Болои сарам чу маҳ барояд,
Лабхандаи содиқона дорад.
Чун ғунча ҳама ҳаёст ӯро,
Як олами тоҷикона дорад.
Бо хандаи ӯ Халифабобо
Чашму дили ошиқона дорад.

* * *

Дидаи шабро чароғ аз файзи садҳо ахтар аст,
Чашми дилро равшанӣ аз нури рӯйи дилбар аст.
Софии оби равон аз ҳастии санге баҷост,
Ҳар куҷо бошад гуле, хоре варо андар бар аст.
Дар муҳаббат мерасад то қуллаи бахту мурод,
Ҳар киро дар зиндагӣ фикри навине бар сар аст.
Лаззати дунё надонад одами ишратпараст,
Дар нигоҳаш зиндагӣ ғун кардани симу зар аст.
Рӯйи дунё баҳри парвози баланде омадам,
Қудрати парвози мо аз боли абёти тар аст.
Бо сифоти худ муносиб ҳамнафас пайдо намо,
Гар дар ин хиҷлатсаро бошӣ баробар, беҳтар аст.

* * *

Бас сабзапӯшу зебо олам асири об аст,
Бе ҳастиаш, бидонам, дунё ҳама хароб аст.
Рӯзу шабон ба роҳе пайваста дар такопӯ,
Не фурсати ситодан, не лаҳзае ба хоб аст.
Шабҳо, ки рӯ кушояд маҳтоб аз паси меғ,
Дарёи пурталотум зебову нуқратоб аст.
Рӯди равону софе чун шиша менамояд,
Ҳар чашмаи зулоле як, ҷуръаи шароб аст.
Дар пардааш нагунҷад ин лолаи кулаҳсурх,
Болои сар бубинад як пораи саҳоб аст.
То бар замини ташна н-ояд фишори гардун,
Оби равони дарё ҳамвора дар шитоб аст.

* * *

Ту ҳамон субҳи сафоӣ, ки дилам мехоҳад,
Ту ҳамон нуру зиёӣ, ки дилам мехоҳад.
Нашканад шишаи шарми ту ба пеши мардум,
Ғунчаи шарму ҳаёӣ, ки дилам мехоҳад.
Толиби ёри базебу рухи бебок манам,
Молики зулфи сиёҳӣ, ки дилам мехоҳад.
Боғи оғӯши ту дорад шарар аз нури фалак,
Шабаҳи бӯйи гиёҳӣ, ки дилам мехоҳад.
Сабзаи ёди ман аз шабнами илҳоми ту маст,
Лутф фармуда биёӣ, ки дилам мехоҳад.

* * *

Ҳастии лаззати дунё ишқ аст,
Мастии ҳолати дилҳо ишқ аст.
Дарди бедард бувад меҳри нигор,
Сурхии лолаи саҳро ишқ аст.
Сарвати об бувад ганҷи фузун,
Давлати моҳии дарё ишқ аст.
Раъша бар тан бирасад аз лаби ёр,
Барқ дар ноқили лабҳо ишқ аст.
Пеши ошиқ набувад қимати умр,
Махзани олами савдо ишқ аст.
Дили ошиқ, ба Худо, танҳо нест,
Ҳамдами ошиқи шайдо ишқ аст.

* * *

Фасли гул омад ба бар, сайри чаман ғанимат,
Атри нафас аз гулу мушку суман ғанимат.
Зам-замаи чашмаву шеъри нави мурғи дил,
Парчами гулҳои тар, дашту даман ғанимат.

Бас ба назар хушнамуд домани сабзи баҳор,
Ҷомаи гулгун ба бар, ҳусни Ватан ғанимат.
Хома бизан, хуш навис, васфи чунин фасли сол,
Бар адами дарди дил ҷоми сухан ғанимат.
Хез, баҳор омада, пераҳанаш ғарқи гул,
Боби тамошои мо, куртачакан ғанимат.

* * *

Бӯса ҳамон беҳ, ки зи лаб сар шавад,
Хушкии хатҳои ду лаб тар шавад.
Раъша фитад дар тани дилдодагон,
Ҳар шарари бӯса чу ахтар шавад.
Гар нигарад ёр ба як ханда боз,
Хонаи дил зуд мунаввар шавад.
Дар назар он чашмаи нӯшини ёр
Як нафасе чашмаи Кавсар шавад.
Донаи холи лабаки гулнигор,
Дида дилу ранги кабутар шавад.
Бар тани кас омада неруи нав,
Ҳадя агар аз лаби духтар шавад.
Дарси дабистони муҳаббат, чӣ хуш,
Бо ҳавас аз роҳи вафо сар шавад.

* * *

Ҳар гаҳе боди сабо зулфат парешон мекунад,
Оташи ишқи ту моро сина бирён мекунад.
Он қадар хушсуратӣ, к-аз ғояти шавқи фузун
Ошиқонро теғи абрӯи ту қурбон мекунад.
Сарвати дунё намехоҳад дили танҳои ман,
Давлати дидори ту моро чу султон мекунад.
Булҳавас донад куҷо неруи қудратманди ишқ?
Кофиринро меҳри Ҳақ рӯзе мусулмон мекунад.
Чашми дарё дориву мавҷе бувад пироҳанат,
Синаи шӯридаро шоду ғазалхон мекунад.

* * *

Соқиё, ратле бидеҳ, вақти муборакбод шуд,
Аз диле то бар диле кошонае бунёд шуд.
Дар раҳи сидқу вафою эҳтироми якдигар,
Боз Ширине чароғи дидаи Фарҳод шуд.
Бо суруди ёр- ёр омад арӯси нозанин,
Аҳли маҷлис аз садои мутрибон дилшод шуд.
Ҳусни нотакрори дилбар нур мерезад, чӣ хуш,
Маҳфили моро рухаш бингар, чӣ ҳуснобод шуд.
Ҳар кӣ зам кард аз карам ҳусни суханҳои наҷиб,
Мурғи дилҳои қарини мо зи ғам озод шуд.

* * *

Дар ҷаҳони зиндагӣ бе ёр будан мушкил аст,
Бе анису дилбари ғамхор будан мушкил аст.
Чашму дилро равшанӣ бахшад рухи моҳи тамом,
Ғофил аз гулхандаи дилдор будан мушкил аст.
Баҳри рози дил шаби маҳтобӣ боби ошиқон,
То саҳар дар сояи девор будан мушкил аст.
Шукри беҳад боядат, вақте ки бошӣ тандуруст,
Дар раҳи мақсуди дил бемор будан мушкил аст.
Нест ноне рӯйи хонат, ашки чашмонат равон,
Андар ин дунёи дун бекор будан мушкил аст.

* * *

Давлати пайваста мехоҳад дилам,
Ҳиммати шоиста мехоҳад дилам.
Шишаи бишкастаро ку эътибор?
Соғари нашкаста мехоҳад дилам.
Аз чаманзори диловези ҳаёт
Ҳар замон гулдаста мехоҳад дилам.
Укдаи сарбастаи дунёи роз
Як ба як дониста мехоҳад дилам.

Баҳри сайди маънии шеъри баланд,
Мисраи барҷаста мехоҳад дилам.
Некмаҳзар буда аҷдодони ман,
Одами вораста мехоҳад дилам.

* * *

Нокасе дар зиндагӣ кай кас шавад?
Вой бар ҳоли касе, нокас шавад.
Вақти бемориву ҳангоми ниёз
Бар дили афтода кӣ дилрас шавад?
Гар биёбӣ давлати дунё, бидон,
Ёри нонӣ дар даме каргас шавад.
Гул ба барги тозааш дорад мақом,
Ҳолати пажмурдагӣ чун хас шавад.
Мардии зан дида мехоҳад дилам:
Мардро азми заифӣ бас шавад!

* * *

Каси дилмурдаро нодида беҳтар,
Гули пажмурдаро ночида беҳтар.
Ба пеши теғи ҷаллодон чу Восеъ
Дили бирён, лаби хандида беҳтар.
Сухан бишнидану бо ақли равшан
Раҳи иҷрои он санҷида беҳтар.
Дар ин айёми пурдарду тазодаш
Хаёли одамӣ болида беҳтар.

* * *

Некӣ кардан бар каси одил равост,
Ин сухан аз лутфи аркон муддаост.
Гоҳу гаҳ подоши некӣ бад шавад,
Дасти нокасро гирифтанҳо хатост.

Кам бувад ёре, ки бошад бетамаъ,
Ҳастии ёрон магар дар ҷайби мост?
Ҳарфи хубе аз табиби ҳақталош,
Баҳри беморе ҳама амну шифост.
Шодӣ ояд, ҷони ман, аз худ марав,
Шоми андуҳи замона аз қафост.

* * *

Қисмати ёрони аҳли дил парешонӣ бувад,
Гӯшагирӣ меҳнату ранҷу пушаймонӣ бувад.
Дар сафар бинӣ анисе, чеҳра хандон мешавад,
Дар диёрам қадри рӯи дӯст арзонӣ бувад.
Давлат ар бошад, шумори дӯстон беинтиҳост,
Пешаи марди ғариб андӯҳу сарсонӣ бувад.
Қомати тоҷик нагардад хам мисоли шохае,
Устувор ӯ то даме, ки тоҷикистонӣ бувад.
Модаро! Зодию гуфтӣ: «Аз хати пешониам!»
З-ин баҳои хидматат тире ба пешонӣ бувад.
Пурсамар ҳар як дарахти боғи миллат гаштааст,
Ин заволи душманиву ҷаҳлу нодонӣ бувад.

* * *

Бидеҳ май, соқиё, ғам дорам имрӯз,
Ду чашмони пур аз нам дорам имрӯз.
Ба рӯзи сахт танҳоӣ кашида,
Малол аз ёру ҳамдам дорам имрӯз.
Надидам ёри ҷонӣ дар зарурат,
Ба ёрон боварӣ кам дорам имрӯз.
Хамӯшӣ дидаам дар кишвари ишқ,
Алам бисёр, мотам дорам имрӯз.
Замона сахт ояд мисли Ҳофиз,
Басе ҳиммат чу Ҳотам дорам имрӯз.
Ба эҳсони Худо дар боби ҳастӣ
Китоберо фароҳам дорам имрӯз.

Агар олам чу ман ошиқ наёбад,
Аҷаб ошиқ, ки олам дорам имрӯз.

* * *

Одамӣ баъд аз сари худ қадру қимат доштаст,
Дар бари модар аҷаб умри ғанимат доштаст.
Гар замони зиндагӣ аз сидқ кам ёд оваранд,
Дар хазони умри ширинаш садоқат доштаст.
Хулқу атвори замон равшан барои кас аён,
Дӯст аз дороият меҳру муҳаббат доштаст.
Дар маризӣ мерасӣ бар ёди ёрони куҳан,
Нокасии иддае сӯзи ҷароҳат доштаст.
Санги бераҳми замон фонӯси ёдамро шикаст,
Шомгоҳи зиндагӣ субҳи саодат доштаст.
Ҷумъазода, аз каломи шаҳди душман алҳазар,
Нуктаи ёрони ҷонӣ бас ҳаловат доштаст.

* * *

Ба як дидан баробар шуд туро ҳимат ба ҷони ман,
Набуд осори ғам дар дил, агар будӣ азони ман.
Зи боғи ҳусни некуят бичинам меваи умед,
Қасам, ҷоно, ки пур гардад зи рӯи ту ҷаҳони ман.
Саропо маҳзани меҳрӣ, саропо олами сеҳрӣ,
Зи ҳусни ту биосояд даме рӯҳи равони ман.
Биё, то дидаро боре гузорам рӯи чашмонат,
Занад рӯ чун дили ғунча таманнои ниҳони ман.
Надидам шаҳри зеботар ба ҷуз аз кишвари ошиқ,
Вафо бошад суруди он, ки бошад дар забони ман.

* * *

Падар гар оқилу фарзона бошад,
Сутуну гунбади ҳар хона бошад.

Зи эъҷозаш расад амну амонӣ,
Зи баҳри зиндагӣ дурдона бошад.
Набошад дар дилаш ар меҳри фарзанд,
Чи суд, ар давлаташ шоҳона бошад?
Падар бошад агар шахси табаррук,
Ҷаҳону зиндагӣ афсона бошад.

* * *

Нури Илоҳиро бубин дар тӯйи домоду арӯс
Ин тахти шоҳиро бубин дар тӯйи домоду арӯс.
Бо азми дил бикшудаанд онон дари хайру сахо,
Субҳи пагоҳиро бубин дар тӯйи домоду арӯс.
Ин маҳфили дилдодагон чун минбари ҳамду сано,
Армонбихоҳиро бубин дар тӯйи домоду арӯс.
Дорои мушку ёсуман боғи дили дунёи ишқ,
Азми сипоҳиро бубин дар тӯйи домоду арӯс.
Бе об мемирад, яқин, гулмоҳӣ аз дарди фироқ,
Ин обу моҳиро бубин дар тӯйи домоду арӯс.

* * *

Муҳаббат худ каломи шоирона,
Хати сабзи китоби ошиқона.
Раҳи пайвади дилҳои пур аз меҳр,
Чароғи зиндагии пурфасона.
Шарори бӯсаи ду ҷуфти ҳамдил,
Гули нуре дар ин базми тарона.
Зи эъҷози ба худ хоси Худованд
Бисабзад тифли зебо чун нишона.
Набошад неъмате беҳтар зи фарзанд,
Дар олам, дар ҳама давру замона.
Яқин донам, ки дарёи муҳаббат
Нахушкад дар дили мо ҷовидона.

* * *

Хаёли рӯи ҷонон дорад ошиқ,
Дили дунёи армон дорад ошиқ.
Миёни ҳалқаҳои ашки шодӣ
Гули лабҳои хандон дорад ошиқ.
Барои дидани рӯи маҳи ёр
Нигоҳи гарму пазмон дорад ошиқ.
Чу марди роҳи дунёи муҳаббат
Ҳазор асрори пинҳон дорад ошиқ.
Барои сабзии ин кишвари ишқ,
Шарофат мисли борон дорад ошиқ.
Кунун болои тахти гулшани роз
Рисолат мисли шоҳон дорад ошиқ.

* * *

Ҳар касе ошиқи шайдо нашавад,
Ишқ аз валвала пайдо нашавад.
Оташи сабзи муҳаббат ба ду рӯз
Дар дили банда ҳувайдо нашавад.
Оби ду чашма гаҳе хушкида,
Ҳамдаму ҳамдили дарё нашавад.
Сурхии рӯи ҳама булҳавасон
Ҳамчун он лолаи саҳро нашавад.
Кай зи як дасте садо омадааст?
Бахт ҳам ёр ба танҳо нашавад.

* * *

Чароғи ақли инсон аст дониш,
Сафобахши дабистон аст дониш.
Ба гулбоғи адаб нақши маонӣ,
Гули завқи гулистон аст дониш.
Мунаввар менамояд роҳи моро,
Ба мисли моҳи тобон аст дониш.

Ба пиндораш ҷаҳон дорад итоат,
Шукӯҳу фарри Яздон аст дониш.
Кунад сарсабз нураш майсаи ёд,
Чу файзи резаборон аст дониш.
Зи қаъри гил барад моро ба гардун,
Фазои сабзи кайҳон аст дониш.
Кушояд уқдаи асрори олам,
Калиди ганҷи пинҳон аст дониш.
Зи гаҳвора бибояд дониш андӯхт,
Ба дилҳо нури имон аст дониш.
Биҷӯ аз лобалояш ҳусни мазмун,
Фурӯғи роҳи армон аст дониш.
Гиромӣ дор ин ганҷи азизон,
Нишоне аз ниёгон аст дониш.

* * *

Муаллим кист? Хуршеди ҷаҳон аст,
Сафобахшандаи давру замон аст.
Кушояд то дари асрори олам,
Чу ҳарфе аз пайи маънӣ равон аст.
Ҳама дороиаш илм асту фарҳанг,
Фазои ҳикмати ӯ бас бекарон аст.
Расад то бар ҳадаф тири умедаш,
Барои сайди ҳар маънӣ камон аст.
Муниробод, дахр аз меҳнати ӯ,
Ба ҳиммат зеби садҳо достон аст.
Ба кохи бениёзӣ дар ду олам
Муаллимро мақоми ҷовидон аст.

* * *

Китоби умри инсон аст фарҳанг,
Чароғи давру даврон аст фарҳанг.
Ба чашми марҳамат бингар ба сӯяш,
Раҳи сабзи бузургон аст фарҳанг.
Фурӯзад дар дили мо оташи меҳр,
Сафои рӯзгорон аст фарҳанг.
Зи шеъри Рӯдакӣ олам мусаххар,
Ҷаҳони фазлу имон аст фарҳанг.
Расида то Зуҳал афкори Сино,
Калиди рози кайҳон аст фарҳанг.
Гулафшон боғи ҳикматҳои Саъдӣ,
Саропои «Гулистон» аст фарҳанг.
Муаттар чун «Баҳористон»-и Ҷомӣ,
Бақои Тоҷикистон аст фарҳанг.

* * *

Китоб амсоли як тайёра бошад,
Нигаҳдорандаи сайёра бошад.
Мунаввар мекунад дунёи идрок,
Бубин, судаш ба кас ҳамвора бошад.
Ҳабиби хушзабони шоҳу дарвеш,
Аниси марди раҳовора бошад.
Тасаллобахши дилҳои пур аз хун,
Шарику ҳамдаму ғамхора бошад.
Ба зери болини кӯдак ҳамора,
Балогардони ҳар гаҳвора бошад.
Мақомаш дар тамаддун – равшаноӣ,
Мисоли Шамсу Маҳ, истора бошад.

* * *

Раҳи осон ба кас пайдо нагардад,
Ҳунар дар растае савдо нагардад.
Бувад гулхонае чашми ҳунарчӯ,
Ба гирди шахси бепарво нагардад.
Каси орӣ зи эъҷози шиновар,
Чу моҳӣ дар дили дарё нагардад.
Наёбад рӯзӣ асло як паланге,
Агар сад кӯҳу сад саҳро нагардад.
Ҳар он касро, ки бошад илму дониш,
Китоби умр бемаъно нагардад.

* * *

Умри одам аз барои зиндагонӣ кӯтаҳ аст,
Вой бар ҳоли касе нодону гӯлу гумраҳ аст.
Ғам хӯрад чун аждаҳо гар ними умри одамӣ,
Боқӣ дар хобу хаёлу меҳнату рӯйи раҳ аст.
Ҳикмати даврон – ҷилои тозаи фардои нек,
Нӯши ҷон бошад ҳаёти он, ки аз ин огаҳ аст.
Мекашад худро ба доре навҷавоне, водареғ,
Ҳар касе ҷабре ба ҷони худ кунад, пас аблаҳ аст.
Саъй бинмо, то биёбӣ сарҳисоби ин баҳор,
Пойизи нахли таманноро расидан ногаҳ аст.

* * *

Наврӯзи пурфасона
Дунёи шоирона.
Ояд ба кишвари мо,
Бо меҳри ошиқона.
Олам ҳама мубарро
Бо шеъру бо тарона.
Сардӣ бирафту ояд
Гармии бекарона.

Во ғунчаҳо бигардад,
Бо ханда дилбарона.
Бодо, ҳамеша бошад,
Наврӯзи ҷовидона.

* * *

Фараҳафзо бувад айёми Наврӯз,
Бувад пайғоми Ҳақ пайғомиНаврӯз.
Саропо олами поку мубарро,
Ҷаҳоноро шуда андоми Наврӯз.
Зи гул дорад пиёла боназокат,
Ба барги лола бинӣ ҷоми Наврӯз.
Биёяд рӯзи мо поён, валекин
Наояд то абад анҷоми Наврӯз.

* * *

Наврӯзи Аҷам -ҷашни Ватан меояд,
Базму тарабе дар анҷуман меояд.
Ҳар шоири дилдода ба як эъҷозе
Бо шеваи тоза дар сухан меояд.
Гулҳо чу арӯси тозарӯ зебоянд,
Булбул ба тамошои чаман меояд.
Аз ҷомаи гулҳои баҳорон, оре,
Бӯйи хуши мушку ёсуман меояд.
Дар барги гули лола хиромон имрӯз
Зебосанаме ба пираҳан меояд.
Синҳори фалак ба куртаи гулдӯзӣ
Бар Суғду Бадахшону Хутан меояд.

* * *

Аз балегӯӣ, балое мерасад,
Баъди хурсандӣ ҷафое мерасад.

Бевафое, бевафоӣ карда беш,
Кай ба қадри бовафое мерасад?
Аз пайи ҳар як қадам дар зиндагӣ,
Гаҳ дурустӣ, гаҳ хатое мерасад.
Пеши раҳ осон бубинад дидагон,
Бас фалокат аз қафое мерасад.
Одамӣ ҳам бо умеде зинда аст,
Рағми дарди бад шифое мерасад.
Ҷумъазода водии сабзи хаёл
Чун сапеда бо сафое мерасад.

* * *

Чун гулшани замона Наврӯз мерасад боз,
Бо чангу бо чағона Наврӯз мерасад боз.
Хуш лола мекашад сар чун дилбари кулаҳсурх,
Олам ҳама фасона, Наврӯз мерасад боз.
Муҳри баҳори зебо чун сабзаи замин аст,
Бо ранги дилбарона Наврӯз мерасад боз.
Дар шохи гулситода он булбули ғазалхон,
Хонад басе тарона, Наврӯз мерасад боз.

* * *

Фасли Наврӯзи баҳорон зинда бод,
Нусрати гулҳои хандон зинда бод.
Анбарафшон шуд фазои мамлакат,
Давлати хуршеди тобон зинда бод.
Рӯйи раҳ борони нам - нам мезанад,
Оби раҳмат, оби борон зинда бод.
Дастагулҳои баҳорӣ бас фузун,
Армуғони сабзи ёрон зида бод.
Ҳар куҷо базму тараб дар рӯзи ид,
Рақси ёри тозаҷавлон зинда бод.
Ҷашни Наврӯзи ҷаҳонӣ то абад
Дар фазои Тоҷикистон зинда бод!

* * *

Ҳусни маънӣ аз китоби зиндагӣ ҳосил шавад,
Рӯди пуртуғёни дилро оқибат соҳил шавад.
Санги хоро мехӯрад сад зарбаи путки гарон,
То ба мисли шишае андар сари манзил шавад.
Менавозад тори дил абёти аркони сухан,
Ҳар кӣ хонад мисрае, осуда, хушдил шавад.
Чун равад андеша дар боли навине то Зуҳал,
Бар суруди зиндагӣ аҳли сухан моил шавад.
Дарди мардум бар дилат ҷо додаву ҷон меканӣ,
То ки ганҷи дафтарат як мисраи Бедил шавад.

* * *

Ваҳдати миллат ризои миллат аст,
Қудрату дасти дуои миллат аст.
Амну ободии мулки тоҷикон
Давлати субҳи сафои миллат аст.
Васли ҳар як гӯшаи мулки азиз
Орзӯи Пешвои миллат аст.
Қолини гулҳои он Боғи Ирам,
Пойандозе ба пои миллат аст.
Ҷамъи абёте зи аркони сухан
Рамзи фарҳанги расои миллат аст.
Ҳар суруди тозаи даврони мо
З-арғунуни хушнавои миллат аст.
Азми ободии водии мурод
Ҳастии мо, муддаои миллат аст.

* * *

Ба зан зебоии даврон писанд аст,
Муҳаббатномаи ёрон писанд аст.
Вафову эътиқоду лутфи ширин,
Нигоҳи тозаи мардон писанд аст.

Бувад қалбаш чу гул нозук, азизон,
Барояш чеҳраи хандон писанд аст.
Ба гул моност андоми занона,
Садои булбули хушхон писанд аст.
Барои Ҷумъазод аз давлати даҳр,
Гули гулхандаи ҷонон писанд аст.

* * *

Дарди дил бо дил табобат мешавад,
Ҷисму ҷони кас бароҳат мешавад.
Фурсати афдодагиву дарди дил,
Ҳарфи ноҷо худ ҷароҳат мешавад.
Чун табобат ёфт қалбаш, одамӣ
Аз пайи азми ҳаловат мешавад.
Мерасад бар ёди ӯ рӯи ҳабиб,
Боз дар фикри иморат мешавад.
Бемурооте зи фармуди табиб
Бандаи нафсу кароҳат мешавад.
Дилшиносеро бубинад, баъди ин
Аз пайи узру итоат мешавад,

* * *

Ҳар он кас, ки асири моли дунёст,
Варо з-одамгарӣ дигар чӣ парвост?
Наҷӯяд кимиё бар умри фонӣ,
Хаёлаш дар сари бозору савдост.
Зи абри тираи чашми дили ӯ
Ду раҳ яксон -раҳи чаппу раҳи рост.
Вале нахли умеди аҳли эҷод
Самар дорад, саропояш гуворост.
Бубин, он шохаи хушки дарахте
Зи баргу мева орӣ, якка, танҳост.
Кунун мурғи хаёли Ҷумъазода
Уқобе гаштаву аз лона бархост.

* * *

Бар каломи шоири дилдода бовар мекунам,
Дар вафои дилбари озода бовар мекунам.
Рӯи раҳ афтодае бинам, дилам ғам мехӯрад,
Бар ниёзи дидаи афтода бовар мекунам.
Хона ҳусни тоза меёбад зи як меҳмони нав,
Ман ба файзи кӯдаки навзода бовар мекунам.
Меравам бо роҳи сахти зиндагонӣ бемалол,
Бар дуои модарам-Шаҳзода бовар мекунам.

* * *

Умри ман, умри шумо хоҳад гузашт
Дар замину дар само хоҳад гузашт.
Аз раҳи душвору сахти зиндагӣ
Сад мусибат, сад бало хоҳад гузашт.
Шоҳ, агарчи молики ганҷинаҳост,
Аз ҷаҳон мисли гадо хоҳад гузашт.
Дар мусибат лашкари дарду алам,
Пора карда қалби мо хоҳад гузашт.
Одам аз дунё ба сад ранҷурияш,
Бе мадори дасту по хоҳад гузашт.
Ҳеҷ медонӣ, ки вақти рафтанаш
Дар хаёли ӯ чиҳо хоҳад гузашт?
Воалам, бо ин ҳама озодагӣ
Кас намедонад чаро хоҳад гузашт?

* * *

Бо ҳасад кошонаи ёре бидидан хуб нест,
Гӯшро ҳамвора ҳарфи бад шунидан хуб нест.
Тан агар сангин набошад, оби рӯдаш мебарад,
Бо ҳавас ҷӯи равонро ҳам ҷаҳидан хуб нест.
Ошиқонро гармии рухсори ёрон мекашад,

З-ин сабаб рӯзе ба ҳар як дар давидан хуб нест.
Пеши он, ки дарду ғамҳо мағзи ҷонаш мехӯрад,
Бо ҳавои ханда аз дурӣ расидан хуб нест.
Меваи нопухта эҳсон кай намояд ангубин?
Риштаи урёни маъниро танидан хуб нест.

* * *

Кишвари моро, аҷаб, ҷашне зи Сомон мерасад,
Шуҳрати тоҷики ман гӯйӣ ба кайвон мерасад.
Махзани таъриху фарҳанги диёри тоҷикон
Дар ниҳоди иддае бар Тоҷикистон мерасад.
Бо навои чангу абёти тараш пири сухан
Дар чунин рӯзи саодат байни майдон мерасад.
Зинданом Исмоил азми меҳани аҷдод кард,
Дар Душанбе қоматаш то авҷи кайҳон мерасад.
Лашкари ғамро адам оварда сулҳи тоҷикон,
Шукр, он чун косаи давре ба инсон мерасад.
Укдаи қалби ҳазинро во кунад умеди нав,
Қиссаи ғамҳои дил акнун ба поён мерасад.

* * *

Модаро, ҳар лаҳза ранҷат, баски бар ёдам расад,
Неши хори зиндагӣ бар қалби ношодам расад.
Меравам доим зиёрат сӯи ту аз роҳи кӯҳ,
Бо дуои сабзи ту дунё ба фарёдам расад.
Муддате гар гум кунам мақсудроҳи бахти худ,
Чун анисе панди ту аз нав ба имдодам расад.
Модаро, ҷониву ман амсоли сайди тезпо,
Медавам умре бароят, то ки сайёдам расад.
Сар ниҳам бар рӯйи зонуят, бувад бахти баланд,
Кӯдакӣ чун байти нав бар дафтари ёдам расад.

* * *

Зан осори нишоти хонадон аст,
Шукӯҳу зиннати давру замон аст.
Ба маънӣ байти нав дар дафтари ёд,
Ба қимат олами шеъри равон аст.
Бари домони покаш хонаи бахт,
Ҳадисе аз забони ӯ ба ҷон аст.
Фурӯзад оташи меҳре ба мардон,
Нигоҳи боғи ҳуснаш як ҷаҳон аст.
Биҷӯ аз мактаби ишқаш саодат,
Алифбои ҳаёт он ҷо ниҳон аст.
Ба кайҳон мерасад ӯро агар сар,
Фурӯтан, тозарӯву хушзабон аст.
Пай афкан баҳри ӯ кохи муҳаббат,
Канори зан биҳишти ҷовидон аст.

* * *

Дурри мақсуде ба даст овардан осон нест, нест,
Гулшани дунё барои марди нодон нест, нест.
Дар замони сахт ҳам оқил намирад ноаён,
Гавҳари дарё, бале, аз дида пинҳон нест, нест.
Ҷои гул бар дасти зан бори гарони зиндагист,
Ин ҳама бухлу риё аз чархи гардон нест, нест.
Сахтиҳои ин зиндагӣ моро ба ҳар сӯ бурдааст,
Ҷумъазода з-ин сабаб дар деҳи Каздон нест, нест.

* * *

Аз одами беимон метарсаму метарсам,
Аз ошиқи бепаймон метарсаму метарсам.
Коре, ки варо подош афсӯсу пушаймонист,
Аз васвасаи шайтон метарсаму метарсам.

Як идда ба симу зар, бо ҷоҳу ҷалоли беш,
Аз ҳар қадами эшон метарсаму метарсам.
Аз санги маломатҳо тарсе набувад моро,
Аз наҳсии ин кайвон метарсаму метарсам.

* * *

Дард агар ояд ба тан, муште дари дил мезанад,
Мурғи иқбол аз фазо афтода бар гил мезанад.
Ранҷи бешак боядат, то пайки шодӣ сар занад,
Мастие масте кунад, оташ ба маҳфил мезанад.
Мавҷи саркашро шиновар мекунад побанди худ,
Ношино тарсида худро тарфи соҳил мезанад.
Воизи бас нотавон бишнида ҷамъи гумараҳе,
Нимараҳ истодаву дар фикри ботил мезанад.
Бо камони ҳикматаш аҳли хирад бе дурбин,
Тири худро бар ҳадаф – бар қалби ҷоҳил мезанад.
Пеши ёрон рӯи каф ибриқи пурмай Ҷумъазод,
Ин шароби арғувон бо шеъри Бедил мезанад.

* * *

Одам аз айби замон метарсад,
Олам аз ҷанги ҷаҳон метарсад.
Дар амон бод сари сабз, вале
Зи сабуксори забон метарсад.
Назми ашё, ки бидонад бону,
Хона аз чашми занон метарсад.
Дар фазо тирукамон хуш бошад,
Мардум аз тиру камон метарсад.
Хун бо хуне чун нашустаст кас,
Хун ҳам з-оби равон метарсад.
Пир ҳам гоҳ чу кӯдак бишавад,
Зи хатоҳои гарон метарсад.

Санги дарё зи сабурӣ амн аст,
Хору хас з-оби равон метарасад.
Пургунаҳро, ки аҷал пеш ояд,
Ҳамчу сайде зи камон метарсад.

* * *

Ғунчадаҳан, ғунчадаҳан мерасад,
Куртачакан, куртачакан мерасад,
Ишқи ғарибе, ки набудаш ҳабиб,
Пеши гулу тарфи чаман мерасад.
Ҳар ду лабам баста буд аз фикри ӯ,
В-аз қадамаш атри сухан мерасад.
Мурғи дили ошиқи ошуфта зуд
Гӯйӣ, к-аз ин дашту даман мерасад.
Лаб ба лабе омада борад шарор,
Ваҳ, чи хушо, симбадан мерасад.

* * *

Аҳли илму фан намирад ҷовидон,
Чун бувад кашшофи асрори ниҳон.
Рӯдакӣ рафту бимонд осори ӯ,
Арчаи сабзи хаёлаш дар амон.
Нест Бобоҷон Ғафуру исми ӯ,
Ифтихори тоҷикон бо «Тоҷикон».
Эътибори қаҳрамонони Ватан
Мешиносад довари давру замон.
Лаълу марҷонро ба қаъри баҳр ҷост,
Хору хасро мебарад рӯди равон.
Шоир оне, ки зи дунёи хаёл,
Сайди маъниро бигирад бе камон.
То бимонӣ зинда, мемирӣ басе,
Ин бувад миръоти безангори он.

* * *

Чашм во кун, зиндагонӣ меравад,
Фурсати зӯри ҷавонӣ меравад.
Як ба як аз хонаи чашмони кас
Сурати ёрони ҷонӣ меравад.
Раҳ ба раҳ гаштан пайи хубони давр,
Ошиқона байтхонӣ меравад.
Дард мерезад ба тан бас ногувор,
Рустамона поймонӣ меравад.
Воалам, аз домани чархи барин,
Одамӣ бо ин гаронӣ меравад.

* * *

Аз сухан кардан иморат метавон,
Зиндагӣ кардан ба роҳат метавон.
Бо чароғи раҳ назар бинмо, ҳаме
Лаҳзае майли итоат метавон.
Аз газанди захми тан асло матарс,
Бастани рӯйи ҷароҳат метавон.
Нест обе дар зарурат, хоки пок
Ҳасту бо он ҳам таҳорат метавон.
Душманеро маҳв кардан гоҳу гаҳ
Бо як ангушти ишорат метавон.
Мушт нокасро ба дандону даҳан
Бе ягон ҳарфи ҳақорат метавон.

* * *

Дарди мо рӯзе ба дармон мерасад,
Дасти мо бар шохи армон мерасад.
Одам аз водии ғамҳои гарон
То сарои бахти хандон мерасад.
Гардани гардун надорад тугмае,
Тугмаи мо бар гиребон мерасад.

Раҳми Ҳақ ояд барои ҳақталош,
Ёрии мо бар ғарибон мерасад.
Мурғи иқболи дили дардошно
То раҳи душвори кайҳон мерасад.
Накҳати гулҳои ашъори равон
Бар қабои шеъри риндон мерасад.

* * *

Дӯстон, ҳамсоя беҳтар бошад аз хешони дур,
Такягоҳат мешавад дар ғам ва ё шодию сур.
Шод гаштан, ғамшарикӣ, оини ҳамсоягӣ,
З-ин ба миқрози ғуруре риштаи дилҳо мабур.
Айби кас дидӣ, бипӯшонаш, ки дорад он савоб,
Дар сияҳоинае асло набинӣ чашми кӯр.
Бар муроди дил расидан – оини фарзонагон,
Моҳии тилло расад бар дасти инсони сабур.

* * *

Аллаи модар калиди ҳикмати сайёра аст,
Маншаи субҳи фурӯғи кӯдаки гаҳвора аст.
Аз садои форамаш ором мегардад фазо,
Хоби ширинро навои дилрабояш чора аст.
Пур шунидан гиряи тифле кӣ дорад тоқате?
Чун таҳаммул дар вуҷуди модари бечора аст.
Бас хирадманде, ки дунё гашт аз домони ӯ,
Бе кафи дасти дуояш зиндагӣ бекора аст.
Гармии оғӯши модар то абад монад ба ёд
Аз хумори меҳри модар одамӣ дилпора аст.
Ҷумъазода дарду бедардии модар дида беш,
Гоҳ по андар гилу гоҳ даст бар истора аст.

* * *

Эй азизон, бар каромоти Худо бовар кунед,
Бар шифоёбии дарди бедаво бовар кунед.
Пардаи асрори дунё боз кардан мушкил аст,
Бар садои ин Замини бесадо бовар кунед.
Кӣ заифиҳои мардонро тавонад чора кард?
Бар вафои дилбарони хушадо бовар кунед.
Аз саховат ризқи кас дарёи давлат мешавад,
Бар дуои одамони бенаво бовар кунед.
Рӯи инсонро навозиш мекунад дасти насим,
Зиндагӣ дорад ба худ обу ҳаво, бовар кунед.
Бишканад шохи ҷавонӣ, ногаҳоне, воалам,
З-ин ба умри кӯтаҳу ҳам бебақо бовар кунед.
Ҳайфи умри одамӣ, бо дард гӯяд Ҷумъазод,
Мерасад дар лаҳзае тири қазо, бовар кунед.

* * *

Нигоҳам меравад сӯйи Душанбе,
Нагардам сер аз рӯйи Душанбе.
Бувад дарёдил оне, ки бинӯшид
Гулоби синаи ҷӯйи Душанбе.
Гулистону баҳористони даврон, –
Қабои миллат аз бӯйи Душанбе.
Ба нармӣ боди шабгири диловез
Намояд шона гесӯи Душанбе.
Ба ҳаштоду валекин навҷавон аст,
Сафедӣ нест дар мӯйи Душанбе.
Хушо, Исмоили дар даст ахтар
Мунаввар мекунад кӯи Душанбе.
Сари боло бихонад Рӯдакӣ шеър,
Нишаста рӯйи зонуи Душанбе.
Зи панди вақт Фирдавсии Тӯсӣ,
Диҳад ово зи паҳлуи Душанбе.

Нависад Айнӣ аз нав боз шеъре
Ба васфи чашми ҷодуи Душанбе.
Дуруд ояд зи Турсунзода рӯшан
Ба васфи ҳусни бонуи Душанбе.
Шукӯҳи Ваҳдату сулҳу амонӣ
Танинандоз дар тӯйи Душанбе.
Ҳамора Ҷумъазод аз рӯйи ихлос
Ба абёташ дуогӯи Душанбе.

* * *

Сафои субҳи хандон аст Наврӯз,
Ниҳоли сабзи армон аст Наврӯз.
Барои миллати соҳибкитобам,
Ҳазорон ҷилди девон аст Наврӯз.
Ба дунё дар радифи ҷашни аъзам
Рисолат аз Хуросон аст Наврӯз.
Дурахшад лола дар саҳро чу оташ,
Шарори шеъру дастон аст Наврӯз.
Табиатро бубахшад ҷони тоза,
Фурӯғи роҳи армон аст Наврӯз.
Ба ранги сабзаю гул менависад,
Чу устоди дабистон аст Наврӯз.
Магӯ нохуш варо, ранҷад дили мо,
Ки девони ниёкон аст Наврӯз.
Дурахши гул бубинӣ барқҷавлон,
Чароғи Тоҷикистон аст Наврӯз.

* * *

Фасли Наврӯзи ҷаҳонӣ мерасад,
Ёди айёми ҷавонӣ мерасад.
Чашма мехонад суруди зиндагӣ,
Фурсати табъи равонӣ мерасад.
Ҳафтранги ин фалак дар барги гул,
Дар ҷило тирукамонӣ мерасад.

Ҳаст майдон аз далерон з-ин сабаб,
Санҷише бар паҳлавонӣ мерасад.
Булбуле дар шохи гул дорад наво,
Маҳфили ширинбаёнӣ мерасад.
Фасли Наврӯзи ҷаҳонӣ мерасад,
Бар ҷаҳон гӯё ҷавонӣ мерасад.

* * *

Дунёи пур аз фасона дорад Наврӯз,
Байту ғазалу тарона дорад Наврӯз.
Ҳусни талу теппаву чаман рахшанда,
Як олами бекарона дорад Наврӯз.
Бо дидаи тозаи маҳу хуршедӣ,
Бар айшу тараб нишона дорад Наврӯз.
Анҳори фалак олиҳаи ҳусни чаман,
Гулхандаи ошиқона дорад Наврӯз.
Ҳар ғунчаи бишкуфта бувад шеъри дарӣ,
Шаҳномаи шоирона дорад Наврӯз.
Аз санг баромада сари майсаю гул,
Раҳтӯшаи Лоиқона дорад Наврӯз.
Бо ин ҳама пайки шодияш бар олам,
Нақши раҳи ҷовидона дорад Наврӯз.

* * *

Ба рангинӣ чу дунё нози духтар,
Ба ширинӣ чу дарё нози духтар.
Барои ошиқи мискин ҳамеша
Бувад чун кони тилло нози духтар.
Парешон рӯди дил бо ҳарфи дилрас,
Биорад сӯи маҷро нози духтар.
Наям савдозада, лек аз чӣ бошад,
Ба ман оварда савдо нози духтар.

* * *

Бар ҳусни гулистони ту ман, садқа шавам,
Бар зираи дандони ту ман, садқа шавам.
Зебосанамо, ки пора кардӣ дили ман,
Бар ханҷари миҷгони ту ман садқа шавам.
Дар барфи танат, гули пайи дандонам,
Бар зулфи чу соябони ту садқа шавам.
Аз оби лаби лаъли ту мастам, ба Худо,
Бар бӯса аз ин лабони ту садқа шавам.
Ҳаққи намаки ишқи маро пос бидор,
Бар ваъдаю паймони ту ман садқа шавам.

* * *

Дидаро бе нур кардӣ, бас ғалат
Оши моро шӯр кардӣ, бас ғалат.
Чун рубоби дасти фарди беҳунар
Нағмаи ноҷур кардӣ, бас ғалат .
Номи худ аз сафҳаи одамгарӣ
Бо сиёҳӣ кӯр кардӣ, бас ғалат.
Хулқу атвори ҳамида як ба як,
Аз чӣ бошад, дур кардӣ, бас ғалат.
Тан надодӣ ҳамчу мардон дардро,
Нола чун танбӯр кардӣ, бас ғалат.
Ҳайфи ҷони зиндае, ки мурда аст,
Зиндае дар гур кардӣ, бас ғалат.

* * *

Нигоҳи ту аҷаб дорад тарона,
Канорат оламе пур аз фасона.
Ба сар хоҳам давидан то ба сӯят,
Туро бинам агар бошӣ равона.
Дар ин дунё намонад ҷовидон кас,
Суруди ишқ монад ҷовидона.

Ба уммеди ҳаловат аз нигоҳат,
Зи пешат бигзарам бо сад баҳона.
Биё, бар хонаи дил, ёри ҷонӣ,
Бубинӣ як ҷаҳони бакарона.
Бувад расме дар ин донишгаҳи ишқ,
Надорад имтиҳони ғоибона.

* * *

Ними умру зиндагии босафоям рафт, рафт,
Ними неруи бузурги бебаҳоям рафт, рафт.
Ин замон аз омади дарде азият мекашам,
Давраи тифлии хушбоду ҳавоям рафт, рафт.
Аз ғами дунёи дун огаҳ набудам, хуб буд,
Бӯсаи лабҳои ёри гуладоям рафт, рафт.
Аз шабу он ёри ҷонӣ ман чӣ мегӯям сухан?
Давлати дидори ёри бовафоям рафт, рафт.
Ҷайби ёди ман тиҳӣ аз гирудори зиндагӣ,
Сабти маънои ғазал бо як садоям рафт, рафт.
Мурғи ёдам раҳкушо буд дар фазои бекарон,
Зӯри мушти обдор аз панҷаҳоям рафт, рафт.
Аз дари оинаи чашмони ман, эй вой, дод,
Бас гули рӯи накӯи дилрабоям рафт, рафт.

* * *

Бар дилат то роҳ ёбам, кӯшаме,
То дари ҳаҷри висолат пӯшаме.
Ташнаам ман, ташнаи оби ҳаёт,
Қатра -қатра аз лабонат нӯшаме.
Бӯса карда аз баёзи гарданат,
Дар нигоҳи барқи ту меҷӯшаме.
Он мабодо, ки ҷудо аз ҳам шавем,
Аз ду олам дидаро мепӯшаме!
Соате дунёи зебо аз ман аст,
Он даме, ки бошӣ дар оғӯшаме.

* * *

Олам аз ҷозибаи меҳри Худо месабзад,
Одам аз муъҷизаи дасти дуо месабзад.
Бе мураббӣ натавон касбу ҳунар омӯзӣ,
Чашми шогирд зи панди басадо месабзад.
Эътимоде ту ба дастони сабук ар дорӣ,
Дон, ки аз дасти гулат чӯби асо месабзад.
Ба назар ҳусни диёрам, шудааст афсона,
Лолаи нанги Ватан аз дили мо месабзад.
Шуълаи шамъ гули маҳфили ёрон бошад,
Тифли навзод ба сад меҳру вафо месабзад.
Ҷумъазода, ҳадафат шеъри самоъ гуфтан аст,
Румисон каф бикушо сӯйи само, месабзад.

* * *

Агар ҳастии олам аз шукӯҳу нусрати об аст,
Манобеи вуҷуди дил зи обу хоки Варзоб аст.
Атои рӯди шодобаш биҳиштосоии Варзоб,
Ба ибриқи ду каф нӯшидани обаш майи ноб аст.
Шабонаш дидабинову надорад эҳтиёҷи шамъ,
Барои ошиқон ёри чаканпӯши шафақтоб аст.
Зи файзи оби ширинаш шукуфад ғунчаи дилҳо,
Сафои домани сабзаш барои мо табу тоб аст.
Ду чашмонам ба сӯйи ин сарои манзари дунё,
Мунаввар ӯ ба монанди ҷилои чашми маҳтоб аст.
Гуворо з-ӯ дили шаҳри Душанбеи азизи ман,
Қадамгоҳе барои нусрати Варзоби сабзоб аст.

* * *

Бинишинам ба ту як лаҳза, ки хушдил бошам,
Варна бечора – ғариби раҳи мушкил бошам.
Нақди умрам бидиҳам дар раҳи ту, эй шаҳи ҳусн,
Пайи фармони ту чун ошиқи қобил бошам.
Ҳар куҷое биравам, ёди ту манзури дил аст,
Натавонам, ки даме бандаи ғофил бошам.
Интизорӣ бикашам бар сари роҳат ҳама рӯз,
Варна бе ту мани савдозада коҳил бошам.

* * *

Рӯзи мавлуд оламе дил мерасад,
Соқии хушдил ба маҳфил мерасад.
Дар сари хони суханҳои баланд,
Суҳбати ёрони комил мерасад.
Завраки уммеди садри тозарӯ
Ҳолиё ба назди соҳил мерасад.
Мо -ҳама бо ёди армон зиндаем,
Ноумедӣ пеши коҳил мерасад.
Ку шароре дар хати як ноқиле,
Барқ аз ҷамъи ду ноқил мерасад.
Рӯи каф мастона андар фикри мо,
Ҳикмате аз шеъри Бедил мерасад.

* * *

Чун саге дар пушти дар ҳушёр нест,
Чашми duздеро дигар девор нест.
Ҳар куҷо гул ҳаст, он ҷо хор ҳаст
Рӯи оламро гули бехор нест.
Нокасе ношод аз кирдори мо,
Лек моро бо дигар кас кор нест.
Чӯби хушке ранҷ орад арраро,
То набуррад сар ба сар, бекор нест.

Лошахоре ҳар куҷо пайдо шавад,
Дар вуҷуди ӯ нишони ор нест.
Мӯйи зан чун мор тобад дар назар,
Заҳри он ширин бувад, чун мор нест.
Кай тавон дидан ситора, моҳро,
Рӯзи равшанро шабони тор нест?
Аз табибе ёд кардан кай тавон?
То дар ин олам касе бемор нест.
Корд ар буррад сари ҷонзоди даҳр,
Лаб ба хун дорад, вале хунхор нест.
Ҷумъазод, аз умр хоҳад тӯшае,
Армуғонаш шеъри тар, нодор нест.

* * *

Рӯзи модар, арҷи модарҷони мост,
Васфи ӯ дар дафтару девони мост.
Ҳастиаш бахти расои одамӣ,
Бемуҳобо, ахтари тобони мост.
Ҳар куҷо афтад гузори мо, ҳаме
Дида сӯйи раҳ, дилаш пазмони мост.
Рӯйи модар қиблаи уммедҳо,
Бӯи модар гулшани армони мост.
Аз дуояш тоҷи давлат мерасад,
Неъмати дунё ба рӯи хони мост.
Ними ҷон дорад, вале пайваста ӯ
Дар ғами осоиши ин ҷони мост.
Сабзаву гул медамад аз мақдамаш,
Хоки пояш пардаи чашмони мост.

* * *

Дил ба дунё ман набастам барабас,
З-он ки одам меравад дар як нафас.
Бо лаби ноне қаноат кардаам,
Баҳри симу зар нагаштам булҳавас.

Давлати ҳар бандае – озодиаш,
Ҳайфи он шере, ки бошад дар қафас.
Аз барои зиндагӣ бар аҳли дил
Рӯзии рӯзаш бувад, шукрона бас.
Нафси саркашро агар созӣ ғулом,
Раҳзаниҳояш бигардад баръабас!

* * *

Дарди мо рӯзе ба дармон мерасад,
Дасти мо бар шохи армон мерасад.
Одам аз водии ғамҳои гарон,
То сарои бахти хандон мерасад.
Гардани гардун надорад тугмае,
Тугмаи мо бар гиребон мерасад.
Раҳми Ҳақ ояд барои ҳақталош,
Ёрии мо бар ғарибон мерасад.
Мурғи иқболи диди дардошно,
То раҳи душвори кайҳон мерасад.
Накҳати гулҳои ашъори равон,
Бар қабои шеъри риндон мерасад.

* * *

Хуш он рӯзе, ки модар дар сарам ҳаст,
Шукӯҳи хонаву бому дарам ҳаст.
Зи файзи ҳастиаш дар манзили ман
Тамоми бахти олам дилбарам ҳаст.
Фузуда давлатам аз махзани ғайб,
Калиди ризқу рӯзӣ бар дарам ҳаст.
Ба парвоз омада мурғи дили ман,
Кафи дасти дуо болу парам ҳаст.
Гули рӯяш чароғи хонадонам,
Миёни анҷуман чун ахтарам ҳаст.
Сиҳатмандии ин шахси табаррук,
Ягона доруи дарди сарам ҳаст.

Илоҷи дарди ӯ имкон надорад,
Ба ин таъкиди кас гӯши карам ҳаст.
Чу ман бисриштаи Парвардигорам,
Ба ҳалли мушкилӣ ӯ ёварам ҳаст.

* * *

Ҷаҳон донад чу як шаҳри гуворо
Душанбе – хонаи умеди моро.
Зи файзу эътиқод аҳли маънӣ
Биёмад Олӣ Сомон аз Бухоро.
Чӣ зебо домани гулрези шаҳрам,
Диҳад бӯйи хуше мисли нигоро.
Мунаввар мекунад чашмони ошиқ,
Хиёбонаш чу духтарҳои раъно.
Душанбе худ аҷаб шаҳри ҷавон аст,
Гувоҳаш ҷомаи сабзе саропо.
Зи расми поки ин халқи муаззам,
Ба мо дорад ҳама олам мадоро

* * *

Одаме гумном мегардад, дареғ,
Ошиқе ноком мегардад, дареғ.
Порсо дӯшизае дар зиндагӣ,
Байни мо бадном мегардад, дареғ.
Мурғи илҳоми дили аҳли ҳунар,
Гаҳ чу мурғи дом мегардад, дареғ.
Марди солоре гаҳе дар зиндагӣ,
Чун ҷавони хом мегардад, дареғ.
Нокасе созад фиребат, алҳазар,
Гул ба хоре ром мегардад, дареғ.

* * *

Рӯзи нав омад ба мулки Ориён,
Иди пурфайзи диёри тоҷикон.
Ҷашни Наврӯзи Аҷам фархунда бод,
Бар диёри «Бӯи ҷӯйи Мулиён».
Рӯзи нав омад, саросар шаҳри мо
Аз чароғи гул, бубин, гулдӯзӣ аст.
Ваҳдату сулҳи диёри тоҷикон,
Худ гувоҳи парчами пирӯзӣ аст.
Рӯзи нав омад ба оҳанги замон,
То расонад муждае бар зиндагӣ.
Анбарафшон шуд фазои кишварам,
Эй хушо, будӣ чунин гар зиндагӣ.

* * *

Рӯи раҳ девор кардӣ, бигзарам,
Сар ба сар аз хор кардӣ, бигзарам.
Ҳиллаеро мӯ ба мӯ омода чун
Рӯбаҳи маккор кардӣ, бигзарам.
То бубандӣ роҳи ман дар нимараҳ
Халқае чун мор кардӣ, бигзарам.
Дил ба нури худ шарори дида аст,
Оламеро тор кардӣ, бигзарам.
Ҳар куҷо аз камдилӣ бар номи ман,
Ғайбатеро бор кардӣ, бигзарам.
Бас мусаффо рӯдаму поку зулол,
Садди нав, беор, кардӣ, бигзарам.

* * *

Шеъри мо шеъри ҷаҳон аст.
Қалби мо, қалби ҷавон аст.
Пеши шер оҳу напояд,
Шери мо, шери жаён аст.

Ёди шоир мисли ошиқ,
Аз пайи хубон давон аст.
Дафтари ашъори берабт,
Ҳамчунон барги хазон аст.
Ҷомаи фикри бузургон
Бахшише аз ломакон аст.
Нест афроде баиззат,
Панҷ панҷа бар даҳон аст.

* * *

Одам аз эъҷози олам шодмонӣ мекунад,
Олам аз парвози одам меҳрубонӣ мекунад.
Саҳл бошад зиндаро боло бубардорад яке,
Мурдаро даҳ кас бубардорад, гаронӣ мекунад.
Бас ҷавон аз тарси пирӣ ранг мемолад ба мӯ,
Пир ҳам гоҳе ба худ азми ҷавонӣ мекунад.
Шоире бас хуни дил резад барои мисрае,
Лафзи ширинаш чу дарёе равонӣ мекунад.
Арчаи сабзи сухан дар ҷонамози шеъри тар,
То қиёмат сар кашида, ҷовидонӣ мекунад.

* * *

Дар ниҳоли қоматат зардолуи Фалғар фузун,
Дар ҷамоли чашмаконат олуи Дардар фузун.
Меравӣ ту бас хиромон чида - чида ҳар кадам.
Чун ба рафторат бидидам, одати кафтар фузун.
Медурахшад бас қабоят, ранги чашмам мебарад.
Осмон бошӣ магар, дар доманат ахтар фузун.
Нест авроқе дигар то васфи ту бо шеър кард,
Дар баёзи гарданат дидам хати дафтар фузун.

* * *

Шеъри воло табъи инсонро зиёфат мекунад,
Баски дар қалби суханвар истиқомат мекунад.
Офтоб ояд агар бо теғи рӯшан бар фазо,
Абри саркаш медарад аз нур иморат мекунад.
Шеър ҳам бошад чароғи дидаи давру замон,
Бар гули садранги он мардум итоат мекунад.
Аз лаби хомӯши ҷумла дӯстон суде куҷост?
Рӯ биёрӣ бар китобе, бас, ҳикоят мекунад.
Дардманде бо ҷасорат чун канад дандони худ.
Бе ягон дору ба дарди хеш тоқат мекунад.
Чумъазода, меваи шохи баланде шеъри ту.
Дасткӯтаҳ оҷизе, з-ин рӯ. шикоят мекунад.

* * *

*Ба устод Гулназар*

Дунёи пурсафое ҳусни баёни шоир,
Дарёи хушнавое табъи равони шоир.
Оинасон бубинад, чизе, ки кас набинад,
Нури хирад бирезад аз дидагони шоир.
Набзи каломи ӯ шуд оҳанги қалби миллат,
Гарде зи хоки меҳан қимат ба ҷони шоир.
Шеъраш табиби ҳозиқ, орад саодату бахт,
Бар ошиқон ғанимат ганҷе зи хони шоир.
Ҳар байти нав барояш монанди Моҳу Хуршед,
Дорад фазои сабзе дар осмони шоир.
Аз давлати замона махзанкитоб дорад,
Бошад чу тахти ҳикмат дар ошёни шоир.
Нақби замон кушода монои барқ ояд,
Аз баҳри сайди маънӣ тири камони шоир.
Ҳофиз ба холи дилбар бахшида гар Самарқанд,
Афсона шуд ба дунё табъи равони шоир.

Бар боғи ёди шоир ояд арӯси маънӣ,
Атре зи лола дорад ҳарфи забони шоир.
Хоҳӣ ҷаҳон бубинӣ бо дидаи таманно,
Дил дар бараш ҳамеша чун тарҷумони шоир.

* * *

*Ба устоди фанни физика Саидбой Авезов.*

Маргро фарқи ҷавону пир нест,
Дар илоҷи он яке тадбир нест.
Чун расад он, пас намегардад, бидон,
Тарси он аз одаму аз шер нест.
Хоки зери по зи ҷисми одамӣ
Мехурад, аммо замоне сер нест.
Лафзи ширин чун сувайдои дил аст,
Ҳарфи бадро ҳоҷати таҳрир нест.
Зиндаро қадре намо, н-ояд дигар,
Зикри неки рафтагонро дер нест.
Дар набарди зиндагӣ нодон талаф,
Шахси доноро зафар бо тир нест.

* * *

*Ба шоир Шоҳи Каздонӣ*

Бо ҳама буду набудам шукри Яздон мекунам,
То тавонам, кори нек аз рӯи Қуръон мекунам.
Донам, ин дунё саросар бевафо бошад ба кас,
Бо умеди рӯшаниҳо ёди ирфон мекунам.
Гар диле бишкаст, оре, мехурам хуни ҷигар,
Шеъри худро марҳаме бар дарди инсон мекунам.
Ғунчасон андар ниҳонӣ бишкуфад армони ман,
Шеъри олиро аниси моҳи тобон мекунам.

Чеҳраи бигрифта бинам, бо гули доруи лутф,
Гиряро барҳам зада, чун субҳ хандон мекунам.
Шеъри ман то бишканад армони ҳар маънирасе,
Аз гули маъно ғазал чун Шоҳи Каздон мекунам.

* * *

*Барои устод Ҷӯрабек Муродов*

Булбули боғи диёри тоҷиконӣ, Ҷӯрабек,
Ахтари волои санъат, ҷовидонӣ, Ҷӯрабек.
Лаҳни ширинат фараҳафзои ҳар як хонадон,
Шуълаи нуру зиёи ин замонӣ, Ҷӯрабек.
Чун садои ту ба оҳанги Зарафшон ҷӯр шуд,
Аз Куруд, охир, ту яктои ҷаҳонӣ, Ҷӯрабек.
Тарзи гуфторат наҷибу дилнишину дилпазир,
Ҳомии фазлу ҳунар, ҳусни забонӣ, Ҷӯрабек.
Эй зиҳӣ, бо сеҳри тору ҳам садои форамат,
Маҳфилорои ҳама пиру ҷавонӣ, Ҷӯрабек!

* * *

*Ба Мирсиддиқ Саидзода*

Дида пурнам мешавад, чун мекунам ёди падар.
Бар назар ояд маро он қадди шамшоди падар.
Гашта маҳрумам кунун аз давлати дидори ӯ,
Эй Худо, бар ман расон оҳанги фарёди падар.
Ғунчасон бишкуфтаам дар боғи ҳасратҳо, аҷаб,
Лоиқи даврон шудам бо дасти имдоди падар.
Сафҳа бас бисёр дорам аз китоби панди ӯ,
Рӯзгорам сар шавад дар мулки ободи падар.
Бо кафи дасти дуояш кас ба мақсад мерасад,
Иззати модар бувад худ чеҳраи шоди падар.

* * *

*«Туро рӯйи базебу чашми шаҳло,*
*Маро масти назарҳо офариданд»*
*Махсум Олимӣ*

Туро нури ҷаҳонгир офариданд,
Маро дар ишқ шокир офариданд.
Туро ҳамчун ғизолони раманда,
Маро сайёди моҳир офариданд.
Туро ганҷи ниҳони қаъри дарё,
Маро мавҷе ба зоҳир офариданд.
Туро равшан шабеҳи духтари субҳ,
Маро босабру нозир офариданд.
Туро доданд оро аз гули нур,
Маро парвонахотир офариданд.
Ту Зуҳрои манӣ, Зуҳро наҷӯям,
Маро азбаски Тоҳир офариданд.

* * *

*«Ҳа гаҳе дидаи ман сайр дар оина кунад»*
*Давлат Сафар*

Бо тамошои ту дил тарки раҳи сина кунад,
То қарин дидаи худ бар гули оина кунад.
Ёдам ояд, ки баногӯши ту буд манзари гул,
Ҳолиё бӯсаи ман накҳати пӯдина кунад.
Чун гули фасли баҳор аст латофат бари ту,
Булбулосо дили ман шодии дерина кунад.
Пок ҳастӣ чу сарупо, бидиҳӣ меваи пок,
Ошиқат базми висоле шаби одина кунад.
Ҷумъазод аз карами синаи худ бо ҳавасе,
Лолаи сурхи ғазал бар рухи сабзина кунад.

* * *

*Барои устод Ашӯр Сафар*

То даме ки дил даруни сина аст,
Зиндагонӣ бар назар оина аст.
То даме ки чашма ҳасту рӯд ҳаст,
Хандаи гул, накҳати пӯдина аст.
То даме ки шеър ҳасту шоир аст,
Дар гули маъно ғубори кина аст.
То қалам чун шонаи зулфи сухан,
Байти тар бар дилбари сабзина аст.
Ҷӯйи шири тозаи маҳтоби шаб,
Тифли ёди сабзи моро сина аст.
Одамиро то бувад майли тараб
Файзу нусратҳо шаби одина аст.
Гар талоше н-ояд аз дасту дилат,
Зиндагӣ чун аҳмади порина аст.

* * *

*Ба ёди устод Худойназар Асозода*

Аз марги талхи устод оҳанги дил ҳазин аст,
Ёдаш ҳамеша бояд, то ҷои мо Замин аст.
Номи накуяш, оре, бошад нишони нодир,
Дар панҷаи замона монанди як нигин аст.
Дар зиндагӣ зи ҳиммат навгоние накардем,
Фардо насиби мо ҳам, эй ҳамдилон, ҳамин аст.
Бо ашки хома бинвишт ин сатрҳо муридат,
Ёди ту ҳамчу меҳре бо қалби мо қарин аст.

* * *

*Ба дӯстам Зикруллоҳ*

Дӯстон афсона доранд,
Дар дили ҳам хона доранд.
Дар ғаму шодӣ баробар,
Ҳиммати мардона доранд.
Пеши шамъи орзуҳо,
Одати парвона доранд.
Бо лаби нону лаби ҷом
Давлати шоҳона доранд.
Аз сабӯйи атри гулҳо
Ҳолати мастона доранд.
Аз карам дар синаи бахт
Ёқуту дурдона доранд.
Гоҳу гаҳ бо чойи талхе
Ишрати риндона доранд.
Дар сари зонуи кӯҳе,
Назди ҳам кошона доранд.
Аз гузашти навҷавонӣ,
Қиссаи «Шаҳнома» доранд.

# ФАСЛИ СЕЮМ

# АНГУБИНИ КИЛК

*(Манзумаҳо)*

## СУБҲИ ВАҲДАТ
*(Манзума)*

Сулҳу ваҳдат парчами иқболи мо,
Шаҳсутуни даври истиқлоли мо.
Мамлакат обод мегардад, чӣ хуш,
Мурғи дил озод мегардад, чӣ хуш.
Хандаи тифлон гувоҳи бахти мо,
Гунбади ақлу заковат тахти мо.
Ҳар нафас аз сина ояд бемалол,
Аз навиди бешумору бемисол.
Дидаро ҳусни Ватан рӯшан кунад,
Хонаҳои синаро гулшан кунад.
Тоҷикистон – Каъбаи рӯи замин,
Хоки покаш махзани ганҷу нигин.
Осмони софи он армони мост,
Меҳри покаш дар дилу дар ҷони мост.
Амни давлат шуд шиори Сарвараш,
Наҳси Кайвон шуд бурун аз кишвараш.
Пора- пора дил ба ҳам як ҷо намуд,
Қалби миллатро, чӣ хуш, эҳё намуд.
Тири душман ҳамчу сайде шуд ба хок,
Эмин аз хавфу хатар шуд мулки пок.
Тоҷикон дар тӯли таърихи кӯхан,
Ҷон ба каф буданд дар ҳифзи Ватан.
Парчами нанги Ватан дар дасти мост,
Ҷилвагоҳашро нигар, авҷи самост.
Бо Ватан бояд намоӣ, ифтихор,
Гар ту фарзандиву дорӣ нангу ор!
Пас, бувад ваҳдат сароби рӯди мо,
Ҳастии мо, сарҳади мавҷуди мо.
Халқ дорад раҳнамое, ифтихор,
З-ин надорад шиквае аз шоми тор.

Мисли хуршеданд аҳли илму фан,
Манбаи нуру зиёи ин Ватан.
Кӯҳсон истода дар хоки диёр,
Посбони халқ, халқи бахтиёр.
Муттаҳидӣ ҷавҳари оини мост,
Ҳикмати сабзи замон дар дини мост.
Ҳар кӣ дорад хулқи неки бемисол,
Рӯзии хонаш бувад нони ҳалол.
Якдилӣ худ амни кишвар мешавад,
Хок дар дасти ҳунар зар мешавад.
Хона аз арҷи ҳама дорад сафо,
Моҷаро бар хона меорад бало.
З-ин ба ваҳдат о, ки ваҳдат давлат аст,
Ҳастии кишвар, бақои миллат аст.
Сулҳ бошад, Офтоб аз они мост,
Ганҷи дунёӣ бар рӯи хони мост.
Сулҳ бошад, хона равшан мешавад,
Зиндагӣ чун боғу гулшан мешавад.
Сулҳ бошад ғам набинад одамӣ,
Дар ҳаёташ кам набинад одамӣ.
Сулҳ бошад, умри мо гардад дароз,
Мефитад кам бар табобат ҳам ниёз.
Ваҳдати миллат ризои миллат аст,
Қудрати дасти дуои миллат аст.
Мо зи ваҳдат аз дигар эҳё шудем,
Дона-дона хирмани дунё шудем.
Мардуми олам садои мо шунид,
Давлати моро ба чашми нек бидид.
Тоҷикистонро шинохт аз ваҳдаташ,
Ҳам зи тоҷи хусравонӣ, давлаташ.
Тоҷикистон узви комил дар милал,
Меравад бо роҳи ваҳдат бехалал.
Тоҷикистон давлати созанда аст,
Хишти кохи ваҳдаташ поянда аст.

Дар замири мо набошад бухлу кин,
З-он ки чашмони дили мо тозабин.
Нахли қомат ҳам ба сони як дарахт,
Каҷ намегардад, чу ояд боди сахт.
Дидаҳо оинаи давру замон,
Ҳиммати Ҳотам чу баҳри бекарон.
Нанг болотар зи ҷони бас азиз,
Дил мусаффо, ақл равшан аз тамиз.
Ҳар сухан мавзун чу шеъри тозае,
Бас наку, дар қолаби андозае.
Миллати мо аз азал ваҳдатсаро,
Қудрати табъаш бувад дар қалби мо.
Ҳар саҳар аз чашми Хуршеди мунир,
Равшанӣ резад ба мулки беназир.
Мо, ки аз бахти равон осудаем,
Дасти поки худ ба хун н-олудаем.
Роҳи ваҳдат амни халқи бахтиёр,
Ваҳдати мардум барои мо шиор!

## ОБ - МАНБАИ ҲАЁТ

*(Манзума)*

Ҳар куҷое об пайдо мешавад,
Сабзаву гул сар ба боло мешавад.
Обу ободӣ шиори зиндагист,
Ин ҷаҳонро омили пояндагист.
Об ояд, сабз гардад оламе,
Шиква аз гардун надорад одаме.
Об гетиро мунаввар мекунад,
Боғу гулшанро муанбар мекунад.
Аз раҳи оби равони босафо
Гул бирӯяд, хандаҳояш ҷонфизо.
Об ҳам, гӯӣ, чу мурғе пар занад,
Бар сари зонуи санге сар занад.
Меравад бо шӯру исён раҳ ба раҳ,
Бишкуфад гулҳои хандон раҳ ба раҳ.
Хайра мақдам, хайра мақдам, оби пок,
Мисли марҷон дар кафи дастони пок.
Ваҳ, чӣ сон бошад гуворо нӯши ту,
Бишнавӣ, гӯям сухан дар гӯши ту.
Ташнагонро бишканӣ баски хумор,
Зиндагӣ бе ту нагардад чун баҳор.
Бо ду каф нӯшиданат бас хушгувор,
Мефизоӣ қуввату зӯру мадор.
То даме ки олам асту одам аст,
Ҳасрати дил нӯши оби Зам-Зам аст.
Об ҳасту сабза ҳасту ин чаман,
Хандаи гул, лолаи дашту даман.
Чашма бар дарё биояд рӯ ба рӯ,
Пора-пора рӯд гардад, ҷӯ ба ҷӯ.
Аз садояш медамад нури умед,
Бар замин, гӯӣ, расад мижгони шед.

Пуштаҳо сарсабзу хуррам бар назар,
Чун қабои дилбарони гулбасар.
Чашма чун тифлони хушбахту базеб,
Аз баландӣ бо такопӯ сарнишеб.
Дар сароб амвоҷи мурғони диёр,
Нағмасанҷӣ бас намуда беқарор.
Дар хамӯшӣ худ навои шаршара,
Наъраи шере бувад байни дара.
Дилбаре бо кӯза ояд пеши рӯд,
Ҳамчу кабки хушхироме бо суруд.
Ин ҳама аз давлати оби равон,
Давлати бедори ҳар давру замон.
Сарфаи оби равон бошад шиор,
Аз барои пиру барнои диёр.
Қиматаш аз нафту газ болотар аст,
Балки он худ аз гуҳар авлотар аст.
Месазад шукрона аз рӯяш кунем,
Дидаро бас моили сӯяш кунем.
Об ҳасту об ҳасту рӯзгор,
Аз барои рушд, рушди устувор.
Аз азал моро русуми ноб буд,
Эҳтироми хок, нону об буд.
Қатраи обе ғанимат буду ҳаст,
Аз баҳои ганҷ қимат буду ҳаст.
Тоҷикистон манбаи оби зулол,
Чашмаву рӯдаш фаровон, безавол.
Оби дарё аз асал ширинтар аст,
Зар чӣ мекабӣ, аз он зарринтар аст.
Дар ғарибӣ қатраи оби диёр,
Ҳамчу ганҷи сина дорад эътибор.
Оби равшан худ Ватан равшан кунад,
Дилфиребу дилкашу гулшан кунад.
З-он ки оби соф бошад ҷонфизо,
Бас маризонро бувад канзи шифо.

Ҷон ба лаб пире дами марги гарон
Об мехоҳад зи дарёи равон.
Дар гули маҳ об тобад нуқрабор,
Ҷӯя -ҷӯя мисли кокулҳои ёр.
Мӯй мушкин карда бо гулҳои тар,
Боварат н-ояд, ба чашми дил нигар.
Об ояд ар замини ташналаб,
Рафъи ранҷи ташнагӣ созад талаб.
Оби раҳмат мерасад, бас нӯшу нӯш,
Сабз гардӣ чун замини сабзапӯш.
Хок м-афкан ҳеҷ бар оби равон,
Оби софе то бинӯшанд одамон.
Роҳатафзое бувад он оби нӯш,
Ҷуръае нӯшӣ, бароҳат хоби хуш.
Пок дораш, об дурри олам аст,
Дар садои он нишоти одам аст.
Бо ҳам орад об хоки пораро.
Ранги зебо медиҳад сайёраро.
Мерасад з-оби равоне бахти сабз,
Менамояд пуштаҳо чун тахти сабз.
Ҳастии оби равон ганҷина аст,
Чашми оламро, бидон, оина аст.
Ҳар куҷо обеву он шеъри тараш,
Сабзаву гулҳо чу ёре дар бараш.
Мо наем оне, ки обе кам кунем,
Кам шавад, бо ашки чашмон зам кунем.
Равшанӣ аз об дорад баҳру бар,
Хок аз файзаш расонад бар самар.
Об дорад ҳикмати сабзи фалак,
Бар замину бар замоне чун малак.
Покии мо, покии давру замон,
Ҳастии мо, ҳастии оби равон.
Об берангу вале аз лаззаташ
Мефизояд одамиро давлаташ.

Нест обе, зиндагӣ хушку карахт,
Не гуле бошад, на сабза ё дарахт.
Чашми инсон хирабину хира аст,
Худ ҳавои зиндагонӣ тира аст.
З-ин равад одам ба ҷое об ҳаст,
Хушнамуд он ҷо табиат ноб аст.
То даме ки об мерезад ба даст,
Дурри олам дар кафи дасти ту ҳаст.

# ДУНЁИ ҶАВОНӢ
*(Манзума)*

*Илҳом аз суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ,*
*Пешвои миллат, Презеденти Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати*
*Соли ҷавонон эълон шудани соли 2017*

Дар ҷавонӣ во намо чашмони дил,
То намонӣ дар миёни хоку гил.
Илму дониш омили фарзонагист,
Раҳнамою доваре дар зиндагист.
Дил чӣ мебандӣ ба мероси падар,
Чун напояд ҳосили ранҷи дигар.
Кас ба заҳмат то дари армон расад,
Аз пайи ҳар дард худ дармон расад.
Боҳунар аз зиндагӣ нолад куҷо?
Беҳунар аз зиндагӣ болад куҷо?
Пас ҳунар оинаи чашмони ақл,
Хуш бувад пайдоиши дандони ақл.
Ҳар ҷавонеро, ки бошад қалби пок,
Ризқи худ пайдо кунад аз сангу хок.
То даме ки меҳри Ҳақ дар сина аст,
Зиндагонӣ бар назар оина аст.
Сер набвад дидаи дунёпараст,
Худ ба савдо банд шуд савдопараст.
Чун ҷавонӣ, аз пайи доно бирав,
Хез аз хоби гарон, бино бирав.
Гар ҳаёти одамӣ берангу нур,
Чун хамире, ки наистад бар танур.
Барги сабзе зинати ҳар хонадон,
Зери по бошад, ҳамегардад хазон.
Ҳар кӣ ояд бар раҳи номусу нанг,
Ӯ натарсад з-офати борони санг.

Ҳастии миллат – ҷавонони далер,
Беша сокит мешавад, ояд чу шер.
Парчами фардои рахшонанд хуб,
Чун чароғи шаб фурӯзонанд хуб.
Гар ҷавон бар илм қодир мешавад,
Меҳвари дунёи хотир мешавад.
Тарбият фарзандро оқил кунад,
Бас муаддаб, зираку қобил кунад.
Волидайн уммед дорад тӯйи бахт,
То ки фарзандаш расад ба рӯйи тахт.
Мо бар неруи ҷавонон зиндаем,
Дар раҳи мақсуди дил пояндаем.
Обу хоки Тоҷикистон қимат аст,
Номи поки тоҷикон аз ҳиммат аст.
Аз карам Соли ҷавонон омада,
Бо дуои марди майдон омада.
Эй ҷавон, дорӣ агар неруи шер,
Пас, биё, худ санҷ, майдон аз далер.
Давлати мо толиби аҳли дил аст,
Нури уммедаш гули ҳар манзил аст.
То биёбад ҳар ҷавон авҷу камол,
Раҳ кушояд баҳри фардо бемалол.
З-ин ҷавонони Ватан ҳамчун паланг,
Бишкананд он арраи пушти наҳанг.
Ҳифзи марзу бум амони зиндагист,
Саркашӣ аз хидматаш шармандагист.
Бе талоше кай расад давлат ба кас?
Як ба армон мерасад аз сад ҳавас.
Нанг ояд, ор армон бишканад,
Санг ояд, арра дандон бишканад.
Шиква аз гардун камоли аблаҳист,
Нӯши об аз дасти душман гумраҳист.
Бас ҷавонони ғаюр қурбон шуданд,
Пуштаҳо чун модари гирён шуданд.

Мо аз он рӯзи сияҳ хуб огаҳем,
Душмани душманнавози гумраҳем.
Ғӯрамарги бекафанро дидаем,
Гиряи талхи Ватан бишнидаем.
Бас падар дидаст марги гулписар,
Лолаи хун дидааш, лахти ҷигар.
Тифлакон бас бепадар ё модаре,
Гум намуда он дигар ҳам хоҳаре.
Нахли манҳусе ба номи мову ман,
Оқибат гардид аз бун решакан.
Миллат аз иллат раҳо шуд, ҳаббазо!
Иллат аз миллат ҷудо шуд, ҳаббазо!
Он шаби торик шуд аз нав сафед,
Шуд мунаввар дидаҳо чун чашми шед.
Бар зиё мо раҳ зи зиллат ёфтем,
Синаи ғамдарзаҳо бишкофтем.
Аз ҷавонон миллати мо шуд ризо,
Амни давлат ҳамчу ганҷи бебаҳо.
Аз ҷавонон обрӯи миллат аст,
Лолаи сурхе ба рӯи миллат аст.
То ки бошӣ аҳли маънӣ дар ҷаҳон,
Бар дили худ ҷо намо дарди замон.
Ҳар кӣ бо зиштии инсон ханда кард,
Риштаи пайвастаеро канда кард.
Чил ҳунар бошад гувоҳи марди кор,
Нони болаззат биёбад мардикор.
Ҳар куҷо бошад гадое ё табиб,
Бар каси ҳампешааш бошад рақиб.
Ҳар куҷое шоире овозадор,
Шоири дигар надорад эътибор.
З-ин набояд азми кас барҳам шавад,
Менапояд хишти хоме, нам шавад.
Зиндагӣ майдони мардони баор,
Шаҳсутуни кохи армони диёр.

Ҳар нафас аз баҳри коре меравад,
Аз пайи дидори ёре медавад.
Бо ҷавонон амни миллат мешавад,
Бе ҷавонон дарду иллат мешавад.
Нақбро бо нуги нохун кофтанд,
Сангтӯда, Роғуне ҳам сохтанд.
Парчами моро ба ҳар ҷо бурдаанд,
Сад ҳазорон армуғон овардаанд.
Аз маҳалбозӣ надорад ифтихор,
Ҳар ки дорад дар бадан гар хуни ор.
Дарди миллат дар дилу дар ҷони мост,
Амни миллат решаи армони мост.
Аз муҳаббат ин Ватан гул мекунад,
Нағмае бо сози булбул мекунад.
Аз раҳи обод меояд зиё,
Сарвараш бошад ба миллат раҳнамо.
Чун Худо бар халқи мазлум ёр шуд,
Кӯҳи ғамҳои гарон ҳамвор шуд.
Душман андар зулматистон монд, монд,
Тоҷикистон, Тоҷикистон монд, монд.
Ҳамчу дарё гашт хуни сад ҷавон,
Хун равад, танро расад дарди гарон.
Оқибат моро зафар ҳам ёр шуд,
Хоки меҳан сар ба сар гулзор шуд.
Мо нахӯрда нони пурфанди замон,
Аз гиёҳи ин Ватан кардем нон.
Мо ба бозуи ҷавон бовар кунем,
Осмони дил пур аз ахтар кунем.
Сангари аҳд аст нанги ҳар ҷавон,
Тоҷикистон з-ин бимонад ҷовидон!

## ФАСЛИ ЧОРУМ

# ШАҲДИ МУДДАО

***(Рубоӣ ва дубайтиҳо)***

Одам, ки гаҳе шоду гаҳе дилгир аст,
Дар пеши аҷал ҳамеша бетадбир аст.
Сайёди аҷал, ки мекашад риштаи умр,
Парво накунад, ки кас ҷавон ё пир аст.

Бовар ба Худои ломакон бояд кард,
Наққошӣ Замину осмон бояд кард.
Рӯзе, ки фитода гардӣ аз беморӣ,
Такя ба Худои ҷовидон бояд кард.

Дунё ба мисоли дафтари номус аст,
Баҳри ману ту чу сангари номус аст.
Ҳар як дили шӯрида гули оташбор,
Шамъест даруни шишаи фонус аст.

Дунё ба мисоли ҷангали шерон аст,
Ҳар луқма ба зӯри ақли кас осон аст.
Ободии он зи ҳиммати мову шумо,
Вайронии он нафси бади инсон аст.

Шоир, ки рисолаташ бувад шеъри равон,
Бо халқ бибоядаш будан дар сари хон.
Сеҳри суханаш бақои хушбахтии мо,
Дар пардаи дида тобиши тиру камон.

Дасте, ки ҳамеша масдари эҷод аст,
Подоши муҳаббати дили озод аст.
Аз нури хирад замонаи мо барҷост,
Ҳар гӯшаи мулки мо, бубин, обод аст.

Дур аз Ватанӣ, ёди Ватан бояд кард,
Мурғи чаманӣ, ёди чаман бояд кард.
Рӯзе, ки амонати Худо гардонӣ,
Аз хоки Ватан атри кафан бояд кард.

Аз олами бевафо вафо мечӯям,
Аз одами бесадо садо мечӯям.
Аз кӯчаи зиндагӣ гузар бинмуда,
Аз дилбари хушадо адо мечӯям.

Умрам гузарад ба пораи нони ҳалол,
З-ин рӯ набувад ба тиннатам кину малол.
Гар зиндагиам чунин равад то охир,
Бар давлати дил расиданам амри маҳол.

Умрест, ки дар даҳан маро нони падар,
Хун гашта барои ман дилу ҷони падар.
Вақт аст, ки ранҷ бурдаву як пора
Ноне бигузорам ба сари хони падар.

Аз кӯчаи зиндагӣ гузар бояд кард,
Бар неку бади ҷаҳон назар бояд кард.
Ҳар пайраҳааш ба худ чароғе дорад,
Бар он назаре чу ҳақназар бояд кард.

Модар ҳама дам ҷаҳони ҳиммат бошад,
Ҳар лаҳзаи умри ӯ ғанимат бошад.
Аз махзани панди ӯ бигир арзонӣ,
Фардо чӣ кунӣ, ки ганҷи қимат бошад.

Модар, модар, сатри нави ашъорам,
Армони дилу ду дидаи бедорам.
Ҷое, ки ба ман расад суханпардозӣ,
Аввалсуханам номи ту дар сар дорам.

Модар, модар, ту гулшани армонӣ,
Ҷон дода ба ман, бо ин ҳама камҷонӣ.
З-ин рӯ, ҳама давлати дили огоҳам
Хоҳам, зи барои ту кунам қурбонӣ.

Дил баҳри висоли дилбаре мекӯшад,
Бо соғари чашми ӯ ба ҷон менӯшад.
Билло, ба Худо, ки чашмаи чашмонам
Дар барқи нигоҳи масти ӯ меҷӯшад.

Андар рухи ту лола дамидан дорад,
Борони муҳаббатам чакидан дорад.
Дардо, ки ғизоли чашми мастат, гули ман,
Бинад агарам, майли рамидан дорад.

Аз чашми ту бодаи малоҳат нӯшам,
Дар барқи нигоҳи масти ту меҷӯшам.
То ки нарасад ба рӯи ту озоре,
Бо домани дил рӯи туро мепӯшам.

Ин тозарухон, ки нози дунё доранд,
Аз хоҳиши қалби мо чӣ парво доранд.
Ин аст, ки Ҷумъазодаю Зикруллоҳ
Гургони гуруснаву даҳан во доранд.

Ин булбули саргашта чаман меҷӯяд,
Ин лолаи бишкуфта даман меҷӯяд.
Он хун зи пайи тир бурун ҷӯшида,
Бӯсида лаби хоку Ватан мегӯяд.

Дарёи равон, ки соғару бодаи мост,
Шаҳбайти тару баҳори озодаи мост.
Бар шонаи санг ҳалқа занад гесӯяш,
Пиндорӣ, ки ӯ духтари Сарводаи мост.

Модар, модар, ки давлати дунёӣ,
Ҳамсони замин, сахию беҳамтоӣ.
Аз ҳастии ту ризо ҳама фарзандон,
Модар, модар ту кӯҳи побарҷоӣ.

Бо одами бад касе нишастан дорад,
Аз ҳалқаи маърифат гусастан дорад.
Оинаи зиндагӣ биҷӯ, вақти шубоб,
К-ин шохаи умри мо шикастан дорад.

Пайваста шароб меҳрӯрӣ, нӯшат бод,
Ғам лаҳзаи сархушӣ фаромӯшат бод.
Аммо чу расад давраи ҳушёрии ту,
Бори дигари зиндагӣ ба душат бод.

Меҳри рухи ту нуҳуфта дар синаи ман
Бӯсам зи лабат, эй гули сабзинаи ман.
Дар чашмаи чашми ту ҷаҳоне дидам,
Ду дидаи ту сафои деринаи ман.

Рӯзе, ба сифоти ту қалам мегирам,
Бар оши муҳаббатат занад кафгирам.
Бо ноқили лабҳо-т шикорам чу кунӣ,
Чашмак зада, чашмак зада, пас мемирам.

Фарёд аз омади ғаму бахти нагун,
Шохи тарабам фитоду гардид забун.
Аз панҷ бародари баробар бар ҷон,
Домони ҳаёти он ду пур гашт зи хун.

Аз бӯйи гил озор намечинад гул,
Чун аскари раҳ, ҳеҷ намешинад гул.
Ҳар баргаку дони он саросар резад,
Нопокии пойи худ намебинад гул.

Ҳар шеъри равон мисоли фарзанди ман аст,
Ҳамсони дарахти решапайванди ман аст.
Андешаи сабзи дафтари розу ниёз
Болои сарам пири хирадманди ман аст.

Дарё, дарё, шитоб дорӣ ҳама рӯз,
Не фурсату вақти хоб дорӣ ҳама рӯз.
Бо килки муҳаббатат, чи хуш, рӯи замин
Аз сабзаву гул китоб дорӣ ҳама рӯз.

Ангуштари ту ба сони тилло зард аст,
Ин рамзи муҳаббати дили пурдард аст.
Ҳар кас, ки надонад шарафи ишқи Худо,
Дар рӯи ҷаҳон булҳавасу номард аст.

Чун лаб ба лабе расад, шарар мерезад,
Аз нахли умеди дил самар мерезад.
Бар ҷоми муҳаббати каси дилдода
Нӯшоба зи косаи Қамар мерезад.

Аз кӯчаи мо гузар намоӣ, чӣ шавад?
Бар дидаи мо назар намоӣ, чӣ шавад?
Бо шамъи рухат абри хаёли сари мо
Як бори дигар бадар намоӣ, чӣ шавад?

Доруи намурдан аст дар мурдани мо,
Шодӣ нарасад аз пайи озурдани мо.
Подоши дарахти умри мо шеъри тар аст,
Беҳуда набуд ин ҳама ғам хӯрдани мо.

Як лаҳзаи интизор-як рӯзи дароз,
Як лаҳза бувад дафтараки розу ниёз.
Ин лашкари ғам зи пеши ман бигрезад,
Дилдода расад бо хандаю ишваю ноз.

Марде, ки ҷамоли зан биёбад, мард аст,
Шаҳбайти хаёли зан биёбад, мард аст.
Дар сангари нанги одамӣ истода,
Оғӯши ҳалоли зан биёбад, мард аст.

Хоҳам, ки кушоям укдаи шеъри замон,
Шеъре, ки диҳад рисолати оби равон.
Бо ғунчаи маънии басо зебанда
Гардад чу масал ҳамеша чӣ вирди забон.

Дарёи равон ба пас нигаҳ натвонад,
Як лаҳзаи ист нимараҳ натвонад.
Саддаш биниҳӣ, хашми дуболо бикунад,
Девори пур аз санги туро афтонад.

Шоир, шоир, шеъри туро мехонанд,
Байту ғазалу маснавиат медонанд.
Аз шохи хаёл мева додӣ, з-ин рӯ,
Себи суханат ба рӯи дил мемонанд.

Ғам дар дили нотавон намирад ҳаргиз,
Шохи дили бишкаста нагирад ҳаргиз.
Шаҳнома бишав ба зиндагӣ, шаҳнома,
Шаҳномаи ҷовидон намирад ҳаргиз.

Гаҳвора куҷо, ҷунбиши гаҳвора куҷо,
Бишнидани он «Алла»-и ҳамвора куҷо?
Шаҳрӣ шудаму канда шудам аз русто,
Пас, роҳати он модари бечора куҷо?

Умри гузарон мегузарад, зам нашавад,
Ризқи ҳама кас баробари ҳам нашавад.
Давлат ба касе шабеҳи дарё бошад,
Сад кӯза барӣ аз он агар, кам нашавад.

Он ҷо, ки сухан байти пур аз маъно аст,
Рақсидани лола дар дили дарё аст.
Илм асту амал рисолату арҷи ҳаёт,
То ҳастии одамӣ дар ин дунё аст.

Абрӯи камони ту ба ҳам пайваста,
Ошиқ шудаам ба рӯи маҳ дил баста.
Гардам зи пасат чу ақрабак ҳамвора,
Чун соати деворӣ нагардам хаста.

Афсонаи қолу ҳол дорад дили ман,
Дурдонаи бе мисол дорад дили ман.
Садҳо гули маънӣ аз бузургони сухан,
«Шаҳнома»-и безавол дорад дили ман.

Модар, модар, чӣ хуш, ки меҳмони манӣ,
Чун қуввату роҳати дилу ҷони манӣ.
Панҷоҳ шуда умри ман, вале то ин дам,
Бо дидаи чори хеш пазмони манӣ.

Шодӣ зи ғами гарон гурезад рӯзе,
Дорӣ ту агар дилбари оламсӯзе.
Яъне, ки зи дил рахт бибандад шодӣ,
Аз гулхани ғам боқӣ бимонад сӯзе.

Бар моли касе ҳасад набурдам ҳаргиз,
Ҳаққи касу нокасе нахӯрдам ҳаргиз.
Шукрона, ки бо дафтару девони ғазал
Дар асру замонаҳо намурдам ҳаргиз.

Ёрон, ёрон, ба қадри дилдода расед,
Бар давлати ин ишқи худодода расед.
Шодӣ талабад мардуми озодаманиш,
Бар тантанаи мардуми озода расед.

Боке набувад зи мардуми бодапараст,
Ин шишаву соғар, ки харидораш ҳаст.
Хоҳӣ, ки биёбӣ риштаи сирри ниҳон
Посух ба саволи ту диҳад одами маст.

Чашмони ту интизор мебинам ман,
Ашки ту ситоразор мебинам ман.
Дар боғи дилам чу наргиси зебо̄й,
Гулҳо, ки ба сабзазор мебинам ман.

Ёрам чу қабои лолагунро пӯшид,
Аз оташи лолаҳо дили ман ҷӯшид.
Мурғи ҳавасам рафта сари мижгонаш,
Аз чашмаи чашмони базебаш нӯшид.

Доғи диди лола аз ғами борон аст.
Не ханда ба лаб дораду не ҳайрон аст.
Он лолаи қалби дилбари ман ҳам, шукр,
Борони муҳаббати маро пазмон аст.

Шаб омаду ёри ман наёмад, афсӯс
Гулдаста – баҳори ман наёмад, афсӯс.
Бе хоб ба кӯчаи ғамаш мегардам,
Доруи қарори ман наёмад, афсӯс.

Дар зиндагиам чароғи дил афрӯзам,
Аз модару аз падар адаб омӯзам.
Бо риштаи шеъру шоирӣ дар дили халқ
Гулҳои умеди зиндагӣ медӯзам.

Бадрӯ ба хату холи дигар бадрӯ монд,
Садрӯ ба ҳазор ҳиллае садрӯ монд.
Хушрӯ, ки ба обу ранг дилро надиҳад,
Шабрӯ ба сафедамолӣ ҳам шабрӯ монд.

Аз ҳаҷри рухи ту кай хуморам шиканад?
Сад кӯзаи ҳасрату қарорам шиканад.
Рӯзе, ки набинамат, гарон аст, гарон,
Оинаи қалби интизорам шиканад.

Аз ҳарфи хунук барфи зимистон беҳтар,
Аз рӯзи сияҳ хоби шабистон беҳтар.
Бе пул ту анису ҳамдаме чун ёбӣ?
Бар лӯлисифат даҳони ҳамён беҳтар.

Гулмоҳии шеър з-оби чашмон ояд,
Аз ҳавзи пуроҳи синабирён ояд.
Дар оби хаёли мардумон мегардад,
Дилмоҳии меҳр аз дилу аз ҷон ояд.

Тоҷик, тоҷик, ту миллати озодӣ,
Шоистаи арконисуханаждодӣ.
Нозам, ки барои фахри мо дар олам
Чун Рӯдакиву Ҳофизу Лоиқ додӣ.

Аз марги ҷавон хурду калон мегиряд
Даҳшат бувадо, деҳи калон мегиряд.
Бар ҳоли падар, модари офатдида
Ин чархи кабуд ба новадон мегиряд.

Некӣ талабӣ, роҳ ба мақсад бирасад,
Инъоми якат ҳам ба даҳу сад бирасад.
Бадкарда куҷову шодии ҳамвора,
Шодӣ талабад, ба дасти ӯ бад бирасад.

Шеъре, ки чу оби тоза фаввора занад,
Бар домани шамсу моҳу истора занад.
Чун нури малак ба дидаи оламгир
Дар пеши раҳи бекасу бечора занад.

Вақте ки ба гӯши ту зи ҷон овоз аст,
Дарвозаи дил ба пеши роҳат боз аст.
Аз сози ду лаб болзанон осуда,
Мурғи ҳавасам ба ҳасрати парвоз аст.

Шохе шиканад, шохи бараш метарсад,
Боле шиканад, ҷамъи параш метарсад.
Рӯзе ки фалокате биёяд сари роҳ,
Шоир шиканад, шеъри тараш метарсад.

Вақте ки адои ту расад бар ёдам,
Бар гӯши фалак ҳамерасад фарёдам.
Аз пушти дарахте раҳи ту мепоям,
Бар сайди дилам ба сони як сайёдам.

Тоҷик, тоҷик, шиносамат озода,
Бо Рӯдакиву Бедилу Турсунзода.
Бар рағми ҳама ранҷу азоби таърих
Аз зинаи илму маърифат н-афтода.

Ин саллаи бахти мо дигар баста нашуд,
Чӯби қаламам ба тешае даста нашуд.
Шодӣ ба ғами расида тоқат ки накард,
Ғам дар сари раҳ ситодаву хаста нашуд.

То кай дили ман чу марди овора шавад?
Нодида туро, нигор, бечора шавад.
Санги аламам з-оташи ишқат сӯзон,
Обаш мафишон, таркаду сад пора шавад.

Бо чӯби қалам хона намудан шараф аст,
Зулфони сухан шона намудан шараф аст.
Монандаи гунҷишк бари фарзандон
Дар боми Ватан хона намудан шараф аст.

Ҳамсояи мо барои мо соя нашуд,
Бар шохи муҳаббати дилам поя нашуд.
Бо рӯғани андешаи гармогармаш,
Дидем, ба оби сард якҷоя нашуд.

Ман одами бедаҳан набудам, додар,
Ман шоири беватан набудам, додар.
Бо духтари шеъри тар шудам ҳамсоя,
Ман булбули бе чаман набудам, додар.

Аз шеъри равон тирукамон бархезад,
Аз ҳарфи хунук тири камон бархезад.
Оғӯши занон – зодгаҳи барноӣ,
Пире биравад, аз он ҷавон бархезад.

Аз атсаи модарам дилам меларзад,
Аз нолаи дилбарам дилам меларзад.
Дарвозаи раҳми зан маро дар сина,
Аз гиряи духтарам дилам меларзад.

Монандаи соате бувад кори дилам,
Эҳсос кунам ба ҳар задан бори дилам.
Бар кулбаи ман ранҷа намо, ёри азиз,
Аз мақдами ту чу гул шавад хори дилам.

Чӯби қаламам, ки байни ангушти ман аст,
Дороии бегазанди сад пушти ман аст.
Бо зӯру тавони он ҷаҳон зинда шавад,
Неруи бузурги он ба даҳ мушти ман аст.

Чашмони маро ҳусни ту чун наҳр кунад,
Бӯсам зи лабат, гардани ту қаҳр кунад.
Он мӯи дарози ту бувад мори сияҳ,
Аҷраш накунам, бар даҳанам заҳр кунад.

Зулфони сухан шона намудан ҳунар аст,
Сангони Ватан хона намудан ҳунар аст.
Дар панҷаи шохи устувори нахле
Гунҷишксифат лона намудан ҳунар аст.

Гулмоҳии шеъри ман набуд афсона,
Дилмоҳии шеъри ман лаби ҷонона.
Вақте ки лаби лаъли варо бӯсидам,
Аз сина бурун бишуд дили девона.

Бозӣ ба думи шер амонат надиҳад,
Ҷонат бибарад, роҳи равонат надиҳад.
Аз кӯчаи зиндагӣ чу море магузар,
Ин макру риё бахти ҷавонат надиҳад.

Шеъре, ки зи дил расад, шарар мерезад,
Аз шохаи сабзи худ самар мерезад.
Шоир ба рисолати баёни муъҷаз
Бар косаи табъи мо шакар мерезад.

Лоиқ, чу ту як ошиқи озода куҷост?
Бар соғари ёди мо дигар бода куҷост?
Фарёди дилам расида бар гӯши фалак,
Султони сухан, ошиқи Сарвода куҷост?

Кӯре, ки ба дасти худ барад оина,
Оҳе бикашад зи зиштии дерина.
Буд масхарае, ки аз раҳи булҳавасӣ
Тоҷе ба сараш ниҳад сагу бӯзина.

Вақте ки ба ман азми сафар беш ояд,
Модар ба сарам ба синаи реш ояд.
Аз файзи кафи дасти дуо пайваста
Ҳар ҷо биравам, оби равон пеш ояд.

Ин тук-туки дил чу соати деворӣ,
Парво накунад, хоб ва ё бедорӣ.
Гаҳ назми тапиданаш дигар мегардад,
Вақте ки ба он фишори нав меорӣ.

Афсонаи модарам, ки буд ё ки набуд,
Иқболи ман овард аз ин чархи кабуд.
Бе ҳадяи меҳри модари ғамхорам,
Зулфони сухан ба гарданам ҳеҷ набуд.

Аркони сухан хазинаи тиллоянд,
Чун моҳу ситора дар фалак осоянд.
Монанди сувайдои дили бохирадон,
Равшангари мо барои пасфардоянд.

Дидам нафаре, ки бар касе соя нашуд,
Дар шодию ғам омада якҷоя нашуд.
Як шохи дарози беди раҳ бибриданд,
Бар қомати хамхӯрдаи ӯ поя нашуд.

Як умри Худо модари ман бемор аст,
Гулҳои чаман ба дидаам чун хор аст.
Ёрии Худо, яқин, расидам аз ғайб,
Бар гардани ман барои ӯ тӯмор аст.

Бечора касе, ки модараш рафт зи даст,
Овора касе, ки дилбараш рафт зи даст.
Модар ба азо зи дида хун меборад,
Дилпора аз он, ки ахтараш рафт зи даст.

Хоин ба Ватан шудӣ, Ватан гиря кунад,
Ҳам хору хасу боғу чаман гиря кунад.
Номи ту ба даҳр худ бо сиёҳӣ монад,
Бо нафрати ту гӯру кафан гиря кунад.

Ҳар хандаи дилбарон сурудам бошад,
Пайғоми тару тоза, дурудам бошад.
Ин дидаи осмонии ҷонона
Афсонаи чашмони кабудам бошад.

Маст омадаам, ҳамин гуноҳам кофист,
Афсурдагию ҳоли табоҳам кофист.
Бо хархашаву дору зани бекора
Доғе ба дили ёри чу моҳам кофист.

Сангони муаллақи Ватан ҳамдӯшанд
Асрори вуҷуди ҳамдигар нафрӯшанд.
Санге биканӣ, агар ту аз синаи кӯҳ,
Сангони дигар аз ин ғазаб мечӯшанд.

Роҳе, ки равам, барои ман осон нест,
Душвории он зи дидаам пинҳон нест.
Нӯшидани шири синаи маҳ дар шаб
Андеша кунам, азми каси нодон нест.

Умре гузарад, Ватан Ватан мемонад,
Меҳраш ба дилу ба ҷону тан мемонад.
Ҳайфи нафаре, ки бо риё дар олам
Бо номи сияҳ чу беватан мемонад.

Шаҳномаи безаволи шоир Ватан аст,
Девони хуҷастафоли шоир Ватан аст.
Дороии бемисол дар олами ганҷ,
Шамсу Қамари хаёли шоир Ватан аст.

Аз рӯи Ватан нури саҳар мерезад,
Аз ҷӯи Ватан ширу шакар мерезад.
З-оинаи чашмони муҳоҷир хондам:
Аз бӯи Ватан ҷону ҷигар мерезад.

Ман дар ватани хеш асолат дорам,
Гармӣ ба дилу ба сар саодат дорам.
Тақлиди касон масдари эҷодам нест,
Ман дар бадани хеш ҳаловат дорам.

Ғамҳои замона аз қазо пир шуданд,
Аз хуни дили аҳли сухан сер шуданд.
Дар беша шумори рӯбаҳон гашт зиёд,
Аз каҷравии давру замон шер шуданд.

Гул дар сари гулбадан нумӯе дорад
Андешаи масти ман сабӯе дорад.
Дар бистараки сабзи ман атри ёдаш
Бас накҳати зулфони накӯе дорад.

Домоди азизи мост як шаҳзода,
Андар бари ӯ маликаи дилдода.
Дар сояи барги навниҳоли умед
Зебад ба шумо зиндагии озода.

Домоду арӯс чун баҳор омадаанд,
Бо савти накӯи ёр-ёр омадаанд.
Равшан бишавад маҳфили ҷамшедии мо,
Нури малаке дар шаби тор омадаанд.

Домоду арӯс савти дил бинвозанд,
Бо боли хаёли тоза дар парвозанд.
Биншаста дар ин тахти баланди шоҳӣ,
Чун ҷуфти кабутарон ба ҳам ҳамрозанд.

Шоҳе, ки надорад карами шоҳона,
Номаш набувад миёни халқ афсона.
Ибрат бувадо ҳиммати Сомонишаҳе,
Бахшид ба Рӯдакӣ зару дурдона.

Андар назарам ҳусни Ватан оина,
Хораш ба мисоли лолаву пӯдина.
Аз меҳри Ватан суруди нав бинвисам,
Бо набзи диле, ки мезанад дар сина.

Аз одами беватан ҳазар бояд кард,
Аз олами бечаман ҳазар бояд кард.
Баркаш ба мизони ақл сарбориро,
Аз Ҳотами бекафан ҳазар бояд кард.

Дасте, ки садо-ш масдари эҷод аст,
Чун шохаи сабзи ин дили обод аст.
Аз дафтари андешаи сабзи шоир,
Атри сухан аз ғунча, чӣ хуш, озод аст.

Рӯзе, ки туро ганҷи замон пеш ояд,
Бегона ба хонаи ту чун хеш ояд.
Давлат чу равад, нест касе дар бари ту
Подоши намак садои дарвеш ояд.

Устоди дабистон падари муътабар аст,
Ҷону ҷигару сарвари вологуҳар аст.
Авроқи кушодаи китобаш ба назар
Чун боли кабӯтарони болои сар аст.

Ман дасти туро фишурда будам рӯзе,
Лабро ба лабат бибурда будам рӯзе.
Аз дасти падар ва модари дилсӯзат,
Бас мушти аҷаб бихурда будам рӯзе.

Тақлиди касон макун, на хуб иқдомест,
Нав гӯву навӣ ҷӯ, ки куҳнаро анҷомест.
Мурғе, ки ҳамора дон кашад аз як ҷо,
Бо донаи охирин, бале, дар домест.

Халқ асту Худо, Худо ниёзи халқ аст,
З-ин лайлу наҳор дар намози халқ аст.
Мо худ сари риштаи замон бибридем,
Армони Худо умри дарози халқ аст.

Товуси хаёли ман бувад тирукамон,
Дорад ба худаш хазинаи сирри ниҳон.
Ҳар кас ба тавони ақл баркаш бикунад,
Ғамро бубарад зам-замаи шеъри равон.

Вақт омада меравад, ту қимат бишумар,
Ҳар лаҳзаи умри худ ғанимат бишумар.
Ин ақрабаки замон дигар пас наравад,
Андешаи мо чу панду ҳикмат бишумар.

Ҷонон Ватанам матлаи ашъори ман аст,
Гулғунчаи меҳри қалби бедори ман аст.
Аз барги гули муҳаббаташ шод манам,
Зеро ки Ватан сутуни девори ман аст.

Афсӯс, муҳаббати маро рад кардӣ,
Ғамҳои гарони ман ту то сад кардӣ.
Бо макру риёву дидаи бенурат
Аҳволи дили зор чаро бад кардӣ?

Дар зинда будан ба қадри одам нарасем,
Чун даргузарад, дар аламу додрасем.
З-ин рӯ талабам бувад, азизон, зи шумо,
Пайваста ба қадри зиндаёрон бирасем.

Гӯянд, зани чаҳон ҳама яксон аст,
Гар ҳиндиву русу тоҷику з-Эрон аст.
Гулҳои чаман бӯйи ҳазорон доранд,
Дар пардаи ҳар гуле диле пинҳон аст.

Пурсанд,ки шоирон чаро камкоранд?
Ҷуз лаҳзаи эҷод дигар бекоранд.
Беғам,ту чӣ медонӣ азоби шоир?
Рӯйи вараки санг сухан мекоранд!

Як маҳ бари сад ситорае озод аст,
Истора зи мавҷуди Қамар дилшод аст.
Абри сияҳе аз ҳасаду аз кина,
Бо карнайи тундаре чӣ дар фарёд аст.

Ҳар рӯзи Худо,ки мерасад,шукрона,
Бас меваи боғ мепазад,шукрона.
Маҳтоби рухи дилбарам аз пардаи шаб
Монанди сапеда медамад,шукрона.

Сад соли ҳаёти одамӣ чандон аст,
К-андар назарам ашки сари мижгон аст.
Даврони ҷавониаш ба сар омадааст,
Дардо,аламо,ҷавониам меҳмон аст.

Бар обу ҳавои ин Ватан гӯям шукр,
Бо лолаи гардани даман гӯям шукр,
Дар тӯйи арӯсии гули бобуна,
Бар хониши мурғони чаман гӯям шукр.

Ҳар мева пазад,зи санги раҳ метарсад,
Пир аз аламу ҳоли табаҳ метарсад.
Гесӯи пареши шаб сафедӣ дида,
Аз равшании ситора, маҳ метарсад.

Аз беадабе дарси адаб омӯзӣ,
Як машъалае барои худ афрӯзӣ.
Ашъори бузургон садафи дарё дон,
Домони хаёли носеҳон гулдӯзӣ.

Шеъре, ки надошт маънии риндона,
Чашме нашавад ба даври он парвона.
Атри сухани равони ҳар як шоир,
Бишкаста хумори ошиқи девона.

Рӯят чу гули шукуфта бошад,маҳи ман,
Дандони сафед суфта бошад, маҳи ман.
Нақши пайи дандони сафеди мани зор
Дар барфи тани ту хуфта бошад,маҳи ман.

Чашмат ба мисоли тобиши тиру камон,
Дар партави он ситораи шеъри равон.
Рағми ҳамаи азияти чархи фалак,
Аз як нигаҳат ба мо расад бахти замон.

Шеъре,ки ба дил мартаба пайдо накунад,
Ҷӯйест, ки майл ба дарё накунад.
Ояд ба дари чашму дареғ, охири кор
Моро ба сухан ошиқи шайдо накунад.

Рӯят ба мисоли моҳи оламгир аст,
Маҳ аз ҳасади ҳусни ту домангир аст.
Аз дидани рӯйи ту надорам серӣ,
Боз о ба барам, ки зиндагӣ дилгир аст.

Он зулфи дарози ту насиби кӣ шавад?
Оинаи рози ту ҳабиби кӣ шавад?
Чун ишқи ту дар баҳо ба ҷон меарзад,
Иқболи фарози ту навиди кӣ шавад?

Ғам омада меравад,дигар роҳе нест,
Осуда зи ӯ на камбағал, шоҳе нест.
Чун абри сиёҳ,ки осмон мепӯшад,
Меҳраш ба гули ситораву моҳе нест.

То ҳоли табоҳ ҳар азизе дорад,
Ҳукми ҳама рӯз бетамизе дорад.
Аз каҷравии замони каҷдору марез,
Оҳи дили мо дуди ғализе дорад.

Одам биравад гоҳ ба чап, гоҳ ба рост,
Аз нафси бадаш ба панҷаи ҳукми ҷазост.
Зардии рухаш ту дар паси панҷара бин,
Ибрат ба ҳама бошаду ҳам аз бари мост!

Аз бӯйи Ватан ҳаловати ҷон ояд,
Бас неъмати доманаш сари хон ояд.
Қадри ватанаш мусофире медонад,
Дур аз Ватан асту гаҳ чу меҳмон ояд.

То чанд ғами ҷаҳон асирам созад,
Испед кунад мӯяму пирам созад.
Ку кӯдакие, зи нав барои шодӣ,
Бо шӯру мағал косаи ширам созад?

Дар ҳар вараҷи китоб панде бошад,
Бар ташна сароби об қанде бошад.
Як лаҳза бувад нишоти инсон,дардо,
Подоши ҳама шитоб фанде бошад.

Нигоро, ҳусни ту чашми нигин аст,
Адоят зебиши рӯи замин аст.
Бидеҳ, аз кунҷи лаб як бӯсаи сабз,
Таманнои мани ошиқ ҳамин аст.

Маро шӯру шари ошиқ кунад маст,
Маро шеъри тари Лоиқ кунад маст.
Ба роҳи ишқи поки зиндагонӣ,
Канори дилбари содиқ кунад маст.

Ту ёри булҳавас бошӣ, чӣ ҳосил?
Бари ҳар хору хас бошӣ, чӣ ҳосил?
Нагунҷад дар замират иффату ор,
Чу кабке дар қафас бошӣ, чӣ ҳосил?

Зебосанамо, ки гулшани армонӣ,
Дарди дили бандаро накӯ медонӣ.
Бо ин ҳама нозу ишваи зебоят
Девона кунӣ ту шоири Каздонӣ.

Дору, ки ба дарди бедавоям ишқ аст,
Сармояи ганҷи бебаҳоям ишқ аст.
Дар кӯчаи зиндагӣ, чу нури хираде,
Равшангари дида, раҳнамоям ишқ аст.

Дил баҳри висоли дилбаре мекӯшад,
Бо соғари ёди ӯ арақ менӯшад.
Оре, ба Худо, ки чашмаи чашмонам
Аз барқи нигоҳи масти ӯ меҷӯшад.

Ту ёри дигар гаштию ман месӯзам,
Бо дарду алам чоки дилам медӯзам.
Чашмат ба ман уфтоду бубастӣ дари худ,
Парво накунӣ аз ишқи навомӯзам.

Бар чеҳраи ту лола дамидан дорад,
Борони муҳаббатам чакидан дорад.
Дардо, ки ғизоли чашми мастонам ту
Бинад агарам, майли рамидан дорад.

Домоди азизи мо чу як шаҳзода,
Андар бари ӯ маликаи дилдода.
Ин лаҳзаи ҷовидон бигӯяд домод:
Мастам зи гули рӯйи маҳе бе бода.

Каздон, Каздон, диёри мардони хананг,
Мисли ту чунин деҳа надидам хуше ранг.
Аз қудрати Яздонӣ ба ҷое нарасад,
Ҳар кас, ки занад ба шишаи нанги ту санг.

Падар дар лафзи мардум қиблагоҳ аст,
Падар фарзандро пушту паноҳ аст.
Бибояд хидматаш дар зиндагонӣ,
Набошӣ меҳрубон, садҳо гуноҳ аст.

Падар гавҳар, падар дурдона бошад,
Падар чун шаҳсутуни хона бошад.
Зи мавҷудаш гуворо зиндагонӣ,
Ҳаёту зиндагӣ шоҳона бошад.

Падар омад, ҳама аз ҷо бихезад,
Нишоти зиндагӣ бо ӯ бизебад.
Касе, ки бо падар дорад муҳаббат,
Гунаҳ аз ӯ, яқин донам, гурезад.

Ду чашмони падар дорад шарора,
Мисоли дидаи моҳу ситора.
Гули нури ду чашмони падарҷон,
Кунад равшан дили моро ҳамора.

Падар шод аст агар, шукрона гӯям,
Барояш шеъраки риндона гӯям.
Замоне, ки дарояд аз дари ман,
Ҳаёту зиндагӣ шоҳона гӯям.

Падар пушту паноҳи насли инсон,
Бузургиҳош афзун буда ин сон.
Ба як каф аз дуои сабзи эшон
Макони хор мегардад гулистон.

Ҳамеша муниси модар -падар шав,
Ба боғи зиндагӣ некӯ самар шав.
Биёбӣ то нуфузе байни мардум,
Ба шоми ҳар диле Шамсу Қамар шав.

Падар сармояи дунёи ганҷ аст,
Бузургиаш раҳи дарёи ранҷ аст.
Касе, ки бар падар хидмат намояд,
Баҳояш дар ду олам «чору панҷ» аст.

Падар бошад, бубинам хешро зӯр,
Зи рӯяш мерасад роҳи маро нур.
Ба аснои сафар дасти дуояш
Саломат мебарад моро раҳи дур.

Падар моро бипарварду калон кард,
Ба роҳи зиндагонӣ раҳравон кард.
Расад то бар ҳадаф тири умедаш,
Қади болои худро чун камон кард.

Падар ранҷад агар, асло наранҷед,
Хато гӯяд, ба ҳоли ӯ нахандед.
Замоне ки ба синни ӯ расидед,
Фишори зиндагӣ он дам бисанҷед.

Ҷавонии падар дар дасти модар,
Падарро мекунад модар диловар.
Намебинад газанде зиндагонӣ,
Ду дил рӯйи кафе ояд баробар.

Хатар ояд, бидонӣ, ки хатар чист,
Зафар ояд, бидонӣ, ки зафар чист.
Ба сангистони роҳи зиндагонӣ,
Падар гардӣ, бидонӣ, ки падар кист.

Падар субҳ аст, субҳи ҳар замона
Ки фарзандон ба дунё з-ӯ нишона.
Барои ҳиммату ақли расояш
Худо умраш диҳад то ҷовидона.

Падар мисли Замин фанде надорад,
Нигоҳи бад ба фарзанде надорад.
Набинад роҳати умри дурӯза,
Агар ёри хирадманде надорад.

Падар зарҳалқаи ҳар хонадон аст,
Ба фарзандаш азизу меҳрубон аст.
Касе ки қиматаш нодида гирад,
Ба роҳи зиндагонӣ нотавон аст.

Падар гар бад кунад, аз он ту магрез,
Сухан бо теғи ҷаҳли худ макун тез.
Гаҳе пире зи бори зиндагонӣ
Чу кӯдак мешавад фасли хазонрез.

Падар нолад агар аз зиндагонӣ,
Илоҷашро биҷӯ, фарзанди ҷонӣ.
Ки пирӣ иллати бисёр дорад,
Сано, гар з-иллат ӯро вораҳонӣ.

Падар бошад чароғи зиндагонӣ,
Бидон қадри варо, то метавонӣ.
Бубинӣ роҳати дунёи фонӣ,
Зи ту бинад падар гар меҳрубонӣ.

Падар, шоҳе ба тахти хонадонӣ,
Ки тифлонро ба мақсад мерасонӣ.
Кашам оҳи сабук аз синаи худ,
Чу бинам, беасо дар раҳ равонӣ.

Падар ронад агар даврони пирӣ,
Иноят кун, чу дарвешу амирӣ.
Баҳои хидмататро як замоне,
Зи фарзандони худ подош гирӣ.

Падар бошад сутуни хонадонам,
Гули маънии ашъори равонам.
Адои хидматаш созам ба ҷонам,
Варо бар мақсади худ мерасонам.

Падар бахти маро ангуштарин аст,
Ниҳоли қомати манро замин аст.
Шавад садсола бошам дастёраш,
Таманнои ҳама фарзанд ин аст.

Падар – дурри дили дарёи фарзанд,
Падар – муъҷизаи дунёи фарзанд.
Ба эҳсону сахою ҳиммати беш
Падар – чун кӯҳи побарҷои фарзанд.

Умрест, ки дар даҳан маро нони падар,
Хун гашта барои ман дилу ҷони падар.
Вақт аст, ба подоши ҳама ранҷ кунун
Ноне бигузорам ба сари хони падар.

Рухи субҳи саҳар дорӣ, падарҷон,
Дуо рағми хатар дорӣ, падарҷон.
Дарахтӣ, меваат – фарзанди комил,
Ба ҳар коре зафар дорӣ, падарҷон.

Ба фарзандон чу дунёӣ, падарҷон,
Мисоли дурри дарёӣ, падарҷон.
Ба эҳсону ба ҳимммат ҷамъи моро
Ҳидоятгар ба фардоӣ, падарҷон.

Падар бошад ба кас чун ганҷи қимат,
Нишастан дар бараш бошад ғанимат.
Ба пирӣ хидматаш кун содиқона,
Агар бошӣ ту фарзанди баҳиммат.

Падар оқил, падар фарзона – доност,
Падар устоди хуби ҳар яки мост.
Шавад во то дари асрори олам,
Ҳидоят мекунад бар мо раҳи рост.

Наврӯзи Аҷам, ту зиннати дунёӣ,
Чун суннати Ҷамшедӣ аҷаб волоӣ.
Шодам, ба Худо, ту – ҷашни бобоии мо,
Дар олами маърифат фалакпаймоӣ.

Наврӯзи Аҷам саодати инсон аст,
Бар мазраи қалби бедилон борон аст.
Аз давлати зулфакони занҷирии ӯ,
Сад Аҳримане ба гӯшаи зиндон аст.

Наврӯзи Аҷам, ки ҷашни фархундаи мост,
Чун нури малак дар дилу дар дидаи мост.
Ҳар сӯ нигарӣ, ба зиндагӣ ранги дигар,
Ин ҷашни хуҷаставу писандидаи мост.

Модар, модар, рӯи ту чун дарё аст,
Номат ба мисоли давлати дунё аст.
Дороии мо амну сари сабзи ту шуд,
Бе ҳастии ту зиндагӣ бемаъно аст.

Модар, модар, байти нави ашъорам,
Армони дилу ду дидаи бедорам.
Дар ҳар вароқи китоби иншокарда,
Аввал ба қалам номи туро меорам.

Модар, модар, ту махзани армонӣ,
Пазмони туям, маро ту ҳам пазмонӣ,
З-ин рӯ, ҳама давлати дили пурдардам
Бахшам, ба Худо, барои ту арзонӣ.

Аё модар, ту хуршеди сари ман,
Манам шаҳбоз, ҳастӣ ту пари ман.
Зи дунё як таманно дорам, ин аст:
Тасаллоят диҳад шеъри тари ман.

Пос аз рамазон надорадам ин дида,
Чун мегузарӣ ту бо лаби хандида.
Аз сӯзиши дил садо бикардам шоме:
«Ҷонам бишавӣ», давидӣ ту тарсида.

Аз нози ту бодаи малоҳат нӯшам,
Дар барқи нигоҳи гарми ту меҷӯшам.
То ки нарасад ба рӯйи ту чашми рақиб,
Бо домани дил ҳусни туро мепӯшам.

Нигоро, ҳусни ту чашми нигин аст,
Адоят зебиши рӯи замин аст.
Бидеҳ, аз кунҷи лаб як бӯсаи сабз,
Таманнои мани ошиқ ҳамин аст.

Ватан бошад чу модар ганҷи қимат,
Шуморам обу хокашро ғанимат.
Дар ин даврон, ки эҳсон дасти бод аст,
Ватан танҳо расонад пайки ҳиммат.

Ватан гӯям, хаёлам гул кунад, гул,
Сароям васфи ӯ ҳамранги булбул.
Зи хони неъматаш дорам ҳаловат,
Зи дарёаш бинӯшам оби бепул.

Ватан ганҷинае дар синаи мост,
Бақои ин дили бекинаи мост
Навозиш мекунад моро чу модар,
Ватан хушбахтии деринаи мост.

Ватан ҳар лаҳза ёру ёвари мост,
Ватан армони дил, бому дари мост.
Набояд ранҷу озоре ба ӯ дод,
Ягона нусхае аз модари мост.

Ватан аз чашми кӯри мо зарар дид,
Ҳазорон заҳмати ранҷу хатар дид.
Алорағми таманнои ҳасудон
Билохир ними ҷон доду зафар дид.

Гурӯҳе, ки Ватан гӯён ситезанд,
Нуфузашро худи эшон бирезанд.
Чу ояд бори вазнин бар сари ӯ,
Чу тарсу аз канораш мегурезанд.

Ватан атри фазои гулшани мост,
Ватан шодию оҳу шевани мост.
Яқин донам, ки ҳафт аз кишвари ишқ,
Дурахшон дар нишони меҳани мост.

Ватан байти расои шоирон аст,
Ватан субҳи сафои орифон аст.
Душанбе дидаи бинои кишвар,
Дари бахту умеди тоҷикон аст.

Ҳар он кас, ки аду баҳри Ватан шуд,
Залилу нотавону бекафан шуд,
Надида гарди хоки кишвари худ
Насибу рӯзии зоғу заған шуд.

Чу шодон бошӣ вақти зиндагонӣ,
Зи дӯшат мефитад бори гароне.
Азизу меҳрубон гардӣ ба мардум,
Агар ҳаст ӯ чу як рӯди равоне.

Дубайтӣ сарвате не, ки фурӯшӣ,
Дубайтӣ бодае не, ки бинӯшӣ.
Ба иншояш дили бедор даркор,
Дубайтӣ ҷомае не, ки бипӯшӣ.

Ҷаҳон вайрон зи дасти зумра зишт аст,
Ки тухмаш аҳриман ҳар ҷо бикиштаст.
Зи абёти бузургон хондаам ман:
Ҷаҳон бар оқилон мисли Биҳишт аст.

Биё, Наврӯз, оламро ҷавон кун,
Зи файзи худ заминро гулситон кун.
Чароғи олами даврон туӣ, ту,
Мунаввар дида аз Шеди ҷаҳон кун.

Биё, Наврӯз, ҳастӣ нури дида,
Фалакбӯсе шавад сарви хамида.
Биё, то гул кунад во рӯи тобон,
Замони чаҳ-чаҳи булбул расида.

Биё, Наврӯз, бо ҳусни баҳорам,
Зи омад -омади ту беқарорам.
Биё, нахли умедам ғарқи гул кун,
Ки пур гардад аз он домони ёрам.

Чароғи дидаам дунё фурӯзад,
Қалам барги гули маъно бидӯзад.
Дили ман махзани меҳру муҳаббат,
Равонад даст гар нокас, бисӯзад.

Ба масҷид омадӣ аз бахри тоат,
Заминро саҷда созӣ дар ибодат.
Фиребу макри ту аз мӯ зиёд аст,
Туро бар ин худотарсӣ чи ҳоҷат ?

Дилам дарёст дар соҳил нагунҷад,
Ҳазорон кас ба як манзил нагунҷад.
Ба ҷуз байти расо дар синаи ман
Яке андешаи ботил нагунҷад.

Аз он, ки ҷинси зан мавҷуди зебост,
Ҳаёту зиндагӣ бо ӯ гуворост.
Барои ҷумла мардони дилогоҳ
Гули рухсори зан боби тамошост.

Чу дарди ошиқӣ дарде набошад.
Дили барно яхи сарде набошад.
Набуд сурхӣ ба рӯи кулчаи зан,
Харидоре варо марде набошад.

Сари боло, Худоё, хам нагардад,
Касе шармандаи олам нагардад.
Якояк меравад одам, азизон,
Шумори насли инсон кам нагардад.

Дилам шоду дилам шоду дилам шод,
Ниёкон карда дунёро чӣ обод!
Зи роҳи шоирӣ раҳтӯша ёбам,
Кунам шукронаи табъи Худодод.

Ба як по метавон ҷое давидан,
Ба дасте низ чизеро танидан.
Вале бошад гарон онро, ки умре
Шунидан дораду аммо надидан.

Умеди рӯйи зебои ту кардам,
Диламро маҳфилорои ту кардам.
Чу ҳусни наргиси фаттон бидидам,
Хаёли чашми шаҳлои ту кардам.

Аё модар, чароғи зиндагонӣ,
Ба олам нест мислат меҳрубоне.
Ба девони фалак номи накӯят
Бимонад чун суруди ҷовидонӣ.

Аё модар, ки пазмони ту бошам,
Чӣ хуш рӯзе, сари хони ту бошам.
Ту устоди ба ҷамъи андалебон,
Ки фарзанди ғазалхони ту бошам.

Аё модар, бигӯ, ман нокасам, кас?
Нагаштам бар ту ман ҳар лаҳза дилрас.
Тасаллоям диҳад панди накӯят:
«Сари болои фарзандон маро бас».

Ба дил гоҳе маҳи навдида беҳтар,
Тамошои рухи болида беҳтар.
Ба сайёди раҳи дунёи фонӣ
Сафар бар кишвари нодида беҳтар.

Ба зан, ки зиндагониро субот аст,
Чи хуш бошад замоне, ки нишот аст.
Ба талхии ҳаёти пурмуаммо
Каломи нарми зан қанду набот аст.

Наврӯзи Аҷам аз роҳи дур омадааст
Айёми тараб базму сурур омадааст.
Бишкаста дили сахти ҳама яхпора,
Бо парчами гул лашкари нур омадааст.

Нигоҳи зан ба мард оина дорад,
Гули завқи раҳи дерина дорад.
Ба сина дил яку армони сабзаш
Ҳазорон хонаву сад зина дорад.

Чу нодоре кунад давлат ба оғӯш,
Барорад пунбаи нодорӣ аз гӯш.
Агар деги гадо рӯзе биҷӯшад,
Яқин, созад Худоро ҳам фаромӯш.

Нашуд ифшо ҳама асрори дунё,
Гарон бошад, гарон сарбори дунё.
Дареғо, чида хишти зиндагонӣ,
Биафтӣ дар паси девори дунё.

Намегӯям ба кас рози дили худ,
Сафои рӯҳи ман сози дили худ.
Дари пӯшидаи ҳамсоя дида
Дароям аз дари бози дили худ.

Яқин донам, ки нокас кас нагардад,
Ба ҳалли мушкилӣ дилрас нагардад.
Ба гуфтору насиҳат, эй азизон,
Нигоҳи аблаҳона пас нагардад.

Сари болои мардон хам набошад,
Ки бе некон, яқин, олам набошад.
Чи суд аз олими беши замона,
Ки дар илмаш дили одам набошад.

Нигоҳи шоирон чун шамси тобон,
Бувад инъомашон ганҷи фаровон.
Китоби зиндагии аҳли эҷод
Бигардад шохаи пайванди ёрон.

Замин ҳам шоир аст, оре, азизон,
Бирӯяд аз дилаш гулҳои хандон.
Агар дарё бурун созад хасу хор,
Замин созад ҳама ночиз пинҳон.

Агар доро шавӣ, пулдорият айб,
Ба муздурӣ ҳамеша зорият айб.
Набошад шафқате, дар таъна бошӣ,
Чу ғамхорӣ, чаро ғамхорият айб?

Забон донӣ, ҷаҳон донӣ, азизам,
Ҳама дарди замон донӣ, азизам.
Китоби сабзи дунёи пурасрор
Ба як дидан равон хонӣ, азизам.

Ба меросаш касе дил дода бошад,
Ҳама фарзанди ӯ озода бошад.
Хаёли иддае, мавҷуди фарзанд
Барои навбате дар пода бошад.

Агар зан чоки ғайбатро надӯзад,
Варо парво куҷо, олам бисӯзад.
Ду зан ҳамгап шавад, донед, ёрон,
Яқин, худҷӯши барқӣ ҳам бисӯзад.

Ҳаёту зиндагӣ осон набошад,
Рухи одам чаро хандон набошад?
Набошад дар диле гар аз тараҳҳум,
Яқин, донам, ки аз инсон набошад.

Анисе буд ба ҳайвон ҷумла инсон,
Кунун ҷамъи вуҳуш аз мо гурезон.
Туро мегӯям, эй сайёди бераҳм,
Ки хуни ноҳақи ҳайвон марезон.

Бувад модар ба кас чун ганҷи қимат,
Ҳаёту зиндагӣ бо ӯ ғанимат.
Замони заъфу пирияш маёзор,
Агар бошӣ ту фарзанди баҳиммат.

Бувад модар, дигар парво надорам,
Ба дил ғамҳои ин дунё надорам.
Бидонам қиматаш дар зинда будан,
Биҳишти нақди дил фардо надорам.

Дар ин олам басо овора гардӣ,
Гаҳе доро, гаҳе бечора гардӣ.
Бувад мавзун садои соати дил,
Агар дар зиндагӣ худкора гардӣ.

Агар дарди Ватан дар дил набошад,
Ба домонаш туро манзил набошад.
Куҷо бишкуфта дидӣ ғунчаи гул,
Чу по дар зери хоку гил набошад?

Замона шуд дигар, одам дигар шуд,
Зи бори зиндагӣ хуни ҷигар шуд.
Ҳама фарзанди неки модари мо
Барои зиндагӣ дур аз назар шуд.

Маҳал мирад, вале миллат амон аст,
Маҳалбозӣ чу тири бе камон аст.
Ба олам дар радифи некномӣ,
Мақоми миллати мо ҷовидон аст.

Чи шоҳу чи гадо мемирад охир,
Ҳабибу пурҷафо мемирад охир.
Вале номи касе ёбад амонат,
Гузашта аз бало, мемирад охир.

Мунаввар шуд ҷаҳон аз рӯи модар,
Биҳишти нақди мо паҳлуи модар.
Барад хобам чу дар гаҳвораи ноз,
Сарам бошад сари зонуи модар.

Бузургон давлати дунё начӯянд,
Ҳама ганҷи дили дарё начӯянд.
Барои роҳати умри дурӯза
Раҳи осон, раҳи савдо начӯянд.

Ба инсон зиндагӣ ҳар дам ғанимат,
Ҷилои тозаи олам ғанимат.
Ба рӯзи вопасин андеша дорем:
Дар ин дунё фақат одам ғанимат.

Сафедии рухат ҳамранги маҳтоб
Набинам гарт уро, н-ояд маро хоб.
Яқин, чашмони дарёят азизам,
Ҳамегӯйӣ, ки бошад косаи об.

Ду чашмат дидаро дарё расонад,
Шукӯҳу нусрати дунё расонад.
Лаби сурхат ба эъҷозаш, азизам,
Чароғи лолаи саҳро расонад.

Ба дарё бингарӣ, ёре надорад,
Равон асту равон, коре надорад.
Рухи оинааш оина ҷӯяд,
Дили дарё хасу хоре надорад.

Чу дорӣ хонае аз санги миллат,
Бирав роҳе, ки дорад нанги миллат.
Дари мақсад во гардад ба рӯят,
Пазиро гар шавӣ фарҳанги миллат.

Дилам бар хешу бар бегона сӯзад,
Ба ҳоли бекасу девона сӯзад.
Вуҷудамро, зи шамъ оташ гирифта,
Битарсам, ки пари парвона сӯзад.

Бирафтиву намеояд маро хоб,
Кучҷоӣ, себаки ширину сероб?
Ба ёди ман расад оғӯши гармат,
Ки барфи синаaамро мекунад об.

Раҳи пирӣ басо фарсуда бошад,
Кучо пире дар он осуда бошад?
Ҳама иллат, ки дорад пойизи умр,
Саропо бо ғаме олуда бошад.

Раҳи фардои дил осон набошад,
Навиде ку? Гули армон набошад.
Набошад ханда дар он хонадоне,
Садои кӯдаки гирён набошад.

Ачаб чарху, ачаб ин чархи гардон,
Ғаму шодӣ насиби насли инсон.
Чу кӯре бо асо ояд ба манзил,
Чаро бино фитад дар банди зиндон?

Фишори дил фишори зиндагонист,
Мадори дил мадори зиндагонист.
Гаҳе шӯрад, гаҳе орому сокит,
Қарори дил қарори зиндагонист.

Забони тоҷикӣ – фарҳанги миллат,
Ки дорад шеваи оҳанги миллат.
Забонгумкардаро аз чист иллат?
Биборад бар сари ӯ санги миллат.

Забони тоҷикӣ асло намирад,
Зи тоҷик ҳеҷ кас онро нагирад.
Забонгумкарда дар аснои реҳлат
Ба ин бегонагияш чун бимирад?!

Забони тоҷикӣ ганҷу зари мост,
Забони «Алла»-ҳои модари мост.
Агар кайҳонкушоӣ майл дорем,
Забони тоҷикӣ болу пари мост.

Забони модарӣ – обу гили мо,
Забони Рӯдакиву Бедили мо.
Ба эъҷозаш физояд меҳри миллат,
Тапишҳои раҳоварди дили мо.

Пур аз май шуд, азизон, соғари мо,
Намеояд ба мастӣ бовари мо.
Зи ишқи шишаву ибриқу соқӣ,
Равад аз дил ғами бому дари мо.

Нигоро, ҳусни ту, гӯӣ, нигин аст,
Адо ороиши рӯи замин аст.
Бидеҳ аз кунҷи лаб як бӯсаи сабз,
Таманнои мани ошиқ ҳамин аст.

Гаҳе шоду гаҳе ғамнок моем,
Гаҳе дилғаш, гаҳе дилпок моем.
Ба молу мулк моёнро чи ҳоҷат,
Ки фардо мурдае дар хок моем.

Ҷавонӣ меравад, гирён нагардам,
Ба кунҷи узлате пинҳон нагардам.
Абас буд роҳати дунё бароям,
Ки худ дар зиндагӣ девон нагардам.

Бувад шоир чу хуршеди замона,
Баҳоросо дилаш ранги фасона.
Бимирад худ, вале осори сабзаш
Бимонад то абад аз ӯ нишона.

Аҷаб давру замон, давру замон аст,
Басо носозие андар ҷаҳон аст.
Ба сар ояд маро садҳо муаммо
Чи хуш, ёрам Худои ломакон аст.

Нигоҳи равшанат истора дорад,
Рухи покат диламро пора дорад.
Намебинам туро аз чӣ ба серӣ?
Замона ҳар дуро овора дорад.

Расид акси рухат бар хонаи чашм,
Ба дил омад ба зудӣ номаи чашм.
Миёни ҳар ду омад ин қароре,
Рисолат дорад ин афсонаи чашм.

Сухан з-оинаи дил метаровад,
Ғубори синаро берун барорад.
Ба эъҷозаш бидонед, эй азизон,
Фишори зиндагиро мефарорад.

Аёдат кардани пирон савоб аст,
Ба ташна давлате як коса об аст.
Харобу лоғаре бинӣ, мапурсаш,
Ки аз чӣ бемадор асту хароб аст?

Ту ёри булҳавас бошӣ, чӣ ҳосил?
Бари ҳар хору хас бошӣ, чӣ ҳосил?
Надорӣ иффате дар дил, дареғо,
Чу кабке дар қафас бошӣ, чӣ ҳосил?

Само дар доманаш истора дорад,
Замин чун модаре гаҳвора дорад.
Муҳаббат дар дили ду ҷуфти ҳамдил
Ба сони чашмае фаввора дорад.

Дареғи соате, к-он аз раҳиш монд,
Дареғи дил, ки ногаҳ аз тапиш монд.
Дареғи дилбари дар ишқ содиқ,
Маломатгаштаву дар сарзаниш монд.

Суруди ишқ бишнидан гуворо,
Физояд шодии дилҳои моро.
Кӣ аз дил бар диле раҳ мекушояд?
Чӣ гӯям қудрати дасти Худоро?

Китоби зиндагӣ дорад муаммо,
Ки мушкил омада фаҳмаш бари мо.
Кушой як даре, сад иллате пеш,
Ҳама нешаш бувад дарди сари мо.

Надида рӯи ту оҳе кашидам,
Ба дафтар сурати моҳе кашидам.
Зи нури маҳ бароят, ёри ҷонӣ,
Ба дунёи дилам роҳе кашидам.

Ба духтар ҳар касе теғи нигаҳ кард,
Ба ин ношукрияш садҳо гунаҳ кард.
Ҳамин духтар зи сардии дили шаб
Ба рӯям кӯрпаву бар сар кулаҳ кард.

Агар ёрат накӯ, фарзона бошад,
Ҳаёту зиндагӣ афсона бошад.
Зи рашкат мезанӣ оташ ҷаҳоне,
Чи фарқе зан ба кору хона бошад?

Сари роҳе гули дилдода бошад,
Ҳазорон мошине истода бошад.
Намебинад чаро ронандае ҳеҷ,
Ки пире рӯи раҳ афтода бошад?!

Намефаҳмӣ ҳама асрори дунё,
Бинолад гул фақат аз хори дунё.
Азият дида ин пири куҳансол,
Чаро бошад, чаро безори дунё?

Суханро ҳалқаи мӯи ту кардам,
Ғазалҳоро саногӯи ту кардам.
Чу моҳи комиле дидам, туро ман,
Хаёли кулчаи рӯи ту кардам.

Баҳори ошиқӣ поянда бодо,
Ҷаҳони дилбарӣ тобанда бодо.
Барои ошиқон тавлиди фарзанд
Гулистони раҳи оянда бодо!

Ба домоди наку бахту саодат,
Муборак бод арӯси тозаталъат.
Дуои ман, азизонам, чунин аст:
Салоҳу амн дар киштии қисмат.

Дилам тангу дилам тангу дилам танг,
Ки оҳанро ҳамеша мехурад занг.
Ҷавон тобад, ҷавон, то марди солор,
Ба мӯи сап-сафедаш мезанад ранг.

Ҳар он кас, ки асири моли дунёст,
Варо з-одамгарӣ дигар чӣ парвост?
Наҷӯяд доруе бар умри ҷовид,
Хаёлаш дар сари бозору савдост.

Нигоҳи чун саҳар дорӣ, гули ман,
Лабони чун шакар дорӣ, гули ман.
Мунаввар мешавад гетӣ саросар,
Чу бар олам назар дорӣ, гули ман.

Ба ҳарфи бад диле озурда созӣ,
Чи суде одаме афсурда созӣ?
Ба рағми он умеди мурдаи худ
Умеди зиндаеро мурда созӣ.

Зи шодӣ дил куҷо тарсида бошад?
Куҷо аз ғам лабе хандида бошад?
Куҷо бошад дили бе тан равона,
Садояшро касе бишнида бошад?

Зи ҷӯю чашмае дарё равон аст,
Ба гул ё сабзае дунё ҷавон аст.
Нахоҳад одамӣ тири камоне,
Писандаш тобиши турукамон аст.

Зимистони маро, ҷоно, баҳорӣ,
Хуморам бишканад чашми хуморӣ.
Шудам савдоӣ аз парвоят имрӯз,
Намедонам чаро парво надорӣ?

Касе гӯяд, ки дунё охир омад,
Хатои бандагон бар хотир омад.
Ҳама масту гунаҳҳо шуд паси сар,
Чу базми Зуҳрае бо Тоҳир омад.

Дуои пир асо бошад ба инсон,
Чу ояд мушкиле, гардонад осон.
Чаро андар дилат набвад тараҳҳум?
Марав бар роҳи каҷ, эй дӯст, ин сон.

Гурӯҳе, ки зи мастӣ сар бароранд,
Ниёз афтад, ба зудӣ сар фароранд.
Ба ҷуз андешаи «гӯр сӯзаду дег»..,
Нигоҳе бар раҳи фардо надоранд.

Дар он ҷое, ки қадри илму фан нест,
Барои мардуми доно Ватан нест.
Хаёли тозаро, дардо, наҷӯянд,
Хаёли мурдаро гӯру кафан нест.

Ду лаб бар ҳам расад, борад шарора,
Ду лаб аз ҳам раҳад, афтад ситора.
Ба ёри аввалин содиқ бимонед,
Нагирад ҷойи он ишқи дубора.

Ҳаёти мову ту ҷуз як нафас нест,
Тамоми зиндагӣ ғайр аз ҳавас нест.
Биёбӣ, давлати дунёи фонӣ,
Ҳама ашёи олам дастрас нест.

Чаро аз гил расад гулҳои зебо?
Дурахше дораду боби тамошо.
Чу бӯйидам гуле, омад садое:
Худо дорад фақат дасти тавоно.

Баҳоросо, чу барги гул қабоят,
Ҳамезебад ба он сарви расоят.
Равон гардӣ, чу кабки хуш хироме,
Биҳишти накди ман бодо фидоят.

На ҳар зан оқилу фарзона бошад,
Чароғи равшане дар хона бошад.
Ба ёри тозарӯ нур оварад дил,
Ҳаёту зиндагӣ афсона бошад.

Агар қадри падар, донӣ, расоӣ,
Гарон бошад, гарон аз ӯ ҷудоӣ.
Нагирӣ давлати дасти дуояш,
Чӣ ҳосли з-он ҳама оши худоӣ.

Зи асрори ҷаҳон огаҳ нагаштам,
Ба ҳарфи нокасон гумраҳ нагаштам,
Ҳазорон садди дунёро гузашта,
Чу дарё рафтаму аз раҳ нагаштам.

Чаро аз зиндагӣ нолида рафтӣ?
Зи хористони дил гул чида рафтӣ?
Нишонат не ба авроқи замона,
Чӣ суд дар ишрату болида рафтӣ?

Китоб оинаи фарҳанги миллат,
Башорат аз хирад, аз нанги миллат.
Бихониаш, расад ба гӯш, азизон,
Навои дилкаши оҳанги миллат.

Биё, Наврӯз, эй буду набудам,
Ки ҷӯшад хуни нав андар вуҷудам.
Дар эҷоди ғазалҳои равоне,
Ба хуни дил қаламро озмудам.

Биё, Наврӯз, аз ту хуш насим аст,
Фурӯғат аз Худованди карим аст.
Ба эҳсонаш ҳамин домони сабзат
Китоби сабзи Луқмони Ҳаким аст.

Биё, Наврӯз, шодам аз ҷамолат,
Гуворо талъати фархундафолат.
Ба ҷоми гул басо мастона нӯшам
Зи оби чашмаи софу зулолат.

Қасам бар номи рӯҳафзои модар,
Пазирам ҳиммати волои модар.
Биҷӯӣ гар саросар рӯи олам,
Намеёбӣ касе ҳамтои модар.

Ба рангинӣ чу дунё нози духтар,
Ба ширинӣ чу дарё нози духтар.
Ба ҳар мавҷаш барад дилро ҳамора?
Зи маҷрое ба маҷро нози духтар.

Нигоҳат вирди лаб дорад тарона,
Канорат оламе пур аз фасона,
Аҷаб дорам, ки донишгоҳи ишқат,
Надорад шуъбаҳои ғоибона.

Ду чашмонат дурахши чашми ахтар,
Нигоҳи ту парафшон, боли кафтар.
Чӣ иншо оварам бар дарси ишқат,
Баёзи гарданат авроқи дафтар.

Сазовори ҷазо бошад хабаркаш,
Дучори сад бало бошад хабаркаш.
Агарчи тирагӣ бошад хисолаш,
Талабгори зиё бошад хабаркаш.

Чаро бӯйи хазон дар гулшани мост?
Чаро занги замон дар оҳани мост?
Бидон, марди раҳи дунёи маънӣ,
Хатои бандагон дар гардани мост.

Чу Маҷнун ҳеҷ як ошиқ наояд,
Ба мислаш дар вафо содиқ наояд.
Биёяд шоири давру замона,
Ба сад соле дигар Лоиқ наояд.

Аё модар, ту Хуршеди сари ман,
Чу шаҳбозам туӣ болу пари ман.
Зи дунё дорам уммеде, ки боре
Тасаллоят диҳад шеъри тари ман.

Ба май ин шиша зеби маҳфили мо,
Шаробаш мавҷи дарёи дили мо.
Тиҳӣ гардад агар, қимат надорад,
Бихобад ҳамчу сайди бисмили мо.

Нигоҳи барқи ту дорад шарора,
Биафрӯзад шаби дилро ҳамора.
Туро гуфтам, ки ҳастӣ моҳи комил,
Биомад з-ин сухан рашки ситора.

Зи васфи модаре моро шиносед,
Зи ашки ахтаре моро шиносед.
На аз рӯи китобу назми ноҷӯр,
Зи шеъри дафтаре моро шиносед.

Нигоҳи босафо дорад гули ман,
Ба гесӯяш ҷило дорад гули ман.
Маро бинад, шавад чун лола ба рӯяш,
Басо шарму ҳаё дорад гули ман.

Ба дарё бингарам, мастона тобад,
Ба саҳро бингарам, афсона тобад.
Фузуда қимати хори сари раҳ
Ба дунё бингарам, девона тобад.

Куҷой ту, куҷо, ёри дили ман?
Ки бардорӣ даме бори дили ман.
Зи ҳар як захмам ғамҳои дурӣ
Гусаста мешавад тори дили ман.

Дар ин олам фақат ошиқ бимонад,
Ба ёри зиндагӣ содиқ бимонад.
Аз ин маҳфил барои дӯстдорон
Гули байти тари Лоиқ бимонад.

Биё, Наврӯз, атри гулшани мо,
Муанбар кун қаборо дар тани мо.
К-аз омад – омадат накӯнавиде
Дарояд аз дари илму фани мо.

Биё, Наврӯз, бар болои дида,
Фалакосо мешавад сарви хамида.
Биё, то гул кунад во рӯи зебо,
Замони чаҳ-чаҳи булбул расида.

Худоё, қудрати наврӯзиам деҳ,
Зи фарҳанги замона рӯзиам деҳ.
Кушоям то дари асрори маънӣ,
Баҳори хотири гулдӯзиам деҳ.

Биё, Наврӯз, оламро ҷавон кун,
Зи файзи худ заминро гулситон кун.
Чароғи олами даврон туӣ, ту,
Мунаввар дидаро аз арғувон кун.

Биё, Наврӯз, бо ҳусни баҳорам,
Зи омад – омади ту беқарорам.
Биё, нахли умедам ғарқи гул кун,
Ки пур гардад аз он домони ёрам.

Сарафрозам зи Насри Сарфарозӣ,
Зи панди қанди ӯ дил гашта розӣ.
Чи хуш бошад, зи устоди забардаст,
Шуда домони шеъри мо намозӣ.

Биё, Наврӯзи истиқлоли тоҷик,
Биё, ҷоно, ба истиқболи тоҷик.
Ба нури гул мунаввар кун диёрам,
Расад то бар само иқболи тоҷик.

Нафаси фасли баҳорӣ, суманак,
Ҳаваси базми нигорӣ, суманак.
Сурату сирати ту рамзи баҳор,
Ғазали сабзи диёрӣ, суманак.

Баҳор омад, замона гулбасар шуд,
Табиат чун нигори хушназар шуд.
Навои булбулу овои чашма,
Ба ҳам омехта, ширу шакар шуд.

Биё, Наврӯз, бе ту ман ҳазинам,
Кашад пайваста ғам аз остинам.
Дилам хоҳад миёни сабзазоре
Бари гул бо гуландоме нишинам.

Кафкӯбӣ бояд, ёрони дилшод,
Бар маҳфил омад сунҳору домод.
Хезед аз ҷо бахри муҳаббат,
Аз панҷаи ғам дил гашт озод.

Бар гӯш ояд, сози тарона,
Ин маҳфили мо мисли фасона.
Дар тахти шоҳӣ дилдодагонанд,
Бодо, чунин бод то ҷовидона.

Гулашки шодӣ дар дидаи ёр,
Васфаш бубахшам девони ашъор.
Аз кафзаданҳо ояд садое:
Бодо муборак, ин бахти бедор!

Бар тахт ояд ду ҷуфти ҳамдил,
Бо шеъри Туғрал, бо шеъри Бедил.
Соқӣ, қадам зан, аз соғарат пеш,
Бе бодаи талх ин кор мушкил.

Ҷавонон дидаи бедори миллат,
Камоли пояи девори миллат.
Равона сӯйи раҳи фардои рахшон,
Ҷавонон давлати дидори миллат.

Баҳоросо шарар дорад ҷавонӣ,
Чу дарё байти тар дорад ҷавонӣ.
Ба домани самои орзуҳо
Гули чашми Қамар дорад ҷавонӣ.

Дили ҳар навҷавон бошад агар соф,
Ба пеши аҳли маънӣ кай занад лоф?
Замона бебало гардад ҳамара,
Ҷавононро будӣ дасту дили пок.

Ҷавонӣ давлати ноёб бошад,
Барои ташна ҷӯйи об бошад.
Набинад давлати рӯзи ҷавонӣ,
Касе аз бандагони хоб бошад.

Ҷавонӣ мезанад фарёд, фарёд,
Зи ношукрони ин бахти худодод.
Ки умри навҷавонӣ бар абас рафт,
Пушаймонгаштагон гӯянд сад дод.

Ҷавонӣ ҳамчу дарёе равона,
Ба лаб дорад гули байту тарона.
Пур аз бар гар шавад шохи ҷавонӣ,
Бимонад номи кас то ҷовидона.

Ҷавонӣ меравад, вопас нагардад,
Ҳабиби гумраҳу нокас нагардад.
Бувад оини он ҳимматбаландӣ,
Чу дарё зери хору хас нагардад.

Ҷавонӣ меравад, н-ояд ба такрор,
Биомӯзад ҳунар инсони бедор.
Агар дорӣ ту ахлоқи ҳамида,
Худо гардад, яқин, ёру мададгор.

Ҷавонӣ давлати шоҳона дорад,
Ҳазорон қиссаву афсона дорад.
Ба сандуқи хаёли тозаи мо
Зи даврони куҳан дурдона дорад.

Ҷавонӣ ташнаи дидори дилбар,
Гаҳе дар сояи девори дилбар.
Чу булбул дорад армони басо нек;
Бубинад ҳусни нотакрори дилбар.

Ҷавонӣ нахли нав, лабрези гулҳост,
Тароват дораду боби тамошост.
Зи оҳи пир ояд ин садо хуш:
Ҷавонӣ меваи умри гуворост.

Ҷавонӣ зӯрию пирӯзӣ дорад,
Ҷавонӣ ҷомаи гулдӯзӣ дорад.
Тароват дораду ҳусну малоҳат,
Ҷавонӣ лолаи наврӯзӣ дорад.

Ҷавонӣ дидаи серӣ надорад,
Ҳазорон иллати пирӣ надорад.
Касе дар нимараҳ монад варо, к-ӯ
Мадору ғайрату шерӣ надорад.

Ҷавонон, зираку ҳушёр бошед,
Батадбиру банангу ор бошед.
Сари гаҳвораи тифли сиёсат
Чу аскар доимо бедор бошед.

Ҷавонӣ меравад ҳамсони дарё,
Ба чашм оинаи рахшони дунё.
Ба рағми даври кӯтаҳ, бахт орад
Намонад кори имрӯзаш ба фардо.

Ҷавонӣ хӯшаи навруста бошад,
Ҳамеша барги сабзе ҷуста бошад.
Напояд дар бари ашхоси коҳил,
Ду дасташро аз онон шуста бошад.

Ҷавонӣ шӯру шар дорад ҳамеша,
Ба азми худ зафар дорад ҳамеша.
Зи лутфи тозаи ёри вафодор,
Ба лабҳояш шакар дорад ҳамеша.

Бигир ин нуктаро пайваста дар ёд,
Ҷавонӣ давлате бошад худодод.
Ҷавонӣ кӯдаки шухе набошад,
Ки бар пешат расад созӣ чу фарёд.

Ҷавонӣ ботароват чун баҳор аст,
Фазои сабзи он чун кӯҳсор аст.
Бичӯшад хуни он дар косаи дил,
Пайи армон насими беқарор аст.

Ҷавонӣ, дар дилат садҳо таманно,
Ба як ҷастан гузар созӣ зи дарё.
Ҷаҳон дар чашми ту рангобаранге,
Надорӣ дар дилат ғамҳои дунё.

Ҷавонӣ меравад, пирӣ гувоҳе,
Ба чашми дил туро бояд нигоҳе.
Ба армоне расидан хуб, аммо
Гарон бошад бимонӣ нимароҳе.

Ҷавонӣ шохаи сабзи дарахт аст
Ба пирӣ одамӣ сусту карахт аст.
Ҳар он нахле, ки дорад решаи сабз,
Варо парво куҷо аз боди сахт аст?!

Ман он ошиқ, ки дар қолаб нағунҷад
ҷамъи афкорам,
Занад берун чу дарёи муҳаббат
мавҷи оҳангам.
Ман он нахлам, ки аз зарби табардасте
надорам бим,
Касе буррад зи бозуям, ба зону
сабз мегардам.

# ФАСЛИ ПАНҶУМ

# ГУЛИСТОНИ ХАЁЛ

*(Байтҳо)*

* * *

Роҳбаре, ки дасти ҳирси худ набаст,
Оқибат донам, ки пои ӯ шикаст.

* * *

Он гуле, ки бӯ надорад, чун хас аст,
Булбулонро накҳати гулшан бас аст.

* * *

Зиндагӣ бошад агар бе рангу нур,
Чун хамире, ки напояд дар танӯр.

* * *

Раҳи пирӣ биҷӯ андар ҷавонӣ,
Ки дар пирӣ ту бе пои равонӣ.

* * *

Зан агар монад чароғи хонаро,
Мард дорад шеваи парвонаро.

* * *

Ҳар кӣ бо ҳарфи накӯ дар хона аст,
Бо арӯси зиндагӣ ҳамхона аст.

* * *

Ҳар кӣ бо зиштии кӯдак ханда кард,
Риштаи пайвастаеро канда кард.

* * *

Ғурур асту наёбам давлати беш,
Надорам дидаи гурге, ки бар меш.

* * *

Сари болои мо боло набошад,
Агар фарҳанги мо воло набошад.

* * *

Бо лаби ноне, ки додам, саг қаноат мекунад,
Ними ҷон додам, вале ёрам ҳақорат мекунад.

* * *

Рӯди дил ҷӯшад маро аз гармии дунёи шеър,
Тифли ёди ман бинӯшад об аз дарёи шеър

* * *

Фарзанди падар давлати бедори падар,
Андар нигаҳаш нусрати дидори падар.

* * *

Кам нагардад неъмати нони хасис,
Ваҳ, чӣ мушкил хӯрдани нони раис!

* * *

Дар ҷавонӣ, то тавонӣ ҳар қадар
Рӯ матоб аз хизмати модар, падар.

* * *

Сояи мо субҳи равшан мешавад,
Донаи мо ҷамъ хирман мешавад.

* * *

Рӯи раҳ девор кардӣ, бигзарам,
Сар ба сар аз хор кардӣ, бигзарам!

* * *

Хун ба хун шустан куҷо оин аст?
Ранги хун з-оби равон метарсад.

* * *

Зиндагӣ ҳар дам фишорам медиҳад,
Хуррамии ғуссаборам медиҳад.

* * *

Ботаҳаммул ҳарф маъно мешавад,
Бетаҳаммул ҳарф расво мешавад.

* * *

Одам аз айби замон метарсад,
Олам аз ҷанги ҷаҳон метарсад

* * *

Такя ҳар кӣ, эй азизон, бар дуои пир кард,
Мушкилот зиндагиро метавон тадбир кард.

# МУНДАРИҶА

## ФАСЛИ ЯКУМ

ГУЛХАНИ ИШҚ *(Шеърҳо)* .................................................... 3

## ФАСЛИ ДУЮМ

ЛАЗЗАТИ ДИДОР *(Ғазалҳо)* ................................................. 45

## ФАСЛИ СЕЮМ

АНГУБИНИ КИЛК *(Манзумаҳо)* ........................................ 107

## ФАСЛИ ЧОРУМ

ШАҲДИ МУДДАО *(Рубоӣ ва дубайтиҳо)* ........................ 119

## ФАСЛИ ПАНҶУМ

ГУЛИСТОНИ ХАЁЛ *(Байтҳо)* .......................................... 171

**Бо тамғаи нашриёти «Адиб» чоп шудааст.**

**ХАЛИФАБОБО ҶУМЪАЗОДА**

**ДАРЁИ ЧАШМ**

*(маҷмӯаи шеърҳо)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*

Ба матбаа 12.03.2018 супорида шуд.
Чопаш 16.03.2018 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 11. Адади нашр 100 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а

Дар матбааи «Офсет Империя» ба чоп расидааст.